**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ: 930.25.85. (575.3) (076)**
**ТКБ:66.1**
**Ғ-94**

**ҒУЛОМОВ ТОҶИДДИН МИРЗОАЛИЕВИЧ**

# ТАЪРИХНИГОРИИ ЗАБТКОРИҲОИ АРАБ ВА МУБОРИЗАҲОИ ИСТИҚЛОЛХОҲОНАИ МАРДУМИ ХУРОСОНУ МОВАРОУННАҲР ДАР АСРҲОИ VIII-X

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси
07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои
таҳқиқоти таърихӣ

**ДУШАНБЕ – 2023**

Диссертатсия дар кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст

**Муқарризони расмӣ**

**Саидов Абдуқаххор** – доктори илмҳои таърих, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Ҳақназаров Абдуназар** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгохи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

**Қурбонов Бахром Раҳмонович** – доктори илмҳои таърих, профессор, ноиби ректор оид ба таълими Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

Ҳимоя рӯзи____соли 2024, соати 13:30 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D: КОА-024 барои ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, ки дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) амал мекунад, баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва дар сомонаи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (https://tnu.tj/) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «___» ___________ соли 2024 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Акрамова С.Х.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X яке аз масъалаҳоест, ки атрофи он пажӯҳишҳои фаровон сурат гирифта бошад ҳам, то имрӯз аз мавзуъҳои доғи таърихнигории миллӣ шинохта мешавад. Дар ин бора ҳатто афроди ғайриҳирфаӣ ва дур аз илми таърих низ андешарониву муҳокимарониҳо кардаанд. Академик Бобоҷон Ғафуров дар мавриди баррасии ин масъалаи муҳим таъкид карда буданд, ки "ҳангоми баҳо додан ба аҳаммияти таърихии аз тарафи арабҳо истило шудани Осиёи Миёна, чуноне ки дар баъзе таҳқиқотҳо ба шакли пардапӯшида ба назар мерасад, набояд ба ифроту тафрит роҳ дод".[1] Ин мавзуъ аз масъалаҳои мубрами таърихии мардумони Осиёи Миёна ва хосатан давраи ташаккули халқи тоҷик ва таҳкими давлатдории он ба ҳисоб меравад.

Аҳаммияти илмии ин масъаларо ба назари эътибор гирифта, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр намудаанд: "Зуҳури ислом бо вуҷуди шикастани низоми иҷтимоиву иқтисодии ҷомеаи сосонӣ ва мардуми Варорӯд таконе дар низоми зиндагӣ ва андешаи худшиносиву ҷаҳоншиносии кулли ақвоми ориёӣ гардида, онҳоро ба роҳу равиши нави худошиносӣ ва ойини яктопарастӣ ҳидоят намуд".[2] Ҳамчунин зарурати таҳқиқ ва омӯзиши ин масъала дар шароити таъғирёбандаи ҷаҳони муосир ва бунёди давлати миллӣ аҳаммияти хосро пайдо намудааст. Дар воқеъ андешаҳое, ки Пешвои муаззами миллат солҳои тӯлонӣ расман эълон медорад ва онҳоро дар таҷрибаи амалӣ исбот менамояд, аз нигоҳи мантиқи илмӣ, ҳақиқатнигорӣ ва воқеъбинӣ мукаммалтарин ва пешқадамтарин ғояи маънавӣ дар масири таърихии рушд, пойдории миллати тоҷик ва давлатдории он мебошанд.[3]

Агар, аз як тараф забткориҳои араб дар Хуросон сабаби шикасти бебозгашти низоми шоҳаншоҳии Сосониён шуда бошанд, аз ҷониби дигар сохти яккаҳокимияти мутлақ ва пуртаззоду шадиди табақотӣ, вазъи ногувори иқтисодӣ ва омезиши эътиқодоти мардум ба боварҳои гуногун, ба пойдеvори ин давлат зарба зада, боиси таназзул ва шикасту суқути он гардид. Арабҳои бодиянишин, ки муддатҳо тобеъ ва боҷу хироҷгузори Сосониён буданд, дар интиҳо ин шоҳаншоҳии бузургро на танҳо аз байн бурданд, балки низоми нави сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро тавассути ойини навини хеш дар амал татбиқ сохтанд.

Халифаҳою волиёни араб дар тули забткориҳо ва раванди идории Хуросону Мовароуннаҳр ба амалҳои ғайриодилона ва берун аз қавонини дини нав даст заданд, ки боиси ба вуҷуд омадани ошӯбҳои зиддиарабӣ дар ин минтақа гардиданд. Арабҳои истилогар вазифаҳои аслии худро, ки интишори ислом буд, як тараф гузошта, даст ба тамаъ ва моли мардуми Хуросону Мовароуннаҳр заданд. Дар баробари таҳкими ҷизя ва хироҷҳои вазнин бар дӯши мардуми одӣ, онҳо аз усулҳои аслии дин, хоссатан дар масъалаи адолати иҷтимоӣ даст кашиданд, ки дар натиҷа мардуми аз ин сиёсат норозӣ даст ба исёну шӯришҳо заданд. Натиҷаи

[1] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна ва давари нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I. – С.429.

[2] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3. – С.152.

[3] Ятимов С. Эҳёи миллат-бақои давлат.// Рӯзномаи Ҷумҳурият», №171(24 782) аз 24.08.2023

шӯришҳои мардумӣ аз он иборат буд, ки неруи бузург ва тафаккури зиддиарабиро дар Хуросону Мовароуннаҳр ташаккул дода, минбаъд аз ҷониби халифаҳои Аббосӣ барои идораи минтақа сулолаҳои бузургу муаззами Бармакӣ, Тоҳир ибни Ҳусайни Пушингӣ, Фазл ибни Саҳли Сарахсӣ, Саффориён ва хонадони Сомониён ба умури давлатӣ, ба мансаби волиёни Хуросону Мовароуннаҳр, вазирон ва сарлашкарон таъйин мегардиданд, ки ин орзуи деринаи мардумони бумии Хуросони бузург дар роҳи ҳифзи марзу буми аҷдодияшон буд.

Аҳаммияти ин мавзуъ барои баррасӣ дар қолаби як диссертатсияи докторӣ ба назари ин ҷониб бо далелҳои зерин собит мегардад:

***Якум,*** замони истилои араб дар таърихи сиёсии минтақа ва ҷаҳон ба давраи нав асос мегузорад, ки садсолаҳо идома ёфта, аҷдоди тоҷикон ба марҳилаи нави мадори сиёсати ҷаҳонӣ шомил мегарданд. Ин қаламрав аз марзи Хитой то нимҷазираи Пиреней идома ёфта, на танҳо сабаби густариши дини ягона, балки тиҷорати ҷаҳонӣ ва таъсиргузории мутақобилаи фарҳангҳо гардид;

***Дувум,*** истилои араб ба силсилаи давлатдории бостонии аҷдоди тоҷикон хотима дода бошад ҳам, онҳоро аз раванди таъсиргузорӣ ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дур насохт ва истеъдоду заковати фитрии тоҷиконро дар арсаҳои дигар борвар сохт;

***Савум,*** яке аз муҳимтарин паёмадҳои забткориҳои араб истиқрори дини нав миёни мардуми ориёинажод гардида, дар ҷаҳонбинии тоҷикон таҳаввули азим эҷод кард, ки дар давоми беш аз ҳазор сол он побарҷо монда, осори бузурги илмиро тавлид кард;

***Чорум,*** ҳарчанд ин истило раванди ташаккулёбии халқи тоҷикро ба таъхир андохт, вале дар умум онро аз байн набурд ва ислом, ки дар минтақаи Хуросону Мовароуннаҳр на бо арабӣ, балки бо забони форсӣ-тоҷикӣ тарвиҷ гашт, ки ин забон маҳз дар ин давра ташаккул ёфта, саранҷом забони умумии қавмҳои эронӣ гашта, ба раванди муттаҳидшавии халқи тоҷик мусоидат кард;

***Панҷум,*** пирӯзии арабҳо бар Хуросону Мовароуннаҳр ва муборизаҳои истиқлолхоҳии мардумӣ дар ин сарзамин раванди осудаву ҳамвор набуда, дар ҷараёни он унсурҳои нави фарҳангӣ, ҳувияти миллӣ ва суннату русуми мардуми бумӣ ташаккул ёфта, то имрӯз идома меёбад. Арзёбӣ ва натиҷагирии илмӣ аз ин давраи таърихӣ вазифаи таъхирнопазири таърихнигории миллӣ мебошад;

***Шашум,*** тоҷикон ҳамчун ҷузви қаламрави ягонаи хилофати мусулмонӣ дар асрҳои VIII-XIII дар тараққиёту шукуфоии ин тамаддун нақши бориз гузоштанд, ки на ҳамеша аз ҷониби муаррихони хориҷӣ эътироф ва қадр мешавад. Бо такя бар сарчашмаҳои муътабари асрҳои миёна саҳми тоҷиконро дар густариши минбаъдаи тамаддуни асрҳои миёнаи Шарқ нишон додан вазифаи муҳимми таърихнигории миллӣ дониста мешавад;

***Ҳафтум,*** дар Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳои мусулмоннишини Шарқи Наздик ва Миёна дар давоми сӣ соли охир исломи сиёсӣ ба шиддат дар ҳоли паҳншавӣ буда, ҷомеаҳои муосир ва фарҳангу давлатдориҳои дунявӣ ва миллиро таҳдид мекунад. Омӯхтани решаҳо ва заминаҳои ин ҳаракат имкон медиҳад, ки бо чунин зуҳуроти номатлуб огоҳона мубориза бурда, насли наврасро аз паёмадҳои он огоҳ созем.

**Дараҷаи коркарди илмии масъалаи мавриди омӯзиш.** Олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ҷанбаҳои гуногуни таърихи забткориҳои араб ва

муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардумӣ дар Хуросону Мовароуннаҳрро мавриди таҳқиқу омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ қарор додаанд. Дар омӯзиши масъалаи мазкур саҳми олимону муҳаққиқони **ватанӣ, Осиёи Миёнаву Афғонистон, Эрон, кишварҳои Араб, Русия ва Аврупову Амрико** низ назаррас аст.

Доир ба омӯзиши адёни тоисломии тоҷикон, истилои Хуросону Мовароуннаҳр аз тарафи арабҳо, муборизаҳои озодихоҳонаи мардумӣ ва паёмадҳои забткориҳои онҳо асарҳои пурарзиши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон[1] ҳамчун роҳнамо мавриди истифода қарор доштанд, ки дар онҳо консепсияи омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва методологияи он муайян гардидааст ва рисолаи мазкур дар асос ва бар пояи ин консепсия таълиф гардидааст. Ҳамчунин дар таҳияи рисола ба сифати асари меҳварӣ дар баррасии ҷанбаҳои мухталифи масъалаҳои таҳқиқгардида асари бунёдии таърихнигори барҷаста, ходими намоёни давлатӣ, академик Бобоҷон Ғафуров[2] хизмат намуд.

Дар раванди омӯзиш ва таҳлили мавзуи таҳқиқшаванда рисолаю мақола ва таҳқиқоти илмӣ истифода гардидаанд, ки ба таври шартӣ ба якчанд гурӯҳ ҷудо карда шуданд:

**Ба гурӯҳи якум осори илмӣ-таҳқиқотии олимони тоҷик** шомил гардидаанд, ки саҳми онҳо дар омӯзиши паҳлуҳои гуногуни мавзуи таҳқиқшаванда, таърихи забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр бағоят назаррас аст. Таълифоти олимони муосири тоҷикро вобаста ба мазмуну муҳтаво ва фарогирии мавзуъ, метавон ба чанд бахш тақсим намуд. ***Ба бахши аввал***, нахуст таҳқиқоти ба мавзуъ бахшидашуда, ки ба сифати пояи назариявӣ-методологӣ хизмат мекунад, асари А. Ҷалилов[3] пажӯҳише доир ба лашкаркашиҳои арабҳо ба Суғд ва муборизаи озодихоҳонаи суғдиён ба муқобили арабҳо дар нимаи авали асри VIII, шомил мешаванд. Олими дигари тоҷик Ғ. Ғоибов[4] вазъи Осиёи Миёнаро дар остонаи ҳамлаи арабҳо таҳқиқ карда, инчунин марҳилаи нахустин забткориҳои арабҳоро ба ин сарзамин дар асоси маълумоти “Футуҳу-л-булдон”-и Балозурӣ мавриди баррасӣ ва баҳрабардорӣ қарор додааст.

***Бахши дигари*** таълифоти муҳаққиқони дигари тоҷик ба таҳлили вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии Суғду Тахористон ва Мовароуннаҳру Хуросон, раванди забткориҳо ва густариши ислом бахшида шудаанд.

---

[1] Раҳмонов Э.Ш. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни орийӣ [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 447 с.; ҳамон муаллиф. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3. – 259 с.; ҳамон муаллиф. Дин ва ҷомеа [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 672 с., ҳамон муаллиф. Забони миллат-ҳастии миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – 516 с.; ҳамон муаллиф. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – 364 с.; ҳамон муаллиф. Имоми Аъзам [Матн]: рӯзгор, осор ва афкор / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – 419 с.

[2] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна ва давари нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I. – 700 с, Ҷ.-II. – 412 с.

[3] Джалилов, А. Согд накануне арабского нашествия и борьба согдийцев против арабских завоевателей в первой половине VIII в. [Текст] / А. Джалилов. – Сталинабад, 1961. – 165 с.; ҳамон муаллиф. Из истории культурной жизни предков таджикского народа и таджиков в раннем средневековье [Текст] / А. Джалилов. – Душанбе, 1973. – 286 с.

[4] Гоибов, Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию [Текст] / Г. Гоибов. – Душанбе: Дониш, 1989. – 143 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 906 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи Ҳисори Шодмон, Чағониён ва Душанбе [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 1999. – 221 с.

Дар таҳқиқоти А. Мухторов[1], Ю. Яъқубов[2], Р. Комилов С. Камолӣ,[3] С.А.Хатиб[4], Н. Ҳакимов[5], Қ. Расулиён[6], М. Исоматов[7], ва Ҳ. Камол,[8] ки аз муҳимтарин дастовардҳои таърихнигории миллӣ маҳсуб мегарданд, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию ҳолатҳои эътиқодии сокинони Эронзамин дар арафаи ҳуҷумҳои арабҳо, раванди забткориҳои онҳо дар замони ҳукумати хулафои Рошиддин ва Умавиёну Аббосиён инъикос ёфтаанд.

***Бахши сеюми*** осори муҳаққиқони тоҷик ба масъалаи муборизаҳои озодихоҳӣ бахшида шудаанд. А. Ҳақназаров[9] дар мавриди муборизаҳои эрониён ба муқобили арабҳо таҳқиқоти арзишманде анҷом дода, вале дар мавриди муборизаҳои мардуми Хуросон бар зидди хилофати Умавиёну Аббосиён то соли 734 милодӣ, ки хеле муҳиманд камтар таваҷҷуҳ намудааст. Муҳаққиқ Л. Бойматов[10] низ шӯриши Муқаннаъро дар гузориши мухтасар баррасӣ кардааст.

***Дар бахши чорум*** рисолаҳои олимони тоҷик, ки ба мавзуъҳои саҳми тоҷикон дар ташаккул ва ривоҷу равнақи илму фарҳанг дар садаҳои VIII ва X мелодӣ бахшида шудаанд, мавриди истифода қарор ёфтаанд. Дар ин самт аз таҳқиқоти муаррихони шинохта Ҳ. Назаров[11] ва Ибни Қурбон[12] метавон ёдовар шуд. Рисолаи доктории С. Муллоҷонов[13] ва баъзе таҳқиқоти дигари ӯ[14] ба масъалаи нақши омили динӣ дар таърихи сиёсӣ ва иҷтимоии Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои IX-XI бахшида шуда, бар пояи сарчашмаҳои муътабари арабиву форсӣ ва осори муҳаққиқони варзидаи ватаниву хориҷӣ таълиф гардидаанд.

---

[1] Мухторов, А. Афшин Ҳайдари Истаравшанӣ бузургтарин лашкаркаши Араб (асри IX) [Матн] / А. Мухторов. – Истаравшан: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2005. – 101 с.

[2] Якубов, Ю. Религия Древного Согда [Текст] / Ю. Якубов. – Душанбе: Дониш, 1996. – 360 с.

[3] Комилов, Р., Камолӣ, С. Сайре дар андешаҳои иқтисодии ҷаҳони ислом [Матн] / Р. Комилов, С. Камолӣ. – Душанбе, 1996. – 55 с.

[4] Хатиб, С.А. Таърихи Хулафои Рошидин [Матн] / С.А. Хатиб. – Душанбе: Суннатулло, 2006. – Ҷ.I. – 363 с.; Хатиб, С.А. Таърихи Хулафои Рошидин [Матн] / С.А. Хатиб. – Душанбе: Суннатулло, 2006. – Ҷ.II. – 273 с.

[5] Ҳакимов, Н. Таърихи халқи тоҷик. [Матн] / Н. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 484 с.

[6] Расулиён, Қ. Ду ҳазор соли таърихнигории тоҷикон (эрониён) [Матн] / Қ. Расулиён // Осори мунтахаб. – Душанбе: Дақиқӣ, 2014. – Ҷ.1. – С.83-162.; ҳамон муаллиф. Таърихи халқи тоҷик [Матн]: аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёна / Қ. Расулиён. – Душанбе, 2016. – 404 с.

[7] Исоматов, М. «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ [Матн]: пажуҳише андар муносибатҳои Сосониён ва Ҳайтолиён / М. Исоматов. – Душанбе: Сино, 1996. – 136 с.

[8] Камол, Ҳ. Авомили ба сари ҳокимият омадани Сомониён [Матн]: баррасиҳои ҳаводиси таърихии садаҳои VII-IX-и Хуросони Бузург дар асоси манобеи таърихӣ / Ҳ. Камол. – Душанбе, 2022. – 324 с.

[9] Хакназаров, А. Освободительная борьба таджикского народа против Арабского Халифата (633-961) [Текст] / А. Хакназаров. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 372 с.; ҳамон муаллиф. Ҷунбишҳои инқилобии мардумони эронитабор бар зидди хулафои араб [Матн] / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2005.; ҳамон муаллиф. Таърихи баҳамойӣ ва ташаккули халқи тоҷик [Матн] / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2013. – 338 с.; ҳамон муаллиф. Шукуфтаҳои иқтисод ва фарҳанги халқи тоҷик [Матн]: аз оғоз то асри XV мелодӣ / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2021. – 404 с.

[10] Бойматов, Л. Муқаннаъ [Матн] / Л. Бойматов. – Душанбе, 2006. – 30 с.

[11] Назаров, Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 138 с.; ҳамон муаллиф. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе, 2005. – 492 с.

[12] Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим [Матн] / И. Қурбон. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – 479 с.

[13] Муллоджонов, С.К. Влияние религиозного фактора на политическую и социально-экономическую жизн Хорасана и Мавераннахра (IX-XI вв.) [Текст]: дисс... д-ра истор. наук: 07.00.02 / Муллоджонов Сайфулло Кучакович. – Душанбе, 2015. – 353 с.

[14] Муллоджонов, С. Религиозно-еретические движение в X в. [Текст] / С. Муллоджонов // Вестник Таджиксого университета право, бизнеса и политики. – 2013. – №2. – С.63-69.; Ҳамон муаллиф. Низоъи ҳанафиёну шофеиён дар шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр [Матн] / С. Муллоҷонов // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – С.126-145.; ҳамон муаллиф. Таърихи Сиистон ва авзои сиёсиву мазҳабии асрҳои IX-XI милодӣ [Матн] / С. Муллоҷонов // Паёми донишгоҳи миллӣ. – Нашри махсус. – Душанбе, 2010. – С.197-201.

Асарҳои С.Б. Бузургмеҳр,[1] М. Ҳазратӣ ва И. Саидиён[2], А. Шамолов,[3] Д. Давлатзода[4], А. Боқизода[5], Н. Зоҳидов[6] ба масъалаҳои рушди тафаккур ва ҷаҳонбинии фалсафӣ, таҳаввулии фикрии тоҷикон дар асрҳои миёна, зуҳури мактабу ҷараёнҳои динӣ-фалсафии хусусияти миллидошта бахшида шудаанд.

**Ба гурӯҳи дувум** осори муҳаққиқони кишварҳои **Осиёи Миёна ва Афғонистон** шомиланд. Дар байни онҳо асарҳои А. Ҳабибӣ[7]ва М.М. Ғубор[8] доир ба саҳми хуросониён дар густариши илму фарҳанги марҳилаи мавриди таҳқиқ аҳаммияти калон доранд. Муҳаққиқи ӯзбек Т. Қодирова[9] ба ҳаракатҳои деҳқонон ва шӯришҳои оммавии мардумони Хуросону Мовароуннаҳр таваҷҷуҳ намудааст. Таҳқиқоти бунёдӣ доир ба таърихи Ӯзбекистон[10] ва Қазоқистон[11], ки дар доираи арзишҳои идеологии шӯравӣ таълиф шудаанд, ба ин масъала якҷониба муносибат намудаанд. Муҳаққиқони тотор Р. Батыр[12] ва Е. Березиков[13] ба таҳқиқи густариш ва истиқрори мазҳаби ҳанафия таваҷҷӯҳ карда, арзишҳои умумибашарии исломро бар пояи мазҳаби ҳанафия муаррифӣ намудаанд.

**Ба гурӯҳи сеюми** осори олимони **Эрон –** А. Ризоӣ[14], М. Ровандӣ[15] ва Саъид Нафисӣ[16] шомил гардидаанд, ки дар бораи вазъияти иҷтимоӣ ва низоми табақотии шоҳаншоҳии Сосониён маълумоти муҳим доранд. Асарҳои Ҳ. Пирниё ва А. Иқбол[17], А. Халилӣ,[18] А. Зарринкӯб[19], З. Қурбонӣ[20],

---

[1] Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр. Аҳвол ва афкори ҳазрати Имоми Аъзам [Матн] / С.Б. Бузургмеҳр. – Душанбе: Нодир, 2000. – 347 с.

[2] Ҳазратӣ, М., Саидиён, И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / М. Ҳазратӣ, И. Саидиён. – Душанбе: Ориёно, 1992. – 222 с.

[3] Шамолов, А. Ҳуҷҷат-ул-исломи Ғазолӣ [Матн]: андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ / А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 1996. – 328 с.; ҳамон муаллиф. Аҳвол, осор ва афкори Имоми Аъзам [Матн] / А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2009. – 276 с.; ҳамон муаллиф. Каломи Мовароуннахр [Матн] / А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2013. – 569 с.

[4] Давлатзода, Д. Мусулмонон [Матн]: таърихи воқеии инкишоф ва таназзул / Д. Давлатзода. – Душанбе, 2017. – 520 с.

[5] Боқизода, А. Имоми Аъзам-бузургмарди таърихи башарият [Матн] / А. Боқизода. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – 320 с.

[6] Зоҳидов, Н. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII-IX [Матн] / Н. Зоҳидов. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 444 с.

[7] Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.1. – 585 с.; ҳамон муаллиф. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.2. – 1020 с; ҳамон муаллиф. Таърихи Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1367. – 1087 с.; ҳамон муаллиф. Саҳми Афғонистон дар интиқоли фарҳанги Осиёи Миёна [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Маркази таҳқиқоти алломи Абдулҳай Ҳабибӣ, 1382 (2002). – 53 с.

[8] Мирғулом Муҳаммади Ғубор. Афғонистон дар масири таърих [Матн] / М. Ғубор. – Кобул, 1978. – 864 с.

[9] Кодырова, Т. Из истории крестьянских движений в Мавераннахре и Хорасане [Текст] / Т. Кодырова. – Ташкент: Наука, 1965. – 238 с.

[10] История Узбекской ССР [Текст]. – Ташкент: Фан, 1967. – Т.I. – 769 с.

[11] История Казахской ССР [Текст] / под ред. И.О. Омарова. – Алма-Ата, 1949. – Т.I. – 510 с.

[12] Батыр Рустам. Абу-Ханифа [Текст]: жизнь и наследие / Б. Рустам. – Новгород: Медина, 2007. – Т.1. – 276 с.

[13] Березиков, Е. Святые ислама [Текст] / Е. Березиков. – Казан: Татарское книжное издательство, 1996. – 160 с.

[14] Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1368. – Ҷ.2. – 358 с.; ҳамон муаллиф. Аслу насаб ва динҳои эрониёни бостон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Нашри мавҷ, 1372. – 527 с.

[15] Ровандӣ Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / М. Ровандӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1. – 756 с.

[16] Нафисӣ Саъид. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн]: аз инқирози Сосониён то инқирози Умавиён / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342. – Ҷ.2. – 276 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн]: даврони пеш аз таърих ва оғози таърих / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342. – Ҷ.1. – 291 с.; ҳамон муаллиф. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рудакӣ [Матн] / С. Нафисӣ. – Теҳрон, 1336 ш. – 185 с.

[17] Пирниё Ҳасан, Аббоси Иқбол. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Қоҷория [Матн] / Ҳ. Пирниё, А. Иқбол. – Теҳрон: Хайём, 1370. – 864 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Сосониён [Матн] / Ҳ. Пирниё. – Теҳрон: Хайём, 1370. – 237 с.

[18] Халилӣ Аббос. Эрон баъд аз ислом [Матн] / А. Халилӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1335 ҳ. – 320 с.

[19] Зарринкӯб Абдулҳусайн. Таърихи Эрон баъд аз ислом [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1363. – 685 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи тамаддуни Эрон [Матн] / А. Зарринкуб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – 605 с.

[20] Зайналобиддин Қурбонӣ. Таърихи фарҳанг ва тамаддуни исломӣ. [Матн] / Қ. Зайналобиддин. – Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1370. – 355 с.

А. Баҳромӣ,[1] Р. Абдуллоҳ,[2] И. Ризо[3] доир ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Эрон дар давраи зуҳури ислом ва забткориҳои арабҳо маълумоти муфассал медиҳанд. Алоуддин Озарӣ[4] робитаҳои сиёсиву тиҷоратии Эрон бо Чин ва саҳми эрониёнро дар интишори ислом дар Чин таҳқиқ намудааст.

Дар пажуҳиши таърихи Хуросон баъд аз ислом ва гаравидани мардуми он ба ислом асари олимони эронӣ Абдуррафеъи Ҳақиқат[5] ва Муҳаммадазими Сиистонӣ[6] манбаи боэътимод шуморида мешаванд, зеро маълумоти онҳо саҳеҳ ва васеътар буда, ошӯб ва муборизаҳои хуросониён бар зидди арабҳо дар осори онҳо амиқ ва воқеӣ инъикос ёфтаанд.

Муртазо Мутаҳҳарӣ[7] ба масъалаи хеле муҳим – хадамоти мутақобилаи ислом ва Эрон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Бо вуҷуди ин дар баробари нақшгузории ислом ба сарнавишти Эрон, нақши эрониёнро дар тарвиҷу болоравии илму фарҳанги навин низ мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Ӯ мувофиқати худро бо андешаҳои Эдуард Браун[8], иброз дошта, онҳоро такмилу баррасии ҳамаҷониба намудааст.

Ҷаъфар Муртазо Омулӣ[9], Малика Аббос[10], Абдулмунъим Қандил[11], Абдулғанӣ Ҳасан[12], Забеҳуллоҳ Сафо[13], Зайнулобиддин Қурбонӣ[14] ба масъалаҳои саҳми эрониён дар густариши илмҳои табиатшиносӣ, ташкили лашкар, умури идорӣ ва таҳия ва тадвини қавонини исломӣ таваҷҷуҳ намудаанд. Дар таҳқиқоти Аскар Ҳуқуқӣ[15], Аббос Қадёнӣ[16] ва Муҳаммадризо Ҳакимӣ[17] ва дигарон раванди ташаккули андешаҳои сиёсӣ, донишҳои динию дунявӣ дар олами ислом баррасӣ мешаванд. Миёнмуҳаммад Шариф[18], Муҳаммадризо Ноҷӣ[19], Сайид Ҳусайн Наср[20]

---

[1] Акрам Баҳромӣ. Таърихи Эрон аз зуҳури ислом то суқути Бағдод [Матн] / А. Баҳромӣ. – Теҳрон, 1350. – 675 с.
[2] Розӣ Абдуллоҳ. Таърихи комили Эрон [Матн] / А. Розӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1373. – 583 с.
[3] Иноятуллоҳи Ризо. Эрон ва Туркон дар рӯзгори Сосониён [Матн] / И. Ризо. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1384. – 231 с.
[4] Озарӣ Алоуддин. Таърихи равобити Эрону Чин [Матн] / А. Озарӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – 258 с.
[5] Ҳақиқат Абдуррафеъ. Таърихи неҳзатҳои фарҳангии Эрониён [Матн] / А. Ҳақиқат. – Теҳрон: Ширкати муаллифон ва мутарҷимони Эрон, 1347. – 497 с.
[6] Сийстонӣ Муҳаммадазим. Моликияти арзӣ ва ҷунбишҳои деҳқонӣ дар Хуросони қаруни вусто [Матн] / М. Сийстонӣ. – Кобул, 1362. – 669 с.
[7] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе, 1999. – 550 с.; ҳамон муаллиф. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 660 с.; ҳамон муаллиф. Знакомство с исламской наукой [Текст] / М. Мутаххари. – Душанбе, 1974. – 246 с.
[8] Эдуард Браун. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Э Браун; тарҷумаи Алипошои Солеҳ. – Теҳрон, 1336 ш. – 800 с.
[9] Омулӣ Ҷаъфари Муртазо. Салмони Форсӣ [Матн] / М.Ҷ. Омулӣ. – Теҳрон: Таблиғоти исломӣ, 1370. – 162 с.
[10] Малика Аббос. Салмони Форсӣ [Матн] / М. Аббос. – Теҳрон, 1996. – 162 с.
[11] Абдулмунъими Қандил. Зиндагӣ ва сирати Имом Бухорӣ [Матн] / А. Қандил; тарҷумаи Абдурасули Гулронӣ. – Теҳрон: Машҳад, 1385. – 224 с.
[12] Абдулғанӣ Ҳасан. Абумуслими Хуросонӣ [Матн] / А. Ҳасан. – Теҳрон: Сипеҳр, 1353. – 108 с.
[13] Забеҳулло Сафо. Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ [Матн] / С. Забеҳулло. – Теҳрон, 2536 шоҳаншоҳӣ. – Ҷ.1. – 451 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи адабиёт дар Эрон [Матн] / С. Забеҳулло. – Теҳрон, 1362 ш. – Ҷ.I. – 456 с.
[14] Зайналобиддин Қурбонӣ. Таърихи фарҳанг ва тамаддуни исломӣ. [Матн] / Қ. Зайналобиддин. – Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1370. – 355 с.
[15] Ҳуқуқӣ Аскар. Таърихи андешаҳои сиёсӣ дар Эрон ва ислом [Матн] / А. Ҳуқуқӣ. – Теҳрон: Ҳирманд, 1374. – 262 с.
[16] Аббоси Қадёнӣ. Таърихи адён ва мазоҳиб дар Эрон [Матн] / А. Қадёнӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1381. – 320 с.
[17] Ҳакимӣ Муҳаммадризо. Дониши Муслимин [Матн] / М. Ҳакимӣ. – Теҳрон: Дафтар нашри фарҳанги исломӣ, 1371. – 419 с.
[18] Шариф, М.М. Таърихи фалсафа дар ислом [Матн] / М.М. Шариф; тарҷумаи Насруллоҳи Пурҷаводӣ. – Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1370. – 268 с.
[19] Ноҷӣ, М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён [Матн] / М. Ноҷӣ. – Душанбе, 2011. – 1295 с.
[20] Наср Сайид Ҳусайн. Таърихи Эрон. Кембриҷ [Матн] / Ҳ. Наср; тарҷумаи Ҳасан Ануша. – Теҳрон, 1372. – Ҷ.IV.

Саид Муртазо[1] ва дигарон саҳми мардумони Хуросону Мовароуннаҳрро дар ташаккули мактабҳою ҷараёнҳои фалсафӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва фаромиллии тамаддуни исломӣ дар ҳудудҳои шарқии хилофат дар аҳди сулолаҳои тоҷиктабори Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор додаанд.

**Саҳми олимони рус** дар омӯзиши таърихи забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр назаррас буда, осори онҳо ба **гурӯҳи чорум** шомил гардиданд. Олимони рус ба масъалаҳои истилои арабҳо ва истиқрори ҳокимияташон дар минтақа, ҳукуматҳои хулафои Рошиддин, Умавиёну Аббосиён, ҷараёнҳои диниву фалсафӣ, масъалаҳои давлатдориву мухолифатҳои қавмӣ ва ғайра таваҷҷуҳ намудаанд.

В.В. Бартолд[2] оид ба раванди забткориҳои арабҳо, истиқрори ислом ва низоми идории хилофати Умавиёну Аббосиён, вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа, саҳми мардуми минтақа дар низоми идории хилофат, аз ҷумла дар умури артишу сиёсат, густариши фарҳанги исломӣ ва ғайра таҳқиқоти муҳим анҷом додааст. Қобили зикр аст, ки асари муҳаққиқони шӯравии таърихи Афғонистон В.М. Массон ва В.А. Ромодин[3] дар таҳқиқ ва баррасии илмии масъалаҳои мавриди баҳс кӯмаки арзанда намуданд.

Дар асарҳои О.Г. Болшаков[4] ва А.И. Колесников[5] доир ба забткориҳои арабҳо дар қисматҳои ғарбӣ, марказӣ ва шарқии Эронзамин маълумоти дақиқи илмӣ оварда шудааст. Осори И.П. Петрушевский,[6] И.Ю. Крачковский[7], С.М. Прозоров[8] ва И.С. Брагинский[9] дар мавриди раванди забткориҳои араб дар Хуросону Мовароуннаҳр, густариши ислом, такмили қонунҳо ва низоми идории хилофат, омилҳои исломпазирии мардумони минтақа, саҳми хуросониён дар густариши илму адаби давр, лашкаркашиву ғазавот ва низоми идории хилофат манбаи муҳим ба шумор меравад.

Асарҳои Е.А.Беляев[10], В.Г.Луконин[11], Л.С.Василев[12],

---

[1] Саид Муртазо. Шарҳи «Эҳё улуму-д-дин»-и Ғазолӣ [Матн] / Муртазо Саид. – Қоҳира, 1893. – 195 с.
[2] Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1963. – Т.II. – Ч.I. – С.387.; ҳамон муаллиф. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1966. – Т.VI. – С.504-531; ҳамон муаллиф. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1966. – Т.VI. – 785 с.; ҳамон муаллиф. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1963. – Т.I. – 759 с.; ҳамон муаллиф. Туркистоннома [Матн] / В.В. Бартолд; тарҷумаи Карим Кишоварз. – Теҳрон, 1366 ш. – 346 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи Эрон дар қуруни нахустини исломӣ [Матн] / В.В. Бартолд; тарҷумаи Ҷавод Фалотурӣ. – Теҳрон, 1373. – 458 с.
[3] Массон, В.М. История Афганистана [Текст] / М.В. Массон, В.А. Ромодин. – М.: Наука, 1964. – Т.I. – 463 с.
[4] Большаков, О.Г. История Халифата. Эпоха великих завоеваний [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Наука, 1989. – Т.I. – 312 с.; в 4 томах / О. Большаков. – М.: Наука, 1993. – Т.II. – 294 с.; ҳамон муаллиф. История Халифата. Ислам в Аравии [Текст]: ҳамон муаллиф. История Халифата. Ислам в Аравии (570-633 гг.) [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Восточная литература, 2002. – Т.2. – 226 с.
[5] Колесников, А.И. Завоевание Ирана арабами [Текст] / И.А. Колесников. – М.: Мысл, 1982. – 111 с.
[6] Петрушевский, И.П. Ислам в Иране в VII-XV веках [Текст] / П.И. Петрушевский. – Л., 1966. – 399 с.
[7] Крачковский, И.Ю. Избранные сочинения [Текст] / Ю.И. Крачковский. – М., 1955. – Т.1. – 212 с.
[8] Прозоров, С.М. Ислам как идеологическая система [Текст] / М.С. Прозоров. – М.: Наука, 2016. – Т.II. – 365 с.
[9] Брагинский, И.С. Иранское литературное наследие [Текст] / И.С. Брагинский. – М.: Наука, 1984. – 368 с.
[10] Беляев, Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневековье [Текст] / А. Беляев. – М.: Наука, 1966. – 279 с.
[11] Луконин, В.Г. Иран в эпоху первых Сасанидов [Текст] / В.Г. Луконин. – Л., 1961. – 347 с; ҳамон муаллиф. Культура сасанидского Ирана [Текст]: Иран в III-V вв.: Очерк по истории культуры / В.Г. Луконин. – М., 1969. – 262 с.; ҳамон муаллиф. Древний и раннесредневековый Иран [Текст] / В.Г. Луконин. – М., 1987. – 348 с.
[12] Васильев, Л.С. История Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: История, 1998. – Т.I. – 495 с.; ҳамон муаллиф. История религий Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: Высшая школа, 1988. – 413 с.

Н.В.Пигулевская[1], А.Ю. Якубовский[2], И.П. Петрушевский[3], Л.В. Струве ва ғ. барои дарки амиқ ва баррасии масъалаҳои дар диссертатсия инъикосёфта муассир буданд.

Дар баробари осори илмии олимону муҳаққиқони **мактаби классикии рус**, инчунин **осори олимони муосири рус** низ истифода гардиданд, зеро онҳо ба мавзуи мазкур нигоҳи тоза доранд. Масалан, Л.С. Василев[4] тамаддуни динофари кишварҳои Шарқро баррасӣ намуда, раванди забткориҳои арабҳоро давраи харобӣ ва таназзули кишварҳои суннатии Шарқ номидааст. Муҳаққиқи варзидаи ин соҳа А.Ю. Якубовский[5] забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр ва муборизаи мардуми онҳо бар зидди ҳокимияти арабҳо, роҳҳои паҳншавии дин ва дигар масъалаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро таҳлил намуда, ба раванди муборизаҳои озодихоҳии мардуми Хуросону Мовароуннаҳр кам таваҷҷуҳ кардааст.

Дар асарҳои муҳаққиқони дигари рус И. А. Кривелев[6], И. А. Ионова[7], А. П. Колпаков[8], И.М. Филштинский[9], П.А. Грязневич[10] ва дигарон масъалаҳои паҳншавӣ ва истиқрори ислом ҳамчун дин ва падидаи фарҳангӣ, моҳияти иҷтимоӣ ва фалсафии он, рушди тафаккури таърихии арабҳо дар ибтидои асрҳои миёна таҳқиқ гардидаанд. Дар маҷмуъ, осори муҳаққиқони рус дар омӯзиши мавзуъ назаррас буда, бештари онҳо паҳлуҳои ҷудогонаи масоили мавзуи мазкурро ба шакли умумӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд.

**Ба гурӯҳи панҷум** осори илмӣ-таҳқиқотии олимони кишварҳои араб – Муҳаммад Заҳабӣ[11], Ҷамолуддин Суютӣ[12], Абдулфаттоҳ Мағрибӣ[13], Аҳмад

---

[1] Пигулевская, Н.В. Византия и Иран на рубеже VI и VII века [Текст] / В.Н. Пигулевская. – М.: АН СССР, 1946. – 289 с.; ҳамон муаллиф. Арабы у границ Византии и Ирана в IV-VI вв. [Текст] / В.Н. Пигулевская. – М.: Наука, 1964. – 364 с.; Пигулевская, Н.В., Якубовский, О.Ю. Таърихи Эрон [Матн] / Н.В. Пигулевская, О.Ю. Якубовский, И.П. Петрушевский, О. Беллинитский, А.В. Струево; тарҷумаи Карими Кишоварз. – Теҳрон: Паём, 1354. – 713 с.

[2] Якубовский, А.Ю. Мавераннахр в борьбе против власти арабов в VIII-IX вв. [Текст] / Ю.А. Якубовский // История Узбекской ССР. – Ташкент: УзССР, 1955. – Т.1. – С.151-175.; Якубовский, А.Ю., Большаков, О.Г. Борьба народов Средней Азии против арабского завоевания [Текст] / Ю.А. Якубовский, Г.О. Большаков. – М.: АН СССР, 1958. – 348 с.; Якубовский, А.Ю., Большаков, О.Г. Народы Средней Азии под властью Халифата [Текст] / Ю.А. Якубовский, Г.О. Большаков // История Таджикской ССР. – 2-е изд., перераб. и доп. – Душанбе: Маориф, 1983. – С.44-52.; Якубовский, А.Ю. Завоевание арабами Средней Азии [Текст] / Ю.А. Якубовский // История Узбекской ССР. – Ташкент: УзССР, 1955. – Т.1. – Кн.1. – С.134-150.

[3] Петрушевский, И.П. Ислам в Иране в VII-XV веках [Текст] / П.И. Петрушевский. – Л., 1966. – 399 с.

[4] Васильев, Л.С. История Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: История, 1998. – Т.I. – 495 с.; ҳамон муаллиф. История религий Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: Высшая школа, 1988. – 413 с.

[5] Якубовский, А.Ю. Завоевание арабами Средней Азии [Текст] / Ю.А. Якубовский // История Узбекской ССР. – Ташкент: УзССР, 1955. – Т.1. – Кн.1. – С.134-150.; Якубовский, А.Ю. Мавераннахр в борьбе против власти арабов в VIII-IX вв. [Текст] / Ю.А. Якубовский // История Узбекской ССР. – Ташкент: УзССР, 1955. – Т.1. – С.151-175.; Якубовский, А.Ю., Большаков, О.Г. Борьба народов Средней Азии против арабского завоевания [Текст] / Ю.А. Якубовский, Г.О. Большаков. – М.: АН СССР, 1958. – 348 с.; Якубовский, А.Ю., Большаков, О.Г. Народы Средней Азии под властью Халифата [Текст] / Ю.А. Якубовский, Г.О. Большаков // История Таджикской ССР. – 2-е изд., перераб. и доп. – Душанбе: Маориф, 1983. – С.44-52.

[6] Крывелев, И.А. История религий [Текст] / А.И. Крывелев. – М.: Мысл, 1988. – Т.2. – 283 с.

[7] Ионова, И.А. Ислам в Юго-Восточной Азии [Текст] / А.И. Ионова. – М.: Наука, 1981. – 262 с.

[8] Колпаков, А.П. Ислом ва моҳияти иҷтимоии он [Матн] / П.А. Колпаков. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 36 с.

[9] Фильштинский, И.М. История арабской литературы V-начало X века [Текст] / И.М. Фильштинский. – М.: Наука, 1985. – 357 с.; ҳамон муаллиф. История арабов и Халифата (750-1517 гг.) [Текст] / И.М. Фильштинский. – М.: ИД "Муравей-Гайд", 1999. – 384 с.

[10] Грязневич, П.А. Развитие исторического сознания арабов (VI-VIII вв.) [Текст] / А.П. Грязневич. – М., 1982. – 328 с.

[11] Заҳабӣ Муҳаммад ибни Аҳмад. Сияру аъломи-н-нубало [Матн] / М. Заҳабӣ. – Бейрут, 1406 ҳ.қ. (1986). – Ҷ.6.

[12] Суютӣ Ҷамолуддин. Ал-лаоли-л-маснуа фи-л-аҳодиси-л-мавзуа [Матн] / Ҷамолуддин Суютӣ. – Қоҳира, б/с. – Ҷ.1.

[13] Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. Ҳақиқату-л-хилоф байна-л-мутакаллимин [Матн] / А. Мағрибӣ. – Қоҳира: Мактабату ваҳба, 1415 ҳ.қ. (1995); ҳамон муаллиф. Имому аҳли-с-суннат ва-л-ҷамоат Абӯмансур ал-Мотуридӣ ва ороуҳу-л-каломия [Матн] / А. Мағрибиӣ. – Қоҳира: Мактабату ваҳба, 1405 ҳ.қ. (1985).

Абдулҳамид Ғуроб[1], Абдулвоҳид Ҷобӣ[2], Сулаймон Ваҳбӣ[3], Ҳанно ал-Фохурӣ[4] шомиланд, ки масъалаҳои паҳншавии оини нав, бархурди мактабу ҷараёнҳои ақидатӣ ва ташаккули мазҳаби ҳанафиро дар бар мегиранд.

**Ба гурӯҳи шашум** асарҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони Аврупо ва Амрико шомил мебошанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни мавзуи мавриди таҳқиқ таҷассум ёфтаанд. Аксари осори онҳо бо забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума ва дастрас гардидаанд. Дар баробари ин осори таҳқиқотии дастҷамъонаи олимони Донишгоҳи Кембриҷ[5] ба забони форсӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Осори таърихии муҳаққиқони аврупоӣ ва амрикоӣ бо амиқии масъалаи таҳқиқ ва фарогирии мавзуъ ба чор бахш тақсим гардидаанд. Ба ***бахши аввал*** осори олимони муосири Аврупову Амрико шомиланд, ки ба таҳқиқи масъалаҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва динию мазҳабии эрониён дар арафаи истилои арабҳо ва заминаҳои таърихии паҳншавӣ ва истиқрори ислом бахшида шудаанд. А. Кристинсен[6] сабабҳои таназзули Сосониён ва истиқрори исломро бо далелҳои равшани илмӣ ва таърихӣ нишон медиҳад. Олимони дигари аврупоӣ П. Сайкс[7] ва Т. Нёлдеке[8] доир ба низоми табақотӣ, вазъи ногувори иҷтимоии шоҳаншоҳии Сосониён дар арафаи зуҳури ислом маълумоти муфассал медиҳанд.

Дар таҳқиқоти Р. Фрай[9] доир ба эътиқоду динҳои эрониён то истилои арабҳо, боварҳо ва афкори динии мардумони Хуросону Мовароуннаҳр хулосаҳои ҷолиб мавҷуд аст.

Олимони дигари аврупоӣ аз қабили М. Бойс[10], У. Клима[11], Э. Бинвинист[12], Ҳ. С. Нейбрек[13] ва Ҳинаяна[14] эътиқодоти пешазисломии эронитаборонро таҳқиқ намуда, заминаҳои воқеъии раванди забткориҳои араб ва истиқрори исломро дар заъфу норасоии маърифатии динҳои қабл аз исломии минтақа маънидод намудаанд.

***Дар бахши дувум*** осори муҳаққиқони аврупоии ба масъалаҳои раванди забткориҳо ва гаравидани мардумон ба ойини нав бахшидашуда, шомил

---

[1] Аҳмад Абдулҳамид Ғуроб. Муқаддима бар ал-Аълом биманоқиби-л-ислом [Матн] / А. Ғуроб // Абулҳасани Омирӣ Муҳаммад ибни Юсуф. ал-Аълом биманоқиби-л-ислом. – Қоҳира, 1967. – С.324.
[2] Бассом Абдулвоҳиди Ҷобӣ. ал-Масоилу-л-хилофия байна-л-ашоирати ва-л-мотуридия [Матн] / Б. Ҷобӣ. – Қоҳира, 1973. – 426 с.
[3] Ваҳбӣ Сулаймон. Ҷилваҳое аз зиндагонии Имом Абуҳанифа [Матн] / С. Ваҳбӣ; тарҷумаи Аминуллоҳи Каримӣ. – Теҳрон, 1382 ҳ.ш. – 428 с.
[4] Ҳанно ал-Фохурӣ. Таъриху-л-адаби-л-арабӣ [Матн] / Ҳ. ал-Фохурӣ. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1989. – 456 с.
[5] Таърихи ислом [Матн]: пажӯҳиши донишгоҳи Кембриҷ / А. Ором; тарҷумаи Аҳмади Ором. – Теҳрон, 1377. – 950 с.; Таърихи Эрон [Матн]: аз Селевкиён то фурупошии давлати Сосониён. – Теҳрон: Амири Кабир, 1370. – Ҷ.3. – 848 с.; Наср Сайид Ҳусайн. Таърихи Эрон. Кембриҷ [Матн] / Ҳ. Наср; тарҷумаи Ҳасан Ануша. – Теҳрон, 1372. – Ҷ.IV.
[6] Кристинсен, А. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристинсен; тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. – Теҳрон, 1332. – 577 с.
[7] Перси Сайкс. Таърихи Эрон [Матн] / П. Сайк; тарҷумаи Саидтақии Фахрдоъии Гелонӣ. – Теҳрон, 1336. – 380 с.
[8] Нёлдекке Теодор. Таърихи эрониён ва арабҳо дар замони Сосониён [Матн] / Т. Нёлдекке; тарҷумаи Аббоси Зарёб. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1375. – 777 с.
[9] Ричард Фрай. Бухоро дастоварди қуруни вусто [Матн] / Фрай Ричард; тарҷумаи Маҳмуд Маҳмудӣ. – Теҳрон: Улум ва фарҳанг, 1365. – 458 с.; Ричард, Н.Ф. Мероси Осиёи Марказӣ [Матн] / Н.Ф. Ричард. – Душанбе: Сурушан, 2000. – 373 с.; ҳамон муаллиф. Наследие Ирана [Текст] / Ф.Н. Ричард. – М.: Наука, 1971. – 468 с.
[10] Бойс Мэри. Зардуштиён боварҳо ва одоби динии онҳо / [Матн]:М. Бойс; тарҷумаи Аскар Баҳромӣ. – Теҳрон: Ққнус, 1381 ҳ.қ. – 278 с.
[11] Клима Утокур. Таърихи мактаби Маздак [Матн] / У. Клима; тарҷумаи Ҷаҳонгир Фикрӣ. – Теҳрон, 1371. – 364 с.
[12] Бенвинист Эмил. Дини эронӣ [Матн] / Э. Бенвинист; тарҷумаи Баҳман Саркорӣ. – Табрез, 1370. – 175 с.
[13] Нейбрек, С. Динҳои Эрони бостон [Матн] / С. Нейбрек; тарҷумаи Сайфуддини Наҷмободӣ. – Теҳрон, 1359. – 162 с.
[14] Ҳинаяна. Таърихи ойини Буддо [Матн] / Ҳинаяна; тарҷумаи А. Пошоӣ. – Теҳрон: Нақши ҷаҳон, 1329. – Ҷ.1. – 357 с.

гардидаанд. Д. Сурдел, Ж. Сурдел,[1] Г.Э. фон Грюнебаум[2] ва А.Мюллер[3] раванди зуҳури ислом, хилофати Хулафои рошидин ва раванди забткориҳои арабро дар сарзаминҳои шарқии шоҳаншоҳии Сосониён инъикос намудаанд. В.Р. Буллет[4] доир ба ислом овардани эрониён дар қарнҳои якум ва дувуми ҳиҷрӣ маълумоти кофӣ пешниҳод мекунад.

***Ба бахши сеюм*** асарҳои ба таҳқиқ ва таҳлили масъалаи шаклгирии фирқаҳову ҷараёнҳои динӣ бахшидашуда шомил гардиданд.

Ҳ. Корбэн[5] таъкид менамояд, ки дар ташаккули тафаккури исломӣ саҳми "мавлоӣ", ба хусус эрониён – тоҷикон назаррас мебошад. К. Брокелман[6] иброз медорад, ки саҳми шоирону олимон ва мутафаккирони эронитабор дар таърихи адабиёти араб ногузир буда, адабу шеъри исломӣ тавассути чеҳраҳои тобноки эронитабор машҳури олам гардиданд. Э. Босворт[7] саҳми эрониёнро дар рушди ин низом бағоят бузург арзёбӣ кардааст. Ф. Старр[8] раванди забткориҳо, авомили исломпазирӣ ва иштироки фаъоли эронитаборонро дар поягузорӣ ва ташаккули улуми динӣ ва дунявӣ воқеъбинона нишон додааст.

***Ба бахши чорум*** осори муҳаққиқони англис, фаронсавӣ, олмонӣ ва дигар кишварҳои Аврупову Амрико аз ҷумла Ульрих Рудольф[9], Ҷурҷи Зайдон[10], Вилл Дюрант[11], Вилфред Мейдлунг, Вилгелм Ҳаусиг Ҳенс, Ҷозеф Шахт, Ҷ. Розентал, Ван Есс Ҷозеф[12] ва дигарон шомил гардидаанд, ки фарогири масъалаҳои озодандешӣ дар Осиёи Марказӣ – Мовароуннаҳр, таъсиси мактабҳои фиқҳию каломӣ, гуногунандешии мазҳабӣ, ташаккули ҷараёнҳову фирқаҳо, бунёду

---

[1] Сурдел, Д., Сурдел, Ж. Цивилизация классического ислама [Текст] / Д. Сурдел, Ж. Сурдел. – Екатеринбург: У-Фактория, 2006. – 536 с.

[2] Грюнебаум, Г.Э. фон. Классический ислам. Очерки истории (600-1258) [Текст] / Э.Г. фон Грюнебаум; пер. с анг. И.М. Дижура; предис. В.В. Наумкина. – М.: Наука, 1988. – С.215.

[3] Мюллер, А. История ислама [Текст]: от доисламской истории арабов до падения династии Аббасидов / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.1-2. – 911 с.; Мюллер, А. История ислама [Текст]: от мусулманской Персии до подения мусулманской Испании / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.3-4. – 893 с.

[4] Буллет, В.Р. Гаравиш ба ислом дар қуруни миёна [Матн] / Р.В. Буллет; тарҷумаи Муҳаммад Ҳусайни Виқор. – Теҳрон: Таърихи Эрон, 1364. – 148 с.

[5] Корбэн Ҳенрӣ. Таърихи фалсафаи исломӣ (Histoire dele philosophia islamgue) [Матн] / Ҳ. Корбэн; тарҷумаи Асадуллоҳ Митарӣ. – Чопи дувум. – Теҳрон, 1358. – 468 с.

[6] Карл Брокелман. Таъриху-л-адаби-л-арабӣ [Матн] / Б. Карл; тарҷумаи дуктур Сайид Яъқуб Бакр, дуктур Абдулҳалим ан-Наҷҷор. – Қум: Дору-л-кутуби-л-исломӣ, б/с. – Ҷ.IV.

[7] Босворт Клиффорд Эдмунд. Ранние этапы формирования исламского государства и общества. Основные характеристики. История человечества [Текст] / К.Э. Босворт. – М.: Наука, 1996. – 452 с.

[8] Старр Фредерик. Маърифати гумшуда [Матн]: асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг / Ф. Старр. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – 692 с.

[9] Ульрих Рудольф. ал-Мотуриди и суннитская теология в Самарканде [Текст] / У. Рудольф. – Алматы: Фонд «XXI век», 1999. – 286 с.

[10] Ҷурҷи Зайдон. Таърихи тамаддуни исломӣ [Матн] / Ҷ. Зайдон; тарҷумаи Алии Ҷавоҳир. – Теҳрон: Амири Кабир, 1372. – Ҷ.2. – 1108 с.

[11] Вилл Дюрант. Таърихи тамаддун [Матн] / В. Дюрант; тарҷумаи Алиасғари Суруш. – Теҳрон, 1376 ҳ.ш.

[12] Haussig Hans Wilhelm. Die Geschich Zentralasiens und der Seidenstrabe in vorislamischer Zeit [Text] / Haussig Hans Wilhelm. – Darmstadt, 1992.; Emmerick Ronald E. Buddism among Iranian Peoples [Text] / E. Emmerick Ronald // The Cambiredge Hustary of Iran. – 1983. – P.949-964.; Samuel N.C. Lieu. Manichaeism in the Later Roman Empire and Medieval China [Text]: a Historical Survey / Samuel N.C. Lieu. – Manchester, 1985. – 360 p.; Madelung Wilferd. Religious Trends in Early Islamic Iran [Text] / Madelung Wilferd. – Albany, 1988. – 128 p.; Madelung Wilferd. The Early Murji'a in Khurasan and Teansoxania and the Apread of Hanafism [Text] / Madelung Wilferd // Der islam. – 1982. – Vol.59. – P.32.; Rosenthal, J. Hiwi al-Balkhi [Text]: a Comparative Study / J. Rosenthal. – Philadelphia, 1949. – 59 p.; Schacht Joseph. The Origins of Muhammadan Jurisprudenc [Text] / Schacht Joseph. – Oxford, 1950. – 348 p.; Schacht Joseph. An Early Murci'ite Treatise. The Kitab al-Alim wal-muta'allim [Text] / Schacht Joseph // Oriens XVII. – 1964. – P.96-117.; Van Ess Joseph. Ungenurzte Texte zur Karramida. Eine Materialsammlund [Text] / Van Ess Joseph. – Heidelberd, 1980. – P.577-587. (Sitzungsberichte d. Heidelb. Akad. d. Wiss. Philoshist. KL., 1980, Abh.6).

ташаккули ҳанафия ва ба сатҳи мазҳаби расмӣ-давлатии Сомониён пазируфта шудани он мебошанд.

**Ба гурӯҳи ҳафтум** диссертатсияву автoрефератҳои рисолаҳо ва мақолаҳои олимони ватанию хориҷӣ, ки дар онҳо масъалаҳои мухталифи мавзуи таҳқиқшаванда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, шомил мешаванд. Дар рисолаи М. Исоматов [1] масъалаҳои мубрами муносибатҳои сиёсии миёни Сосониёну Ҳайтолиён, вазъи фарҳангӣ, забон ва ҳолати мазҳабии замони Ҳайтолиён баррасӣ гардидааст. Рисолаи С.Х. Раҳимов [2] ба масъалаи ғояҳои фалсафӣ-эстетикии зардуштия, рисолаи А.К. Муминов [3], ба масъалаи нақш ва ҷойгоҳи олимони ҳанафӣ дар ҳаёти мардуми Мовароуннаҳр ва рисолаи С. Муллоҷонов[4] ба нақш ва мавқеи омили динӣ дар таъсиси давлатдории маҳаллӣ дар Хуросону Мовароуннаҳри асрҳои IX-XI бахшида шудааст, ки таъсири ин омилҳо дар болоравии муборизаҳои миллӣ-озодихоҳонаи халқи тоҷик ҳанӯз дар садаҳои авали исломӣ равшан зоҳир мегардад. Инчунин дар таҳияи рисола автoреферати рисолаи М.И. Давлатов[5]ва рисолаи докторӣи К.Б. Исмонов[6] низ мавриди истифода қарор гирифт, ки дар он саҳми донишмандони Хуросону Мовароуннаҳр дар ташаккули улуми забоншиносии араб ва дигар хидматҳои фикрии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар таҳияи рисола як идда мақолаҳои олимони ватанию хориҷӣ, аз қабили Мирзоиё Мансур[7], Мустафо Ҷавод[8], Парвиз Раҷабӣ[9], Аҳмад Покатчӣ[10], Шодмон Масъуд[11], К.Т. Алимова[12], О.Кобзева[13], А. Шамолов,[14] Д. Довудӣ[15],

---

[1] Исоматов, М.М. Эфталитское государство и его роль в истории Центральной Азии [Текст]: дисс... д-ра истор. наук: 07.00.02 / Исоматов Маъруф Мараджабович. – Душанбе, 2009. – 375 с.

[2] Рахимов, С.Х. Философско-эстетические идеи зороастризма [Текст]: дисс... д-ра филос. наук: 09.00.03 / Рахимов Садулло Хайруллоевич. – Душанбе, 2007. – 320 с.

[3] Муминов, А.К. Роль и место ханафитских улама в жизни городов Центрального Мевараннахра (VIII-XIII вв.) [Текст]: автореф. дисс... д-ра истор. наук: 24.00.02 / Муминов Аширбек Курбанович. – Ташкент, 2003. – 46 с.

[4] Мулloджонов, С.К. Влияние религиозного фактора на политическую и социально-экономическую жизн Хорасана и Мавераннахра (IX-XI вв.) [Текст]: дисс... д-ра истор. наук: 07.00.02 / Муллоджонов Сайфулло Кучакович. – Душанбе, 2015. – 353 с.

[5] Давлатов, М.И. Особенности модернизации политического и этического учения ислама: на материалах стран арабского Востока [Текст]: дисс... канд. филос. наук: 09.00.06 / Давлатов Муродулло Исматович. – Ташкент, 1987. – 190с.

[6] Исмонов, К.Б. Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар таҳаввул ва ташаккули забоншиносии араб [Матн]: дисс... док. илм. филол.: 10.02.01 / Исмонов Кароматулло Бадриддинович. – Душанбе, 2023. – 339 с.

[7] Мирзоиё, М. Осор ва афкори Абӯмансури Мотуридӣ [Матн] / Мансур Мирзоиё // Кайҳони андеша. – Теҳрон, 1380. – №4.

[8] Мустафо, Ҷ. ас-Сақофату-л-ақлия ва-л-ҳолату-л-иҷтимоия фӣ асри-л-раис Алӣ ибни Сино [Матн] / Ҷавод Мустафо // Маҷаллату чамиъи-л-илми-л-ароқӣ. – Бағдод, 1956 (1375 ҳ.). – №4. – Қ.II. – С.505.

[9] Раҷабӣ, П. Картир ва сангнавиштаҳои ӯ дар Каъбаи Зардушт [Матн] / Парвиз Раҷабӣ // Маҷаллаи баррасиҳои таърихӣ. – Соли шашум. – Шумораи махсус. – Теҳрон, 1350. – С.66.

[10] Покатчӣ, А. Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ [Матн] / Аҳмад Покатчӣ // Доирату-л-маъорифи исломӣ. – Мақолаи шумораи 2477. – Теҳрон, 1382.

[11] Шодмон, М.М. Авзои умумии Хуросону Мовароуннаҳр дар даврони хилофати Аббосиён дар асрҳои IX ва X-и мелодӣ [Матн] / Масъуд Муҳаммадҳусайн Шодмон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино. – №3/4 (170). – С.11-13.

[12] Алимова, К.Т. Ислам в Центральной Азии [Текст] / К.Т. Алимова // Актуальные вопросы общественных наук: социология, политология, философия, история. – 2016. – №1 (53). – С.5-12.

[13] Кобзева, О. История исламской культуры и ее изучение в современном Узбекистане [Текст] / О. Кобзева // Материалы II Межд. науч.-образовательной конф., г. Санкт-Петербург, 17-20 мая 2015 г. – М., 2016. – С.370-381.

[14] Шамолов, А.А. Мотуридии Самарқандӣ [Матн] / А.А. Шамолов // Ҷавонон ва ҷаҳони андеша. Маводи конфронси дуюми олимони ҷавони Тоҷикистон. – Душанбе, 2001.

[15] Довудӣ, Д. Зардуштия ва ислом баъди истилои араб дар замони Сомониён [Матн] / Д. Довудӣ // Тамаддуни бостон ва фарҳанги замони Сомониён: маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе, 1999. – С.69-77.; Этапы развития зороастризма в качестве

Ҳ. Камол[1], М. Диловаров[2], Қ.Расулиён[3], С. Муллоҷонов[4] ва дигарон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

Таҳлили сатҳи коркарди илмии масъалаҳои вобаста ба таърихнигории забкориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр нишон дод, ки:

– дар байни муҳаққиқони таърихи асрҳои миёнаи Хуросону Мовароуннаҳр дар мавриди истилои ин сарзаминҳо аз тарафи арабҳо, пайомадҳои таърихии ҳаракатҳои озодихоҳӣ ва ҷунбишҳои мардумии Хуросону Мовароуннаҳр ва гаравидани мардуми сарзаминҳо ба дину арзишҳои нав ва таъсиси мактабҳои фиқҳию каломӣ, гуногунандешии мазҳабӣ, ташаккули ҷараёнҳову фирқаҳо, бунёду ташаккули ҳанафия ақидаи ягона ташаккул наёфтааст;

– дар баробари ин, дар бораи заминаҳо, марҳилаҳо, моҳият, вижагӣ ва хусусиятҳои ин масъалаҳо дар байни таърихнигорон андешаи ягона вуҷуд надорад, зеро то ҳанӯз ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ, амалӣ ва методологии таърихи истиқрори ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр дар илми таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ дар сатҳи зарурӣ ва бо дарназардошти талаботи муосири ҷомеа таҳқиқ нагардидаанд;

– дар байни олимони соҳаҳои гуногуни улуми гуманитарӣ, аз ҷумла таърих доир ба ҷанбаҳои мухталифи гаравидани мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ба ислом ва саҳми онҳо дар рушди арзишҳои исломӣ ва ташаккули тамаддуни исломӣ ақидаи ягона вуҷуд надорад;

– марҳилаҳои таърихӣ ва вижагиҳои истилои Хуросону Мовароуннаҳр аз тарафи арабҳо ва раванди муборизаҳои истиқлолхоҳӣ дар минтақа мушаххас тавсиф нагардидаанд;

– доир ба вижагиҳо, тарзу хусусиятҳои гаравидани мардуми сарзаминҳои Хуросону Мовароуннаҳр ба ислом маълумоти қонеъкунанда камтар дучор меояд;

– масъалаҳои ташаккули арзишҳои каломӣ, фиқҳӣ, ахлоқӣ ва сиёсии мактаби ҳанафияи Мовароуннаҳру Хуросон ва ҳифзи меъёрҳои ахлоқӣ-динӣ ва урфу анъанаҳои гузаштагони мо мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор нагирифтаанд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки то ҳанӯз масъалаҳои таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардумӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр, рушду густариши он аз ҷониби мардуми ин сарзаминҳо ва нақши онҳо дар ташаккули фарҳанг, таълифоту осори илмӣ дар бахши илмҳои динӣ ва дунявӣ, тарҳу тадвини низоми илоҳиётшиносӣ, зуҳуру такомули ҷараёнҳои динии

---

государственной религии [Текст] / Д. Довуди // Моводи конфронси байналмилалии Зороастризм и его значение в развитии цивилизации народов Ближнего и Среднего Востока. – Душанбе, 2003. – С.48-66.

[1] Камол, Ҳ. Ҳокимони Хуросон дар аҳди охирон шоҳони Сосонӣ ва замони Хулафои рошидин [Матн] / Ҳ. Камол // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – №3/3 (170). – С.3-7.; ҳамон муаллиф. Ҷуғрофиёи таърихии Хуросони Бузург [Матн] / Ҳ. Камол // Муаррих. Маҷаллаи илмӣ-назариявӣ. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2022. – №4 (32). – С.5-16.

[2] Диловаров, М. Маздакнома [Матн] / М. Диловаров // Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1983. – Ҷ.4. – С.134.

[3] Расулиён, Қ. Адёни бостонии тоҷик [Матн] / Қ. Расулиён // Рӯдакӣ. – 2008. – №19.

[4] Муloджонов, С.К. Государство и религия в Мевераннахре в X в. [Текст] / С.К. Муloджонов // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. – №3/2 (128). – С.8-12.; ҳамон муаллиф. Ханафито-шафиитская конфронтация в городах Хорасана [Текст] / С.К. Муloджонов // Вестник педагогическая университета. – 2013. – №1 (50). – С.125-128.; ҳамон муаллиф. Низоъи ҳанафиёну шофеиён дар шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр [Матн] / С. Муллоҷонов // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – С.126-145; ҳамон муаллиф. Таърихи Сиистон ва авзои сиёсиву мазҳабии асрҳои IX-XI милодӣ [Матн] / С. Муллоҷонов // Паёми донишгоҳи миллӣ. – Нашри махсус. – Душанбе, 2010. – С.197-201.

минтақа ва ғайра дар шакли системавӣ ва дар доираи методологияи ягонаи диалектикӣ ва герменевтикӣ мавриди таҳлили интиқодӣ қарор нагирифтаанд. Бо таълифи ин рисола мо кӯшиш намудем ин камбудиро бо баҳрагирӣ аз сарчашмаҳои дасти аввал дар самти таърихнигории тоҷик ба қадри имкон бартараф созем.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Сарчашмаҳои асосии дар таълифи диссертатсия мавриди истифода қароргирифта, асосан манбаҳои хаттии таърихӣ ва сарчашмаҳои ҷуғрофӣ-таърихии ба забонҳои арабию форсӣ таълифгардидаи муаррихони асрҳои IX-XII мебошанд. Вобаста ба ин сарчашмаҳои мавриди истифодаро вобаста ба мазмуну муҳтаво ва фарогирии мавзуъҳои баррасигардида метавон ба се гурӯҳ ҷудо намуд:

**Ба гурӯҳи аввал** сарчашмаҳои ҷуғрофӣ-таърихиро шомил кардаем. Қобили зикр аст, ки дар рисола бо мақсади муайян сохтани ҳудудҳои ҷуғрофии Эрон ва Хуросону Варорӯд – Мовароуннаҳр – Суғду Тахористон, ки то хусусияти умумӣ пайдо кардани мафҳуми ҷуғрофии Мовароуннаҳр барои ифодаи ин ҳудудҳо истифода мегардиданд, сарчашмаҳои муҳимтарини таърихӣ-ҷуғрофиёӣ, аз қабили «Ҳудуду-л-олам мин-ал-Машриқ-ила-л-Мағриб[1]-и муаллифи маҷҳул, «Масолику-л-мамолик»-и Абуисҳоқ Иброҳими Истахрӣ[2], «Сурату-л-арз»-и Ибни Ҳавқал[3], “Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим”-и Муҳаммад ибни Аҳмади Мақдисӣ[4], “Масолик ва мамолик”-и Ибни Хурдодбеҳ[5], “ал-Булдон”-и Яъқубӣ[6], “Муъҷаму-л-булдон”-и Ёқути Ҳамавӣ[7], «Ҷуғрофиё»-и Шаҳобиддин Абдуллоҳи Хавофӣ[8] (машҳур ба Ҳофизи Абрӯ) ва дигар сарчашмаҳои ҷуғрофӣ-таърихӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Ба гурӯҳи дувуми сарчашмаҳои таърихӣ** сарчашмаҳое шомил мешаванд, ки ғолибан ба таърихи умумӣ бахшида шуда, роҷеъ бар давраи мавриди таҳқиқи мо ва масъалаи истилои араб ва истиқрори ислом дар сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр баҳс мекунанд.[9]

---

[1] Ҳудуду-л-олам мина-л-машриқ ила-л-мағриб [Матн] / бо муқаддимаи В. Бартольд; тарҷумаи Мирҳусайн Шоҳ. – Кобул, 1342.; Ҳудуду-л-олам мина-л-машриқ-ила-л-мағриб [Матн] / тарҷумаи Манучеҳри Сутуда. – Теҳрон: Китобхонаи Туҳурӣ, 1983 м. – 252 с.

[2] Абуисҳоқ Иброҳим Истахрӣ. Масолику-л-мамолик [Матн] / И. Истахрӣ; Таҳияи Эраҷи Афшор. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1367 ҳ. – 356 с.

[3] Ибни Ҳавқал. Сурату-л-арз [Матн] / Ҳавқал; тарҷумаи Ҷаъфари Шуъор. – Теҳрон: Интишороти Бунёди фарҳангии Эрон, 1345 ҳ. – 370 с.

[4] Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Муқаддасӣ. Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим [Матн] / М.А. ал-Муқаддасӣ; тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ. – Теҳрон, 1361.

[5] Ибни Хурдодбеҳ Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ. Масолик ва мамолик [Матн] / Х. Абдуллоҳ; тарҷумаи Саиди Хорканд; баргардонкунанда аз хатти форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2022. – 232 с.

[6] Аҳмад ибни Абияъқуб ибни Возеҳ ал-Яъқубӣ. ал-Булдон [Матн] / А. Яъқубӣ; тарҷумаи доктор Муҳаммадиброҳими Оятӣ; баргардонкунанда аз хатти форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии Тоҷик, 2022. – 220 с.

[7] Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷаму-л-булдон [Матн] / Ё. Ҳамавӣ; Тарҷумаи Алӣ Сақии Разавӣ. – Теҳрон, 1380.

[8] Шиҳобуддин Абдуллоҳи Хофӣ. (Ҳофизи Абрӯ) Ҷуғрофиё [Матн] / Ҳ. Абрӯ; бо тасҳеҳи Ғуломризо Вараҳром. – Теҳрон: Иттилоот, 1370 ҳ. – 166 с..

[9] Абуалии Мискавайҳи Розӣ. Таҷорибу-л-умам [Матн] / М. Розӣ; тарҷумаи Абулқосим Имомӣ. – Теҳрон, 1369. – 544 с.; Аҳмад ибни Яъқуб (Ибни Возеҳи Яъқубӣ) Таърихи Яъқубӣ [Матн] / А. Яъқубӣ; тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – Ҷ.1. – 610 с.; Аҳмад ибни Яъқуб (Ибни Возеҳи Яъқубӣ) Таърихи Яъқубӣ [Матн] / А. Яъқубӣ; Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – Ҷ.2. – 644 с.; Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Муруҷу-з-заҳаб [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387 ҳ.қ. – Ҷ.1. – 785 с.; Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Муруҷу-з-заҳаб [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387 ҳ.қ. – Ҷ.2. – 923 с.; Масъудӣ Алӣ

Дар таълифи рисола ахбори сарчашмаҳои таърихии муаррихони араб ва муаррихони арабинависи тоҷики асрҳои IX-XII мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтанд. Муҳимтарин сарчашмаи боэътимод ва меҳварӣ таърихномаи арзишманду аз ҷиҳати фарогирии ахбор нодири Муҳаммад Ҷарири Табарӣ «Таъриху-р-русули ва-л-мулук» [1] мебошад. Ҳамзамон «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ[2] сарчашмаи муҳим дар таҳқиқи мавзуъ маҳсуб мешавад, аммо Балъамӣ раванди забткориҳои арабро нисбати Табарӣ мухтасар шарҳ дода, дар бисёр маврид аз нуктаҳои муҳимми ин раванд чашм пушидааст ва ё маълумот надодааст. Сарчашмаи дигар, «Таърихи Бухоро»-и Абубакри Наршахӣ [3] дар мавриди Бухоро маълумоти саҳеҳ дода, ахбори он нисбат ба дигар манбаъҳо аниқу дақиқтар мебошанд.

Муҳаммад ибни Алӣ ибни Аъсам ал-Куфӣ дар "Ал-футуҳ" ва ё «Китобу-л-футуҳ»[4] раванди забткориҳои арабро аз соли 632, яъне аз хилофати Абубакр то марги Мустаъим Биллоҳӣ – халифаи Аббосиён дар соли 866 инъикос намуда, ҳодисаҳои таърихӣ ва раванди истилои Хуросону Мовароуннаҳр аз ҷониби арабҳо ва ҳукмронии онҳоро дар ин сарзамин возеҳу равшан тасвир намудааст.

Дар диссертатсия маълумоти зиёд аз «Муруҷу-з-заҳаб ва маъодину-л-ҷавҳар»[5] ва «Китобу-т-танбеҳ ва-л-ашроф»[6]-и Масъудӣ дар мавриди ҳуҷумҳои нахустини арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр истифода гардид, ки назири онҳо дар дигар сарчашмаҳо камтар ба назар мерасад. Дар «Футуҳу-л-булдон»-и Балозурӣ доир ба ҳуҷумҳои нахустини арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр, роҳҳои маҷбуран гаравонидани ислом, инчунин пардохти ҷизяву хироҷҳои ин давра маълумоти пурқиммат дучор меояд.[7]

Гардезӣ дар «Зайну-л-ахбор»[8]-и худ ҳукумати хулафои рошидин, хилофати Умавиёну Аббоссиён бобҳои алоҳида оварда, дар бораи фатҳи Тайсафун

---

ибни Ҳасан. Ат-Танбеҳ ва-л-ашроф [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1365 ҳ.қ. – 452 с.; Мақдисӣ Мутаҳҳар ибни Тоҳир. Ал-бидаъ ва-т-таърих [Матн] / М. Мақдисӣ. – Париж, 1919. – Ҷ.1. – 548 с.; Муҳаммад ибни Исҳоқи Надим. Ал-Феҳрист [Матн] / М. Надим; тарҷумаи Ризои Таҷаддуд. – Теҳрон: Асотир, 1346 ҳ. – 984 с.; Мирхонд. Равзату-с-сафо фи сирати-л-анбиёи ва-л-мулуки ва-л-хулафо [Матн] / Мирхонд; бо пешгуфтор ва таълиқоту ҳавошии Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2004. – Ҷ.1. – 337 с.; Муҳаммад ибни Умари Воқидӣ. Мағозӣ. Таърихи ҷангҳои Паёмбар [Матн] / М. Воқидӣ; тарҷумаи Маҳмуди Домғонӣ. – Теҳрон: Фарҳанги исломӣ, 1369 ҳ.ш. – 949 с.; Рашидуддин Фазлуллоҳ. Ҷомеъу-л-таворих (Қисмати Исмоилиён) [Матн] / Р.Фазлуллоҳ; Муҳаммад Тақии Донишпажӯҳ, Муҳаммад Мударриси Зинҷонӣ. – Теҳрон, 1356. – С.712.; Фаридаддини Аттори Нишопурӣ. Тазкирату-л-авлиё. Таҳияи Муҳаммадхони Қазвинӣ [Матн] / Ф. Аттор. – Теҳрон: Носири Хусрав, 1370 ҳ. – 294 с.;

[1] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 14 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.11.

[2] Балъамӣ Абуалӣ. Таърихи Табарӣ [Матн] / А. Балъамӣ. – Теҳрон: Алҳудо, 2001. – Ҷ.I.II. – 1635 с.

[3] Наршахӣ Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро [Матн] / М.Ҷ. Наршахӣ; бо кӯшиши Муҳаммадтақии Муддариси Разавӣ. – Теҳрон, 1363. – 443 с.

[4] Ибни Аъсами Куфӣ. Ал-Футуҳ [Матн] / А. Куфӣ; тарҷумаи Муҳаммад ибни Аҳмад Муставфии Ҳиравӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1386. – 1086 с.

[5] Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Муруҷу-з-заҳаб [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387 ҳ.қ. – Ҷ.1. – 785 с.; Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Муруҷу-з-заҳаб [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387 ҳ.қ. – Ҷ.2. – 923 с.

[6] Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Ат-Танбеҳ ва-л-ашроф [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1365 ҳ.қ. – 452 с.

[7] Балозӯрӣ, А. Футуҳу-л-булдон [Матн] / А. Балозӯрӣ; тарҷумаи Муҳаммади Таваккал. – Теҳрон, 1337 ш. – 787 с.

[8] Гардезӣ Абӯсаъид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуд. Зайну-л-ахбор [Матн] / А. Гардезӣ; бо муқобала ва таълиқоти Абулҳай Ҳабибӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1347 ҳ.ш. – Ҷ.2. – 934 с.; Гардезӣ Абӯсаъид Абдулҳай. Зайну-л-ахбор [Матн] / А. Гардезӣ; баргардон Қодири Рустам. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 416 с.

(Мадойин), фирори Яздигурд ба Марв ва раванди забткориҳои арабҳо дар Хуросон маълумоти мухтасар зикр намудааст.

Дар «Таърихи Комил»-и Иззуддин ибни Асир махсусияти истиқрори ислом дар Хуросон ва саҳми эрониён дар густариши фарҳанг ва улуми исломӣ амиқ баён гардидааст, ки ин гуна маълумот дар дигар манбаъҳо камтар ба чашм мерасад.

Абӯрайҳон Берунӣ[1] ба масъалаҳои бовару эътиқод ва динҳои бостонии эрониён, парастишу эътиқоди пешазисломии аҷдоди тоҷикон ва сабабҳои ба оташпарастӣ рӯ овардани онҳо андешаҳои ҷолиб баён месозад, ки дар баррасии масоили марбутаи рисолаи мо истифода гардиданд.

Дар «Шоҳнома»-и ҳакими бузург Фирдавсӣ[2] доир ба вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии даврони қудрати шоҳаншоҳии Сосониён, махсусан замони шоҳаншоҳии Хусрави Парвиз, ки зуҳури ислом ба давраи вай рост меояд, маълумоти пурқиммат мавҷуд аст. Бояд тазаккур дод, ки "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ муҳимтарин сарчашмаи таърихӣ дар раванди ҷангҳои иттилоотии миёни аҷаму араб ва сабабҳои таназзули Сосониён шинохта мешавад.

Дар баробари ин асарҳои зиёди таърихии муаррихони асрҳои IX-XII-и форсу араб, аз қабили Абулфазли Байҳақӣ, Аҳмад ибни Возеҳи Яъқубӣ, Мутаҳҳар ибни Тоҳир Мақдисӣ ва осори дигар муаррихони машҳури ин давра истифода гардидааст.[3]

**Ба гурӯҳи сеюм сарчашмаҳои таърихиеро** шомил кардем, ки ба таърихи маҳалҳои ҷудогона бахшида шудаанд. Дар асрҳои X-XIII як даста аз осоре падид омаданд, ки ба таърихи шаҳру вилоятҳои ҷудогона бахшида шудаанд. Ин осор дар мисоли як минтақа дар қатори дигар масъалаҳо ба забткории арабҳо ва истиқрори ин фарҳанг дар Эрону Хуросону Мовароуннаҳр аҳаммияти махсус додаанд[4]. Ахбори ин гуна сарчашмаҳо мунҳасир ба фард буда, дар манобеи дигар ба чашм намехӯрад.

**Гурӯҳи чоруми сарчашмаҳо** осори таълифкардаи донишмандон роҷеъ ба таърихи ислом, равияву фирқаҳои исломӣ ва густариши онҳо, тасаввуф ва ҷойгоҳи он бахшида шудааст. Ба ин гурӯҳи сарчашмаҳо осори муаррихон, олимон ва мутафаккирони тоҷику форс ва араб, аз қабили Абдуллоҳ ибни Умари Балхӣ, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухорӣ, Абдулкарими Шаҳристонӣ, Абдурраҳмон ибни Халдун, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Абдулваҳҳоб ас-Субкӣ, Абдулкарими Тоҷир, Абдулқодир ибни Абдулвафои Қурашӣ, Абдулқоҳир ибни

---

[1] Берунӣ, А. Осор-ул-боқия [Матн] / А. Берунӣ. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с.; Берунӣ, А. Осору-л-боқия ани-л-қуруни-л-ҳолия [Матн] / А. Берунӣ. – Теҳрон, 1376 ш.

[2] Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн]: иборат аз 4 ҷилд / Фирдавсӣ; таҳияи Парвизи Атобакӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1386. – 2671 с.

[3] Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ [Матн] / А. Байҳақӣ; бо тасҳеҳи Алиакбари Файёз. – Машҳад: Интишороти Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад, 1350. – 1088 с.; Аҳмад ибни Яъқуб (Ибни Возеҳи Яъқубӣ) Таърихи Яъқубӣ [Матн] / А. Яъқубӣ; тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – Ҷ.1. – 610 с.; Аҳмад ибни Яъқуб (Ибни Возеҳи Яъқубӣ) Таърихи Яъқубӣ [Матн] / А. Яъқубӣ; Тарҷумаи Муҳаммад Иброҳими Оятӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387. – Ҷ.2. – 644 с.; Мақдисӣ Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсану-л-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим [Матн] / М. Мақдисӣ; бо кӯшиши Дахвия. – Лейдан, 1967. – 431 с.; Мақдисӣ Мутаҳҳар ибни Тоҳир. Ал-бидаъ ва-т-таърих [Матн] / М. Мақдисӣ. – Париж, 1919. – Ҷ.1. – 548 с.; Таʹрих-и Систан (История Систана) [Текст] / перевод, введение и комментарий Л.М. Смирнова. – М.: Наука, 1974. – 573 с.;

[4] Наршахӣ Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро [Матн] / М.Ҷ. Наршахӣ; бо кӯшиши Муҳаммадтақии Муддариси Разавӣ. – Теҳрон, 1363. – 443 с.; Наршахӣ, А. Таърихи Бухоро [Матн] / А. Наршахӣ. – Душанбе: Дониш, 1979. – 118 с.; Таʹрих-и Систан (История Систана) [Текст] / перевод, введение и комментарий Л.М. Смирнова. – М., 1974. – 573 с.

Тоҳири Бағдодӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Исмоили Ашъарӣ, Абулюср Муҳаммади Паздавӣ, Абусулаймони Сиҷистонӣ, Абуалии Мискавайҳи Розӣ, Закариёи Розӣ, Абумансур ибни Муҳаммади Мотуридии Самарқандӣ, Абумуқотили Самарқандӣ, Ибни Асокир Алӣ ибни Ҳасан, Ибни Доии Розӣ, Ибни Қатлубиғо, Нуъмон ибни Собит - Имоми Аъзам Абуҳанифа, Каҳҳало Умар Ризо, Муҳаммад Абдулҳай Лакҳнавӣ, Самъонӣ Абдулкарим ибни Муҳаммад ва дигарон шомил мешаванд.[1]

Дар маҷмуъ, «Таҷорибу-л-умам»-и Мискавайҳи Розӣ[2], «Тазкирату-л-авлиё»-и Фариддадини Аттор[3], «Ал-Феҳрист»[4]-и Муҳаммад ибни Исҳоқи Надим,

---

[1] Абубакр Абдуллоҳ ибни Умар ибни Муҳаммад ибни Довуд Воизи Балхӣ. Фазоили Балх [Матн] / тарҷумаи Ҳусайни Балхӣ; бо кӯшиши Абдулҳайи Ҳабибӣ. – Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳанги Эрон, 1350. – 653 с.; Абдурраҳмон ибни Халдун. Таърих [Матн] / А. Халдун; тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ. – Теҳрон: Парчам, 1363. – Ҷ.1. – 741 с.; Абдурраҳмон ибни Халдун. Муқаддимаи ибни Халдун [Матн] / А. Халдун; тарҷумаи Муҳаммад Парвини Гунободӣ. – Теҳрон, 1366 ҳ.қ. – Ҷ.1. – 988 с.; Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. Нафаҳот-ал-унс [Матн] / А. Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8. – 494 с.; ҳамон муаллиф. Нафаҳоту-л-унс [Матн] / А. Ҷомӣ; бо кӯшиши Тавҳидпур. – Теҳрон, 1362 ҳ.ш.; ҳамон муаллиф. Бӯстону-л-орифин [Матн] / А. Ҷомӣ; бо кӯшиши Тавҳидпур. – Теҳрон, 1362 ҳ.ш.; Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухорӣ. Саҳеҳ ал-Бухорӣ [Матн] / А. Бухорӣ; аз арабӣ тарҷумаи М. Умаров, Ф. Бобоев. – Душанбе: Эр-граф, 2004. – Ҷ.1. – 524 с.; Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Таърихи Кабир [Матн] / И. Бухорӣ. – Бейрут: Дору-л-фикр, 1407 ҳ.қ.; Абдулваҳҳоб ибни Алӣ ибни Абдулкофӣ ас-Субкӣ. Ас-сайфу-л-машҳур фӣ шарҳи ақидати Абимансур [Матн] / А. Субкӣ. – Чопи аввал. – Истанбул, 1409 ҳ.қ.; Абдулкарими Тоҷир. Қандия [Матн] / А. Тоҷир; бо кӯшиши Эраҷ Афшор. – Теҳрон, 1378.; Абдулқодир ибни Абдулвафои Қурашӣ. Ал-Ҷавоҳиру-л-музиа фӣ табақоти-л-ҳанафия [Матн] / А. Қурашӣ. – Ҳайдаробод, 1332 ҳ. (1913). – Ҷ.I-II.; Абдурраҳмони Абдухолиқ. Шарҳи «Ақоиди Насафӣ» [Матн] / А. Абдухолиқ. – Чопи аввал. – Зоҳидон: Ал-мактабату-л-исломия, 1356. – 549 с.; Насафӣ Абулмуин Маймун ибни Муҳаммад. Табсирату-л-аддила фи усулу-д-дин ало тариқати-л-Имом Абӣ Мансур ал-Мотуридӣ [Матн] / М. Насафӣ; бо кӯшиши Кулуд Салома. – Димишқ, 1990-1993. – Ҷ.I. – 356 с.; Ҷ.II. – 357 с.; Абулҳасан Алӣ ибни Исмоили Ашъарӣ. Мақолоту-л-исломийин ва ихтилофу-л-мусаллийин [Матн] / А. Ашъарӣ; тарҷумаи Муҳсини Муайядӣ. – Теҳрон: Амир Кабир, 1362 ҳ.ш.; Абулюср Муҳаммади Паздавӣ. Усули-д-дин [Матн] / А. Паздавӣ; бо кӯшиши Ҳанс Петер Линсс. – Қоҳира, 1363 ҳ. (1963).; Абӯсулаймони Сиҷистонӣ Муҳаммад ибни Тоҳир. Сивону-л-ҳикмат [Матн] / А. Сиҷистонӣ; бо кӯшиши Абдурраҳмон Бадавӣ. – Теҳрон, 1974 м. – 307 с.; Абулҳасан Омирӣ Муҳаммад ибни Юсуф. Расоилу Абилҳасан ал-Омирӣ ва шазаротиҳи-л-фалсафия [Матн] / А. Омирӣ; бо кӯшиши Субҳон Халифот. – Умон (Иордания), 1988; Абутоҳир Хоҷаи Самарқандӣ. Самария [Матн]: дар баёни авсофи табиӣ ва мазороти Самарқанд [Матн] / А. Самарқандӣ. – Теҳрон: Интишороти фарҳанги Эронзамин, 1343. – 346 с.; Абумансур Муҳаммад ибни Муҳаммади Мотуридии Самарқандӣ. Китобу таъвилоти-л-Қуръон [Матн] / А. Самарқандӣ. – Бейрут, 2002.; Абӯмансур Муҳаммад ибни Муҳаммади Мотуридии Самарқандӣ. Китобу-т-тавҳид [Матн] / А. Самарқандӣ; бо кӯшиши Бакр Туполуғлӣ ва Муҳаммад Орӯшӣ. – Бейрут: Дору-с-содир, 1428 ҳ. (2007).; Абумуқотили Самарқандӣ. Китобу-л-олими ва-л-мутааллим [Матн] / А. Самарқандӣ; бо кӯшиши Муҳаммад Равош Қалъачӣ, Абдулваҳҳоби Ҳиндӣ ан-Надвӣ. – Алеппо, 1972.; Абулҳайёни Тавҳидӣ Алӣ ибни Муҳаммад. Ал-Имтоъ ва-л-муонаса [Матн] / А. Тавҳидӣ; бо кӯшиши Аҳмад Амин, Аҳмад Зайн. – Қоҳира, 1939-1944. – Ҷ.II.; Баёзӣ Камолуддин Аҳмад ибни ал-Ҳасан. Ишороту-л-маром мин ибороти-л-имом [Матн] / Б. Ҳасан; бо кӯшиши Юсуф Абдурраззоқ. – Қоҳира, 1368 ҳ. (1949).; Ибни Асокир Алӣ ибни Ҳасан. Табйину казиби-л-муфтарӣ фимо нусиба ила-л-Имом Абилҳасан ал-Ашъарӣ [Матн] / А. Ҳасан. – Бейрут, 1404 ҳ.қ. (1984).; Ибни Асокир Алӣ ибни Ҳасан. Таъриху мадинати Димишқ [Матн] / А. Ҳасан; бо кӯшиши Алишерӣ. – Бейрут, 1995-1996.; Ибни Доии Розӣ. Китобу табсирати-л-авом фӣ маърифати мақолоти-л-аном [Матн] / Д. Розӣ; бо кӯшиши Аббос Иқбол. – Теҳрон, 1332 ш. (1913).; Ибни Қатлубиғо Абӯабдулзайниддини Қосим. Тоҷу-т-тароҷим [Матн]: дар баёни авсофи табиӣ ва мазороти Самарқанд / Қ. Қосим. – Бағдод, 1912.; Имоми Аъзам Абуҳанифа. Фиқҳи акбар [Матн] / Абуҳанифа; тарҷумаи Суннатуллоҳи Яъқуб. – Душанбе: Ирфон, 2009.; Имоми Аъзам Абуҳанифа. Васиятнома [Матн] / Абуҳанифа; турҷумаи Суннатуллоҳи Яъқуб. – Душанбе: Ирфон, 2009.; Каҳҳало Умар Ризо. Муъҷаму-л-муаллифин [Матн] / Р. Каҳалло. – Димишқ, 1957-1961. – 354 с.; Лакҳнавӣ Муҳаммад Абдулҳай. Ал-фавоиду-л-баҳия фӣ тароҷими-л-ҳанафия [Матн] / М. Лакҳнавӣ. – Қоҳира, 1324 ҳ.қ. (1906). – 564 с.; Муҳаммад ибни Мунаввар. Асрору-т-тавҳид фӣ мақомоти-л-шайх Абусаид [Матн] / М. Мунаввар; бо тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммад Ризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон, 1366 ш. – Ҷ.1.; Самъонӣ Абдулкарим ибни Муҳаммад. Китобу-л-ансоб [Матн] / А. Самъонӣ; бо кӯшиши Абдурраҳмон Муаллими Имонӣ. – Ҳайдаробод: Дакан, 1962-1982. – Ҷ.I-XII.; Субкӣ Тоҷиддин Абӯнаср Абдулваҳҳоб. Табақоту-ш-шофеияти-л-кубро [Матн] / Т. Субкӣ; бо кӯшиши Абдулфаттоҳ Муҳаммад Ҳулв Маҳмуд Муҳаммади Танохӣ. – Қоҳира, 1964-1976. – Ҷ.I-X.; Хайриддин Зириклӣ. ал-Аълом. Муассасату-т-торихи-л-арабӣ [Матн] / Х. Зириклӣ. – Чопи дувум. – Бейрут, 1989 м. – Ҷ.VII. – 466 с.

[2] Абуалии Мискавайҳи Розӣ. Таҷорибу-л-умам [Матн] / М. Розӣ; тарҷумаи Абулқосим Имомӣ. – Теҳрон, 1369. – 544 с.

[3] Фаридаддини Аттори Нишопурӣ. Тазкирату-л-авлиё. Таҳияи Муҳаммадхони Қазвинӣ [Матн] / Ф. Аттор. – Теҳрон: Носири Хусрав, 1370 ҳ. – 294 с.

[4] Муҳаммад ибни Исҳоқи Надим. Ал-Феҳрист [Матн] / М. Надим; тарҷумаи Ризои Таҷаддуд. – Теҳрон, 1346 ҳ. – 984 с.

«Муқаддима» [1] -и Абдурраҳмон ибни Халдун, “Ал-милал ва-н-ниҳал”-и Абдулкарими Шаҳристонӣ[2], “Ал-фарқу байна-л-фирақ”-и Абдулқоҳири Бағдодӣ[3], “Китобу-т-тавҳид”-и Абумансур Мотуридии Самарқандӣ [4] , “Усули-д-дин”-и Муҳаммади Паздавӣ [5] ва ғайра аз муҳимтарин сарчашмаҳо оид ба саҳми эронитаборон дар густаришу илму фарҳанги замон тавассути мазҳаби ягонаи ҳанафӣ мебошанд.

**Ба гурӯҳи панҷум** вобаста ба яке аз бахшҳои рисола осореро шомил кардем, ки дар онҳо дар мавриди раванди ташаккул ва таҳаввули ҳанафия дар Хуросону Мовароуннаҳр маълумот додаанд. Ба ин гурӯҳи сарчашмаҳо “Фиқҳи акбар” ва “Васитянома”-и Имоми Аъзам Абуҳанифа, “Китобу табсирати-л-авом фӣ маърифати мақолоти-л-аном»-и Ибни Доии Розӣ, “Саводу-л-аъзам”-и Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ, “Мақолоту-л-исломийин”-и Абулқосим Каъбии Балхӣ, “Табақоту-л-муътазила”-и Ибни Муртазо, “Ақоиду-н-насафия”-и Наҷмуддини Насафӣ, “Табақоту-с-сунния”-и Тақиюддини Тамимӣ ва манбаҳои дигар шомил мешаванд, ки барои ташаккули мазҳаби ягонаи ҳанафия дар Мовароуннаҳр мусоидат намуданд. Барои дар амал татбиқ кардани ин рисолати таърихӣ “Саводу-л-аъзам”-и Ҳакими Самарқандӣ бо супориши бевоситаи Амир Исмоили Сомонӣ таълиф гардида буд, ки дар таҳияи диссертатсия дар баробари сарчашмаҳои фаровон мавриди истифода қарор гирифтанд[6].

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотии кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст.

---

[1] Абдурраҳмон ибни Халдун. Таърих [Матн] / А. Халдун; тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ. – Теҳрон: Парчам, 1363. – Ҷ.1. – 741 с.; Абдурраҳмон ибни Халдун. Муқаддимаи ибни Халдун [Матн] / А. Халдун; тарҷумаи Муҳаммад Парвини Гунободӣ. – Теҳрон, 1366 ҳ.қ. – Ҷ.1. – 988 с.

[2] Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.1. – 476 с.; Абдулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ. Ал-Милал ва ниҳал [Матн] / А. Шаҳристонӣ; тарҷумаи Мустафо ибни Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ; бо муқаддима ва ҳавошию тасҳеҳу таълиқоти Сайид Муҳаммадризо Ҷалолии Ноёнӣ. – Теҳрон: Иқбол, 1378 ҳ.ш. – Ҷ.2. – 477 с.

[3] Абумансур Абдулқоҳир ибни Тоҳири Бағдодӣ. Ал-фарқу байна-л-фирақ [Матн] / А.Бағдодӣ; бо кӯшиши Муҳаммадзоҳиди Кавсарӣ. – Миср, 1948. – 429 с.; Қоҳира: Дору-т-талоеъ, 2005.;Абумансур Абдулқоҳир ибни Тоҳири Бағдодӣ. Ал-фирақу байна-л-фирақ [Матн] / А. Бағдодӣ; тарҷумаи Муҳаммадҷаводи Машкур. – Теҳрон: Ишроқӣ, 1367 ҳ.ш.

[4] Абӯмансур Муҳаммад ибни Муҳаммади Мотуридии Самарқандӣ. Китобу-т-тавҳид [Матн] / А. Самарқандӣ; бо кӯшиши Бакр Туполуғлӣ ва Муҳаммад Орӯшӣ. – Бейрут: Дору-с-содир, 1428 ҳ. (2007). – 328 с.

[5] Абулюср Муҳаммади Паздавӣ. Усули-д-дин [Матн] / А. Паздавӣ; бо кӯшиши Ҳанс Петер Линсс. – Қоҳира, 1363 ҳ. (1963). – 310 с.

[6] Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. Ас-Саводу-л-аъзам [Матн] / А. Самарқандӣ; тарҷумаи куҳан аз арабӣ; таҳиягарони матн ва муаллифони муқаддима, таълиқоту ҳавошӣ Н. Салимов, Н. Зоҳидов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009.; Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. ас-Саводу-л-аъзам [Матн] / А. Самарқандӣ; тарҷумаи кӯҳани форсӣ; бо кӯшиши Абдулҳайи Ҳабибӣ. – Теҳрон, 1348 ш.; Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. ас-Саводу-л-аъзам [Матн] / А. Самарқандӣ; бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Ф. Баротзода, С. Шаҳобуддинов, Р. Азизӣ, М. Наҷотзода. – Душанбе: Андалеб-Р, 2016. – 248 с.; Насафӣ Абулмуин Маймун ибни Муҳаммад. Табсирату-л-аддила фи усулу-д-дин ало тариқати-л-Имом Абӣ Мансур ал-Мотуридӣ [Матн] / М. Насафӣ; бо кӯшиши Кулуд Салома. – Димишқ, 1990. – Ҷ.I. – 356 с.; Насафӣ Наҷмуддин Абӯҳафс Умар ибни Муҳаммад. ал-Ақоиду-н-насафия [Матн] / Н. Насафӣ. – Ледан, 1843. – 568 с.; Саймарӣ Ҳусайн ибни Алӣ. Ахбору Абиҳанифа ва асҳобиҳи [Матн] / А. Саймарӣ. – Бейрут, 1985. – 326 с.; Самъонӣ Самарқандӣ Муҳаммад. Қандия ва Самария [Матн] / С. Самарқандӣ; бо кӯшиши Эраҷ Афшор. – Теҳрон, 1367 ҳ.ш.; Тамимӣ Тақиюддин. Ат-табақоту-с-сунния [Матн] / Т. Тамимӣ; бо кӯшиши Абдулфатоҳ Муҳаммад Ҳулв. – Риёз, 1403 ҳ.қ. (1983 м.). – Ҷ.2.;

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ:

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкур аз муайян намудани сабабҳои инқирози шоҳаншоҳии Сосониён, таърихнигории таърихи раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X, таҳқиқи паёмадҳои забткориҳи араб, сабабу омилҳои раванди исломпазирии мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, саҳми эрониён-тоҷикон дар ташаккул ва густариши илму фарҳанги ин давра иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот:** Умед аст, таҳқиқи мавзуи мазкур барои ташаккули тафаккури таърихӣ ва илмии замони муосир саҳмгузор бошад. Бо ин мақсад, дар таҳияи рисола бар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи маълумоти манбаҳои таърихии дасти аввали мавзуъ, чунин вазифаҳоро дар пеши худ гузоштем:

– дар асоси таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ равшан намудани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳои мавриди таҳқиқ қарордошта;

– таҳлили манобеи ҷуғрофӣ-таърихӣ ва дақиқ намудани ҳудудҳои ҷуғрофии сарзаминҳои Хуросону Мовароуннаҳр;

– дар асоси таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ собит сохтан ва муқаррар сохтани сабабҳои сукути шоҳаншоҳии Сосониён;

– бо таҳлили таърихнигории мавзуъ тақиқ намудани ҳолати эътиқодӣ ва мавқеи дину ойини мардумони Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи зуҳури ислом;

– дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ошкор кардани раванди забткориҳои арабҳо ва сабабҳои музаффариятҳои онҳо дар минтақа;

– бо таҳлили таърихнигории мавзуъ равшан сохтани сабабу омилҳои сар задани муборизаҳои мардумии Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди арабҳо;

– дар асоси таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ошкор кардани вижагӣ ва сабабу авомили исломпазирии мардуми  Хуросону Мовароуннаҳр;

– Бо омузиши маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ нишон додани саҳм ва мавқеи мардумони минтақа дар густарши ислом дар миёни қавму халқиятҳои мухталиф ва ҳудудҳои ҷуғрофии дигар;

– нишон додани ҷойгоҳ ва мақоми хуросониён дар ташаккул ва рушди илму фарҳанг ва  аз тариқи онҳо таблиғ намудани ҷаҳонбинии нави динӣ;

– муайян намудани саҳми тоҷикон дар поягузорӣ ва рушди мактабҳову ҷараёнҳои динӣ ва мазҳаби ҳанафия;

– ошкор намудани саҳми мардумони минтақа дар ташаккули фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар ду асри аввали зуҳури он;

– дар асоси таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ муайян намудани саҳм ва ширкати хуросониён дар сохторҳои идориву маъмурии хилофати араб;

– бо таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ муайян сохтани омилҳои ташаккули мазҳаби ҳанафия дар фазои фарҳангӣ ва ҳуқуқии замони Сомониён.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар илми таърихнигорӣ ва манбаъшиносӣ кӯшиш гардидааст, заминаҳо, роҳҳо ва вижагиҳои гуногуни забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X равшан гардад. Омӯзиши амиқи масъалаи мазкур дар таърихнигории имрӯзаи тоҷик аз навовариҳои илмист, зеро дар баробари таҳқиқи густариши ислом саҳми мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар интишори илму фарҳанг ба монанди Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ва намояндагони дигари

нехзати фикрию фарҳангии шуубия, Салмони Форсӣ, Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит, Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ, Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ, Сибавайҳи Форсӣ ва дигарон хело назаррасанд. Аз ин рӯ ин мавзуъ ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Бо таҳлили сарчашмаву осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ навгониҳои илмии рисола дар самти таърихнигории забткориҳои араб, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ва паёмадҳои он дар асрҳои VIII-X дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

– бар асоси таҳлил ва баррасии маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ва натиҷаҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, бори нахуст мавзуи таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X ба таври ҳамаҷониба ва васеъ ба риштаи таҳқиқ кашида шуд;

– заминаҳо ва омилҳои асосии ба ойини нав гаравидани мардумони бумии Хуросону Мовароуннаҳр таҳқиқ ва муайян карда шуданд;

– вижагиҳои раванди забткориҳои арабҳо дар минтақа ба таври фарогир бар асоси маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ-таърихӣ тавсиф ва мушаххас гардиданд;

– раванди забткориҳо, амали ҳокимон ва мақсаду мароми арабҳо таҳлил ва муайян карда шуд;

– дар асоси маълумоти манбаҳои таърихӣ муборизаҳои оштинопазири мардумони Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди арабҳо ба таври фарогир мавриди таҳқиқ қарор гирифт;

– хусусият ва марҳилаҳои асосии муборизаҳои мардумии минтақа, моҳияти муборизаҳои озодихоҳӣ, мақсади онҳо ва ҳифзи дину ойинҳои пешазисломӣ таҳқиқ ва муайян карда шуданд;

– раванди муборизоти мазҳабӣ ва ташаккули мазҳаби ҳанафия тавассути донишмандону амирони хонадони Сомониён нишон дода шуд;

– нақши мазҳаби ҳанафия дар истиқрори ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр таҳқиқ ва муайян гардид;

– дар баробари таҳқиқу омӯзиш бори аввал маълумоти васеи сарчашмаҳои хаттӣ-таърихии асрҳои IX-XII-и арабию форсӣ ба гардиши илмӣ ворид карда шуд;

– дар асоси таҳлилу баррасии маълумоти сарчашмаҳо ва осори муҳаққиқони муосир имкон фароҳам омад, ки дар самти таҳқиқи таърихи забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X донишҳои амиқ ва аёнӣ ҳосил гардад;

**Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқоти** диссертатсияро усулҳои муносибати комплексиву системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих истифодашаванда – таърихият, пайдарпайии хронологӣ ва мантиқӣ, масъалагузорӣ, шаффофият ва беғаразӣ дар асоси факту далелҳо ташкил медиҳад. Ин усулҳо, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, имкон доданд, ки сабабу натиҷаҳои рӯйдодҳои таърихӣ, заминаҳо, омилҳо ва натиҷаҳои раванди забткориҳои араб дар Хуросону Мовароуннаҳр таҳқиқу баррасӣ гарданд. Бо назардошти равандҳои таърихӣ ва муқоисавӣ мо кӯшиш намудем, ки сатҳи таҳаввули мавзуи таҳқиқшаванда ва тағйироти баамаломадаро муайян ва муқоиса карда, раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳрро муайян намоем. Усули таҳлили муқоисавӣ дар омӯзиши

зуҳуроти таърихӣ ба муайян кардани раванди забткориҳои араб, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардум бар зидди аҷнабиён ва паёмадҳои он истифода шудааст.

Татбиқи усули хронологӣ дар таҳияи рисола имкон дод, ки таърихи раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳрро дар раванди воқеаҳои пурихтилофи давраи муайяни таърихӣ пайгирӣ намуда, воқеаҳои вобаста ба мавзуъ амалигардидаро таҳлил намоем, тадриҷан бо пайдарҳамии таърихиву хронологӣ, масъалаҳои асосиеро, ки дар раванди забткориҳои араб ба амал омадаанд, баррасӣ намоем. Ҳамзамон, дар диссертатсия равиши байнисоҳавӣ истифода бурда шуд, зеро бо хусусиятҳои мавзуи таҳқиқот алоқаманд буда, ҷанбаҳои гуногуни он бо истифода аз дастовардҳои илмҳои манбаъшиносӣ, таърихнигорӣ, хронологияи таърихӣ, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ ва ғайра омӯхта шуданд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** ба таҳқиқи масъалаи муҳимми раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр бар асоси маълумоти манбаҳои таърихии давраи таҳқиқ ба забони форсию арабӣ, осори ҷуғрофӣ-таърихии сайёҳону муаррихони асрҳои миёна, таҳқиқотҳои олимону муҳаққиқони русу араб, аврупоӣ, амрикоӣ ва дастовардҳои илмии таърихнигорони ватанӣ такя мекунад. Мавзуи таҳқиқот аз таҳлили маводу манбаҳои таърихии форсию арабӣ ва осори муҳаққиқони муосири ватанию хориҷӣ иборат мебошад ва раванди забткориҳои арабу муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳрро дар асоси вазифаҳои бамиёнгузошташуда, ки усулҳои шаффофият, таърихият ва мушаххасотро ба назар гирифтаанд, фаро мегирад.

Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки дар асоси таҳлилҳо ва таҳқиқҳо раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр муайян гардидааст. Омӯзиши таҳқиқоти мазкур ҳамчун мавзуи муҳимми таърихӣ, на танҳо аҳаммияти калони илмиву амалӣ дорад, балки барои равшан сохтани саҳифаҳои таҳқиқнагардида ва норавшани таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик, инчунин барои тарбияи наслҳои ҷавони имрӯза ва ояндаи миллат кумаки амалӣ хоҳад расонд.

Аҳаммияти амалии дигари рисолаи мазкур дар муаррифии аҳволу осори олимону мутафаккирони асрҳои миёнаи минтақа ва саҳми беназири онҳо дар ташаккул ва инкишофи улум иборат аст. Инчунин таҳқиқоти мазкур метавонад зимни таҳияи корҳои илмӣ доир ба масъалаҳои муҳимми таърихӣ ва фарҳанги халқи тоҷик ва мардумони ҳамҷавор тартиб додани барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсус доир ба масъалаи забткориҳои араб дар минтақаи мавриди таҳқиқ барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. Дар давоми чор соли охир натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф дар раванди таълиму тарбия дар факултаи таърихи ДМТ барои донишҷӯёни курси сеюм дар шакли «Курси махсус» ба таври васеъ истифода шудаанд.

**Объекти таҳқиқот**и диссертатсионӣ аз таҳқиқи раванди забткориҳои араб, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X ва паёмадҳои онҳо иборат аст.

**Мавзуи таҳқиқот** аз омӯзиши таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X иборат мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, матлабҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмиву амалӣ ва семинарҳои методологӣ, ҳамзамон дар таҳияи барнома ва васоити таълимӣ дар мактаби олӣ саҳмгузор мебошад. Инчунин, таҳияи нақшаву дебоча, таълифи таҳқиқот, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат менамояд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:** Дар асоси таҳлилу омӯзиши манбаҳои хаттӣ-таърихии асҳои IX-XII ва осори муҳақиқони муосир доир ба забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр матлабҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:

– Сабабҳои босуръати парокандагии дохилию сиёсии шоҳаншоҳии Сосониёнро метавон дар бархурдҳои дохилии мазҳабӣ, дар қисматҳои ғарбию марказӣ миёни зардуштиёну яҳудиёну масеҳиён ва бархурдҳои мазҳабии зардуштиёну буддоиён дар қисмати шарқии шоҳаншоҳӣ ва ба ин васила аз тобеияти ҳокимияти марказӣ берун мондани қисмати шарқии шоҳаншоҳӣ унвон дод. Масеҳиён дар охирҳои қудрати Сосонӣ оташкадаҳоро вайрон карда, яҳудиён мӯбадони зардуштиро зинда ба зинда пӯст мекананд.[1] Хушунатҳои мазҳабӣ вазъияти умумии кишварро чунон ногувор намуда буданд, ки маъмурони давлатӣ дигар аз дини расмии шоҳаншоҳии зардуштия дифоъ карда наметавонистанд;

– Дар дохили кишвар қувваҳои марказгурез ба вуҷуд омада, сарлашкарон, сипоҳиён ва ҳокимони маҳаллӣ дигар майли ба марказ итоат карданро надоштанд. Дар баробари ин дар тули 4 соли охири қудрати Сосониён кушта шудани 12 нафар шоҳаншоҳон[2] аз буҳрони бузурги сиёсӣ дарак медод, ки дар оянда заминаро барои суқути Сосониён фароҳам оварда буд;

– Маҳз дар ҳамин давра аз хориҷи кишвар румиҳо, туркҳо ва арабҳо ҳуҷумҳои худро ба қаламрави шоҳаншоҳии Сосониён шуруъ карданд. Аксари мардуми шоҳаншоҳӣ, ки дигар ҳукмронии ин хонадонро намехостанд, ба ҳар дину ойини тозае, ки имтиёзҳои табақотиро аз миён бурда, баробарии иҷтимоӣ ва иқтисодиро барои мардумони ноком ваъда медоданд, бо шӯру ҳаяҷон ба он мегаравиданд.[3]

– Пайравони динҳои насронӣ, буддоӣ, монавӣ, маздакӣ, меҳрпарастӣ, бутпарастӣ, оташпарастӣ, зурвонӣ ва ақалияти пайравони динҳои дигар бо ихтилофҳои ақидавии худ дар ин ё он шакл барои коста гардидани таъсир ва нуфузи дини расмӣ мусоидат менамуданд. Дар чунин давраи ҳассос пайравони динҳои дигар барои камтаъсир сохтани дини расмӣ ва суқути шоҳаншоҳӣ кумак карда, дини Зардуштӣ бошад ҳамчун дини расмии кишвар камтаъсир ва бефурӯғ гардида, дигар таъиноти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаро таъмин карда наметавонист;

---

[1] Кристинсен Артур. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристинсен; тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. – Теҳрон, 1332. – С.195-196.

[2] Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 14 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.II. – С.769.

[3] Нафисӣ Саъид. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн]: аз инқирози Сосониён то инқирози Умавиён / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342. – Ҷ.2. – С.25-26.

– Сабаби асосии дар аксарият набардҳо ғолиб омадани арабҳо дар гусастани робита байни давлатдорон ва мардум, хиёнати ҳокимони маҳаллӣ, заъфу камқудратии сипоҳи эрониён дар ҷангҳои пайдарпай бо кишварҳои ҳамсоя буд;

– Раванди истиқрори исломро дар минтақа ба чаҳор давра тақсим намудан мумкин аст. Давраи аввал – аз ибтидои лашкаркашӣ аз соли 633 то соли 705-ро дар бар гирифта, дар ин давра халифаҳо волиёни худро бо мақсади истилои минтақа ва ё ҷамъоварии маълумот равона мекарданд;

Давраи дуюм – ба замони юришҳои Қутайба рост меояд, ки ӯ вазифадор гардида буд ба ҳар восита ва қиммате бошад, бояд Хуросону Мовароуннаҳр истило мегардид. Дар ин маврид бераҳмӣ ва қатлу куштори бемислу монанди Қутайба далелҳои радношавандаи таърихӣ мебошанд;

Давраи сеюм – аз соли 715 то соли 750 идома ёфта, дар ин марҳила аксари сарзаминҳои Хуросону Мовароуннаҳр аз ҷониби арабҳо забт карда шуда, қисми таркибии хилофатро ташкил медоданд;

Давраи чорум – асрҳоеро дар бар мегирад, ки бо инкишофи ҳанафия дар минтақа ва вусъат ёфтани он дар минтақаҳои дигар рост меояд;

– Муборизаҳои мардуми Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди арабҳо ва ошӯбу исёнҳои баамаломада бештар хусусияти динӣ-фарҳангӣ ва озодихоҳӣ доштанд. Сар задани ошӯбҳои зиёди зидди арабӣ ва баланд гардидани таъсиру нуфузи хонадонҳои маҳаллӣ таваҷҷуҳи халифаҳои аббосиро нисбат ба ин минтақа кам карда буд ва дар охир ҷуз пардохти хироҷ аз Хуросону Мовароуннаҳр дигар чизе умедвор набуданд;

– Натиҷа ва хидмати таърихии ҷунбишҳои мардумии Хуросону Мовароуннаҳр ба он овард, ки дар соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии хилофат таҳаввулоти фикрии эронитаборон ба амал омада, онҳоро давлатшарики хилофат гардонид. Онҳо на фақат аксарияти табақаи равшанфикрону сиёсатмадоронро ташкил медоданд, балки ба вазъи низоми ҳарбӣ-сиёсӣ ва иқтисодии минтақа таъсиргузор буданд. Натиҷаи дигари шӯришҳои мардумӣ аз он иборат буд, ки як неруи бузург ва тафаккури зиддиарабиро дар Хуросону Мовароуннаҳр ба миён оварда, хонадонҳои Бармакӣ, Саҳли Сарахсӣ, Тоҳир ибни Ҳусайни Пашунгӣ, Фазл ибни Сулаймони Тусӣ, Саффориён ва Сомониёнро сари қудрат оварда, заминаҳои ташаккули давлатдории миллиро ба вуҷуд оварданд;

– Сабабҳои исломпазирии эронитаборон дар буҳрони шадиди иҷтимоии шоҳаншоҳии Сосониён ба парокандашавии давлати муттамарказ; арзишҳои диққатҷалбкунандаи дини нав ва хусусиятҳои ахлоқӣ ва башардӯстонаи он; дарки моҳияти раванди таърихӣ; раҳоӣ аз хироҷи бесобиқаи Сосонӣ ва ҷизяи исломӣ; бо роҳи маҷбурӣ кучонидани арабҳо ба минтақаҳои гуногуни Хуросону Мовароуннахр; муносибатҳои хешу таборӣ, омезиши қавмҳо ва ғайра мебошанд;

– Бо кӯшиши зиёди эронитаборон ойини навро, ки хусусияти умумибашарӣ дошт, аз маҳдудаи қавмӣ-арабӣ берун кашиданд;

– Бо баҳрабардорӣ аз динҳо ва фарҳангҳои пешини худ дар Хуросону Мовароуннахр ба хотири истиқрори ислом, аз мазҳаби ҳанафия дастгирӣ карда, тавонистанд аз сарҳадоти Чин то Аврупо – як минтақаи фазои ҳуқуқиву ахлоқие ба вуҷуд оваранд, ки ба воситаи меъёрҳои ахлоқӣ-динӣ ва усули урф маросиму анъанаҳои гузаштагони худро ҳифз намоянд ва онҳоро батадриҷ вориди анъанаҳои исломӣ созанд;

– Олимону мутафаккирони асрҳои IX-X ҳавзаи мазкур на танҳо симои фарҳангии минтақаро нигоҳ доштанд, балки тавонистанд муҳити гуногунандешии мазҳабиро ба вуҷуд биёранд;

– Дар даврони салтанати Сомониён дар доираи арзишҳои ҳанафия ва таълимоти он андешаҳои каломӣ, фиқҳӣ, ахлоқӣ ва сиёсии мактаби хусусияти минтақавидоштаи ҳанафияи Мовароуннаҳру Хуросон ташаккул ва такомул ёфта, боиси аз нигоҳи ақидатӣ муттаҳид сохтани мардумони ду сарзамин гардид.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои** диссертатсиониро дақиқияти маълумот, кифоя будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои мавзуи таҳқиқшаванда, тақозо менамоянд. Хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Давраи иҷроиши таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири асрҳои VII-X мебошад.

**Пойгоҳи иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро** сарчашмаҳои таърихии марказҳои нусахи хаттии шаҳри Душанбе, Ганҷинаи мероси хаттии АМИТ, шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва адабиёти Эрони Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, китобхонаи Энсиклопедияи миллии тоҷик, китобхонаҳои шахсӣ, инчунин диссертатсияҳо, адабиёти илмӣ, порталҳои иттилоотӣ, сомонаҳои расмии ба мавзуи таҳқиқот нигаронидашуда ва маълумоти матбуоти даврӣ ташкил менамоянд.

**Чаҳорчӯбаи хронологии таҳқиқот** мувофиқ ба фарогирии мавзуъ аз даврони забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннахр, яъне аз ибтидои асри **VII** то охири асри **X**, то фурӯпошии салтанати Сомониёнро фаро мегирад.

**Чаҳорчӯбаи ҷуғрофии таҳқиқот** ҳудудҳои Хуросон ва Тахористону Суғд (Варорӯд), ки то зуҳури мафҳуми ҷуғрофии Мовароуннахр барои ифодаи ин минтақаҳо истифода мегардид, дар бар мегирад. Барои дақиқ намудани ин чаҳорчӯба бо такя бар маълумоти сарчашмаҳои муҳимми ҷуғрофӣ-таърихӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Хуросон дар ҷануб то ба Сиистон, Кӯҳистон, Хулҷ, Ғазнӣ, баъзе вилоятҳои Ҳиндустон, дар ғарб то ба Ғуз, Гургон, Қумис, Дайламон, Табаристон, Рай, Хоразм, Деҳистон, Ҷузҷон, баҳри Хазар, дар шимол то ба Мовароуннаҳр ва дар шарқ то ба кӯҳҳои Тибети Чин, саргаҳи ҳавзаи дарёи Омӯ, кӯҳҳои Помир ва Тахористон, Бомиён, Ғур то ба Ҳирманд арзу тул дошт.[1]

Дар бораи ҳудудҳои ҷуғрофии Мовароуннахр ҳаминро гуфтан бамаврид аст, ки бино бар маълумоти бештари сарчашмаҳо ҳудудҳои шарқии он то Рошт, кӯҳҳои Помир ва Тибет, Хуттал, ҳудудҳои ғарбии онро Ғуз, Тароз, Фороб, Суғд, Самарқанд, Бухоро то Хоразм, шимолии онро Халлух, Туркистон, Фарғона ва қисмати ҷанубии онро Хуросон муайян кардаанд, ки ба доираи ҳудудҳои ҷуғрофии диссертатсия мутобиқ мебошанд.[2]

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои муштараки кафедраи мазкур ва кафедраи таърихи халқи тоҷик муҳокима шудааст. Матлабҳои назариявӣ ва

---

[1] Ғуломов, Т.М. Густариши ислом дар Хуросони Бузург (асрҳои VII-VIII). – Душанбе: Эр-граф, 2010. – С.13-14.
[2] Ҳамон асар. – С.14.

амалии таҳқиқот, пешниҳоду тавсияҳо, ки дар диссертатсия ҷой доранд, дар маводи конференсияи байналмилалии «Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо дар замони муосир» (16.05.2019, ш.Бохтар), онлайн-конфронси байналмилалии Британияи Кабир (Manchester, Great Britain: Peal Press Ltd., 2020. 1851 p. ISBN 978-0-216-01072-7. – P.698-706), онлайн-конфронси байналмилалии ш. Вашингтони Амрико (Scientific Collection «InterConf», (48):(April 4-5, 2021). USA: Washington, ISBN 979-1-293-10109-3USA. En Deavours Publisher, 2021. 1079 p. – P.361-365), конфронси илмӣ-назариявии байналмилалӣ "Бахшида ба 1050-солагии Абурайҳон Берунӣ" (20 майи 2023 ш. Душанбе), маводи конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами таърих ва фарҳанги халқҳои Осиё Марказӣ» (24-25.10.2023, ш.Хуҷанд) ва дигар конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳии илмию назариявӣ баён шуда, бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр шудаанд. Ҳамзамон дар 29 мақолаи илмӣ ва илмиву оммавие, ки 18-тои он дар нашрияҳои шомили маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, дар 3 монографияи муаллиф, ки солҳои 2014 "Этнорелигиозные и этнокультурные процессы принятия ислама в Центральной Азии", соли 2016 "Распространение ислама в Хорасане и Мавераннахре в VII-VIII вв. По сведениям исторических источников" ва "Густриши ислом дар Хуросони Бузург" (дар асрҳои VII-X), ки соли 2020 таълиф шудааст, инъикос ёфтааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мазмуни асосии диссертатсия дар 3 монография ва 18 мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда ва 11 мақолаи дигар дар маводи конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 345 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, бо аҳдоф ва вазифаҳои таҳқиқот тавъам буда, аз пешгуфтор, чор боб, даҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда (371 номгӯй) иборат мебошад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Боби якуми диссертатсия «Сарчашмаҳо ва таърихнигории мавзуи таҳқиқшаванда»** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст.

**Зербоби якуми боби якум «Сарчашмашиносии масъалаи таҳқиқшаванда»** номгузорӣ шудааст. Қайд карда мешавад, ки манбаҳои асосӣ осори хаттии таърихӣ ва сарчашмаҳои ҷуғрофӣ-таърихии муаррихони асрҳои IX-XIII мебошанд.

Аз миёни осори ҷуғрофӣ таълифоти муҳимме чун «Ҳудуду-л-олам мин-ал-Машриқ-ила-л-Мағриб», ки муаллифаш то кунун номаълум аст ва асарҳои «Масолику-л-мамолик»-и Истахрӣ, «Сурату-л-арз»-и Ибни Ҳавқал, «Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим»-и Мақдисӣ, "Масолик ва мамолик"-и Ибни Хурдодбеҳ, "ал-Булдон"-и Яъқубӣ, «Ҷуғрофиё»-и Хавофӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтаанд.

Асари маъруфи «Таъриху-р-русул ва-л-мулук»-и Муҳаммад Ҷарири Табарӣ дар бораи давраи омӯхташаванда манбаи басо муҳим буда, инчунин барои такмили маълумоти худ мо ба осори Яъқубӣ «Таърихи Яъқубӣ», «Зайну-л-ахбор»-и Гардезӣ, «Таҷорибу-л-умам»-и Абуалӣ Мискавайҳи Розӣ, «Муруҷу-з-заҳаб ва

маъодину-л-ҷавҳар»-и Масъудӣ, «Футуҳу-л-булдон»-и Аҳмад Яҳё ибни Ҷобири Балозурӣ, «Таърихи Комил»-и Ибни Асир низ руҷуъ кардем. Ин сарчашмаҳо дар замону макони гуногун офарида шуда, ахбори якдигарро комил месозанд.

Доир ба эътиқодоти пешазисломии аҷдоди тоҷикон асари безаволи Абурайҳон Берунӣ «Осору-л-боқия» хеле муфид мебошад. «Ахбору-т-тивол»-и Аҳмади Динаварӣ ва «ал-Феҳрист»-и Ибни Надим низ аз зумраи сарчашмаҳоеанд, ки перомуни раванди забткориҳои араб ва мубоpизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр маълумоти зиёд медиҳанд. Таърихномаҳои маҳаллӣ низ дар инъикоси забткориҳои арабҳо ва раванди мусулмоншавии аҳолӣ нақши бориз доранд. Дар ин радиф «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ ва «Таърихи Систон»-и муаллифаш номаълум мақоми хос доранд.

Инчунин ахбори сарчашмаҳои дигари арабиву форсӣ назири «Ал-милал ва-н-ниҳал»-и Абдулкарими Шаҳристонӣ ва «Ал-фарқу байна-л-фирақ»-и Абдулқоҳир, «Китобу-л-олими ва-л-мутааллим»-и Самарқандӣ «Саводу-л-аъзам"-и Ҳакими Самарқандӣ, «Китобу-л-ансоб»-и Абдулкарим ибни Муҳаммад Самъонӣ, «Қандия» ва «Самария»-и Муҳаммад Самъонии Самарқандӣ дар диссертатсия фаровон истифода гаштанд. Азбаски сарчашмаҳои асримиёнагӣ бо дастури ҳокимон навишта шуда, имкони роҳ ёфтани таҳриф низ зиёд аст, нигоҳи мо ба сарчашмаҳои таърихӣ илмиву интиқодӣ буда, мавзуи мазкур бар асоси воқеияти таърихӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст.

**Зербоби дувуми боби якум «Таърихнигории масъалаи таҳқиқшаванда»** унвон дорад.

Қайд карда мешавад, ки дар таҳқиқ ва таҳлили масъалаи мазкур осори илмии олимону муҳаққиқони муосири тоҷик, олимони Осиёи Миёнаву Афғонистон, Эрон, кишварҳои Араб, Русия, Аврупову Амрико мақоми арзанда доранд. Ин таҳқиқотро метавон ба якчанд гурӯҳ ҷудо намуд.

**Ба гурӯҳи якум** осори илмӣ-таҳқиқотии олимони муосири тоҷик шомил мешавад. Академик Б.Ғафуров дар асари «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» ва сипас дар китоби «Тоҷикон»[1] ин масъаларо баррасӣ карда, боби пажӯҳишро боз кард. Хусусан муаллиф ба ҷунбишҳои зиддиарабӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Шогирди мактаби Б.Ғафуров, профессор А. Ҷалилов дар таҳқиқоти худ ба масъалаи тасарруфи Суғду Тахористон ва мубоpизаи мусаллаҳонаи аҷдоди тоҷикон алайҳи арабҳо диққати махсус додааст[2]. Ғ.Ғоибов дар осори худ «Нахустин лашкаркашии арабҳо ба Осиёи Миёна»[3] ва «Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз» ҷараёни забткории арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр ва раванди истиқрори ислом дар ин минтақаро ба баҳсу баррасӣ кашидааст. Дар таҳқиқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ ҷараёни тасарруфи Осиёи Миёна аз

---

[1] Ғафуров, Б.Ғ. Таърихи мухтасари халқи тоҷик [Матн] / Б.Ғ. Ғафуров. – Сталинобод, 1947.; Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна ва давари нав / Б. Ғафуров. – Душанбе, 1998. – Ҷ.I. 700 с. – Ҷ -II. – 412 с.

[2] Джалилов, А. Согд накануне арабского нашествия и борьба согдийцев против арабских завоевателей в первой половине VIII в. [Текст] / А. Джалилов. – Сталинабад, 1961. – 165 с; Ҳамон муаллиф. Из истории культурной жизни предков таджикского народа и таджиков в раннем средневековье [Текст] / А. Джалилов. – Душанбе, 1973. – 286 с.

[3] Гоибов, Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию [Текст] / Г. Гоибов. – Душанбе: Дониш, 1989. – 143 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 906 с.

тарафи арабҳо ва мусулмоншавии аҷдоди тоҷикон мавриди нақду баррасӣ қарор гирифтааст[1].

**Муҳаққиқони тоҷике**, ки вазъи сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафа ва замони истилои арабро баррасӣ кардаанд; М. Исоматов, Р. Комилов С. Камолӣ, Н. Ҳакимов, Қ. Расулиён ба ин гурӯҳ шомиланд[2].

**Ҳамчунон** пажӯҳишгарони тоҷик А. Ҳақназаров[3] ва С. Муллоҷонов[4], ки рисолаҳои илмии хешро ба таҳқиқи давраи мавриди назари мо бахшидаанд, дар омӯзиши масъалаи фавқ заҳмат кашидаанд. Дар ин таҳқиқот ба раванди мусулмоншавии аҳолии Хуросону Мовароуннаҳр ва муборизаи озодихоҳонаи аҷдоди тоҷикон диққати махсус дода мешавад.

Дар ин гурӯҳ осори он муҳаққиқони тоҷикро низ дохил кардем, ки саҳми тоҷикон дар ташаккул ва равнақи улуми динӣ, дунявӣ ва фарҳанги навинро таҳқиқ кардаанд. Ҳақназар Назаров, Ибни Қурбон, Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр, Маҳмадқул Ҳазратӣ, Исматулло Саидиён, Абдулвоҳид Шамолов[5] аз ҷумлаи ин олимонанд.

**Ба гурӯҳи дувум** муҳаққиқони кишварҳои Осиёи Миёна ва Афғонистон шомил мешаванд. Аз миёни донишмандони афғонистонӣ Абдулҳай Ҳабибӣ ва Мирғулом Муҳаммади Ғубор[6] бештар раванди мусулмоншавӣ ва оқибатҳои он барои минтақаро таҳқиқ кардаанд. Муҳаққиқи ӯзбек Т.Қодирова дар таҳқиқоти худ заминаҳои ҷунбишҳои халқии Хуросону Мовароуннаҳрро баррасӣ кардааст. Инчунин дар осори дастаҷамъонаи олимони Ӯзбекистону Қазоқистон ва соири

---

[1] Раҳмонов, Э.Ш. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 447 с.; ҳамон муаллиф. Дин ва ҷомеа [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 672 с.; ҳамон муаллиф. Забони миллат – ҳастии миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – 516 с.

[2] Исоматов, М. «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ [Матн]: пажуҳише андар муносибатҳои Сосониён ва Ҳайтолиён / М. Исоматов. – Душанбе: Сино, 1996. – 136 с.; Комилов, Р., Камолӣ, С. Сайре дар андешаҳои иқтисодии ҷаҳони ислом [Матн] / Р. Комилов, С. Камолӣ. – Душанбе, 1996. – 55 с.; Расулиён, Қ. Ду ҳазор соли таърихнигории тоҷикон (эрониён) [Матн] / Қ. Расулиён // Осори мунтахаб. – Душанбе: Дақиқӣ, 2014. – Ҷ.1. – С.83-162; Ҳамон муаллиф. Таърихи халқи тоҷик [Матн]: аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёна / Қ. Расулиён. – Душанбе, 2016. – 404 с.

[3] Хакназаров, А. Освободительная борьба таджикского народа против Арабского Халифата (633-961) [Текст] / А. Хакназаров. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 372 с.; ҳамон муаллиф. Ҷунбишҳои инқилобии мардумони эронитабор бар зидди хулафои араб [Матн] / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2005; Ҳамон муаллиф. Таърихи баҳамойӣ ва ташаккули халқи тоҷик [Матн] / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2013. – 338 с; ҳамон муаллиф. Шукуфтаҳои иқтисод ва фарҳанги халқи тоҷик [Матн]: аз оғоз то асри XV мелодӣ / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2021. – 404 с.

[4] Муллоҷонов, С.К. «Таърихи Масъудӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ [Матн]: мурure пиромуни сохтори идорию русумоти дарбори Ғазнавиён. – Душанбе, 2013.; Муллоджонов, С.К. Влияние религиозного фактора на политическую и социально-экономическую жизн Хорасана и Мавераннахра (IX-XI вв.) [Текст]: дисс... д-ра истор. наук: 07.00.02 / Муллоджонов Сайфулло Кучакович. – Душанбе, 2015. – 353 с; ҳамон муаллиф. Низоъи ҳанафиёну шофеиён дар шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр [Матн] / С. Муллоҷонов // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – С.126-145; Рӯзгори сиёсиву динии тоҷикон дар аҳди салҷуқиён [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллӣ. – 2020. – №10. – С.104-111.

[5] Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Пайванд, 2005. – 492 с; ҳамон муаллиф. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 138 с.; Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим [Матн] / И. Қурбон. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – 479 с.; Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр. Аҳвол ва афкори ҳазрати Имоми Аъзам [Матн] / С.Б. Бузургмеҳр. – Душанбе: Нодир, 2000. – 347 с.; Ҳазратӣ, М., Саидиён, И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / М. Ҳазратӣ, И. Саидиён. – Душанбе: Ориёно, 1992. – 222 с.; Шамолов, А. Ҳуҷҷат-ул-исломи Ғазолӣ [Матн]: андешаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ / А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 1996. – 328 с.; ҳамон муаллиф. Аҳвол, осор ва афкори Имоми Аъзам [Матн] / А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2009. – 276 с.; ҳамон муаллиф. Каломи Мовароуннаҳр [Матн] / А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2013. – 569 с.

[6] Абдулҳай Ҳабибӣ. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.1. – 585 с.; ҳамон муаллиф. Афғонистон баъд аз ислом [Матн] / А. Ҳабибӣ. – Кобул: Халқ, 1357 ш. – Ҷ.2. – 1020 с.; Мирғулом Муҳаммади Ғубор. Афғонистон дар масири таърих [Матн] / М. Ғубор. – Кобул, 1978. – 864 с.

муҳаққиқони турктабор ва Е. Березиков[1] ба раванди шаклгирии исломи минтақавӣ, аз ҷумла ҳанафия аҳаммият дода шудааст. Хусусан донишманди қазоқистонӣ А. Муминов дар 30 соли охир даҳҳо таҳқиқоти арзишманд таълиф кардааст[2], ки берун аз қаламрави Осиёи Марказӣ низ машҳуранд.

Таҳқиқоти донишмандони кишварҳои Осиёи Миёна бештар бар асоси манофеи миллии кишварҳои тозаистиқлол ва ба худ мансуб донистани ҳудудҳои муайян ва шахсиятҳои таърихӣ таълиф шудааст.

**Ба гурӯҳи сеюми** осори таҳқиқотии мавзуи мавриди таҳқиқ асарҳои олимони эронӣ шомил гардидаанд. Нисбат ба Тоҷикистону Афғонистон дар Эрон доир ба давраи таҳқиқотии мо ва мавзуи зикршуда пажӯҳиши бештар сурат гирифтааст.

А. Ризоӣ, М. Ровандӣ ва С. Нафисӣ[3] дар омӯзиши масъалаҳои иҷтимоии Эрон пешгом будаанд. Ҳ. Пирниё, А. Иқбол А. Халилӣ, А. Зарринкӯб, З. Қурбонӣ А. Баҳромӣ, А. Розӣ[4] доир ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Эрон дар давраи зуҳури дини наву забткориҳои арабҳо дар Эронзамин маълумоти муфассал додаанд.

Муҳаққиқи эронӣ Муртазо Мутаҳҳарӣ як силсила осор роҷеъ ба арзишҳои исломӣ, аз ҷумла “Хадамоти мутақобилаи ислом ва Эрон” таълиф кардааст, ки он дар миёни донишмандону табақаҳои мардум маъруф аст[5]. Дар асарҳои илмии Ҷаъфар Муртазо Омулӣ «Салмони Форсӣ»,[6] Малика Аббос – “Салмони Форсӣ”, Абдулмунъим Қандил «Зиндагӣ ва сирати Имом Бухорӣ» ва Абдулғанӣ Ҳасан «Абӯмуслими Хуросонӣ», Забеҳулло Сафо «Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ» масъалаҳои саҳми эрониён дар густариши илмҳои табиатшиносӣ, ташкили лашкар, умури идорӣ ва таҳияву тадвини қавонини исломӣ инъикос ёфтааст.

---

[1] История Узбекской ССР [Текст]. – Ташкент: Фан, 1967. – Т.I. – 769 с.; История Казахской ССР [Текст] / под ред. И.О. Омарова. – Алма-Ата, 1949. – Т.I. – 510 с.; Батыр Рустам. Абу-Ханифа [Текст]: жизнь и наследие / Б. Рустам. – Новгород: Медина, 2007. – Т.1. – 276 с.; Березиков, Е. Святые ислама [Текст] / Е. Березиков. – Казан: Татарское книжное издательство, 1996. – 160 с.

[2] Муминов, А.К. Роль и место ханафитских улама в жизни городов Центрального Мевараннахра (VIII-XIII вв.) [Текст]: автореф. дисс... д-ра истор. наук: 24.00.02 / Муминов Аширбек Курбанович. – Ташкент, 2003. – 46 с.

[3] Ризоӣ Абдулазим. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1368. – Ҷ.2. – 358 с.; Аслу насаб ва динҳои эрониёни бостон [Матн] / А. Ризоӣ. – Теҳрон: Нашри мавҷ, 1372. – 527 с.; Нафисӣ Саъид. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн]: аз инқирози Сосониён то инқирози Умавиён / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342. – Ҷ.2. – 276 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн]: даврони пеш аз таърих ва оғози таърих / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1342. – Ҷ.1. – 291 с.

[4] Пирниё Ҳасан, Аббоси Иқбол. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Қоҷория [Матн] / Ҳ. Пирниё, А. Иқбол. – Теҳрон: Хайём, 1370. – 864 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Сосониён [Матн] / Ҳ. Пирниё. – Теҳрон: Хайём, 1370. – 237 с.; Халилӣ Аббос. Эрон баъд аз ислом [Матн] / А. Халилӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1335 ҳ. – 320 с.; Зарринкӯб Абдулҳусайн. Таърихи Эрон баъд аз ислом [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1363. – 685 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи тамаддуни Эрон [Матн] / А. Зарринкуб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1367. – 605 с.; Зайналобиддин Қурбонӣ. Таърихи фарҳанг ва тамаддуни исломӣ. [Матн] / Қ. Зайналобиддин. – Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1370. – 355 с.; Акрам Баҳромӣ. Таърихи Эрон аз зуҳури ислом то суқути Бағдод [Матн] / А. Баҳромӣ. – Теҳрон: Донишсарой, 1350. – 675 с.; Розӣ Абдуллоҳ. Таърихи комили Эрон [Матн] / А. Розӣ. – Теҳрон, 1373. – 583 с.

[5] Мутаҳҳарӣ Муртазо. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон [Матн] / М. Мутаҳҳарӣ. – Душанбе, 2007. – 660 с.

[6] Омулӣ Ҷаъфари Муртазо. Салмони Форсӣ [Матн] / М.Ҷ. Омулӣ. – Теҳрон: Таблиғоти исломӣ, 1370. – 162 с.; Малика Аббос. Салмони Форсӣ [Матн] / М. Аббос. – Теҳрон, 1996. – 162 с.; Абдулмунъими Қандил. Зиндагӣ ва сирати Имом Бухорӣ [Матн] / А. Қандил; тарҷумаи Абдурасули Гулронӣ. – Теҳрон: Машҳад, 1385. – 224 с.; Абдулғанӣ Ҳасан. Абумуслими Хуросонӣ [Матн] / А. Ҳасан. – Теҳрон: Сипеҳр, 1353. – 108 с.; Забеҳулло Сафо. Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ [Матн] / С. Забеҳулло. – Теҳрон: Амири Кабир, 2536 шоҳаншоҳӣ. – Ҷ.1. – 451 с.; ҳамон муаллиф. Таърихи адабиёт дар Эрон [Матн] / С. Забеҳулло. – Теҳрон, 1362 ш. – Ҷ.I. – 456 с.

Дар осори пажӯҳишгари муосири эронӣ Муҳаммадризо Ноҷӣ[1], арзишҳои фаромиллии тамаддуни исломӣ дар ҳудудҳои шарқии хилофат дар аҳди сулолаи тоҷиктабори Сомониён мавриди арзёбӣ қарор гирифта, ин асар дар Тоҷикистон низ нашр шудааст. Таҳқиқоти олимони эронӣ то истиқрори ҳукумати исломӣ (1979) бештар бар асоси манофеи миллӣ эҷод шуда, дар пажӯҳишҳои давраи ҷумҳурии исломӣ бештар исломгароӣ ва муқаддас шумурдани арзишҳои исломӣ ба мушоҳида мерасад.

**Осори таърихии олимон русро ба гурӯҳи чорум** шомил намудан бамаврид аст. Асарҳои олимони рус, аслан ба масъалаҳои истило ва истиқрори ҳукмронии арабҳо дар минтақа, ҳукуматҳои хулафои Рошиддин, ҳукумати Умавиёну Аббосиён, ҷараёнҳои диниву фалсафӣ, масъалаҳои давлатдориву мухолифатҳои қавмӣ ва ғайра бахшида шудаанд. Ин осорро вобаста ба фарогирии мавзуъ ба ду бахш, яъне осори муҳаққиқони классикии рус ва олимони муосири он тақсим намудан ба маврид аст.

Доир ба паҳншавии ислом осори таҳқиқотии олимони рус В.В. Бартолд, И.С. Брагинский, И.П.Петрушевский, И.Ю.Крачковский ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтанд. Дар асарҳои В.В.Бартолд раванди забткориҳои арабҳо, истиқрори ислом ва низоми идории Хилофати араб, вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа дар замони хилофати Умавиён ва Аббосиён, саҳми бумиёни минтақа дар низоми идории хилофат, аз он ҷумла саҳми хуросониён дар артишу сиёсат, густариши илму фарҳанг ва ғайра андешаҳои ҷолиб оварда шудааст[2].

Асарҳои О.Г. Большаков ва А.И. Колесников[3] низ аз ҷумлаи муҳимтарин таҳқиқоти илмие мебошанд, ки дар онҳо доир ба забткориҳои арабҳо дар қисматҳои ғарбӣ, марказӣ ва шарқии Эронзамин маълумоти амиқ оварда шудааст.

Осори И.П. Петрушесвкий, И.Ю. Крачковский ва И.С. Брагинский[4] дар мавриди раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, густариши ислом, такмили қонунҳо ва низоми идории хилофат, саҳми хуросониён дар густариши илму фарҳанг, лашкаркашиву ғазавот ва низоми идории хилофат муҳимтарин таҳқиқот ба шумор мераванд.

Таҳқиқоти донишмандони дигари рус, аз ҷумла, Е.А.Беляев Л.С.Василев, Н.В.Пигулевская, О.Ю. Якубовский, И.П. Петрушевский, Л.В. Струве[5], низ дар омӯзиши ин давраи таърихӣ нақши муассир гузоштаанд.

---

[1] Ноҷӣ, М. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён [Матн] / М. Ноҷӣ. – Душанбе, 2011. – 1295 с.

[2] Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1963. – Т.I. – 759 с.; ҳамон муаллиф. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1963. – Т.II. – Ч.I. – С.387.; ҳамон муаллиф. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: Наука, 1966. – Т.VI. – 785 с.

[3] Большаков, О.Г. История Халифата. Эпоха великих завоеваний [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Наука, 1993. – Т.II. – С.185.; ҳамон муаллиф. История Халифата. Ислам в Аравии [Текст]: в 4 томах / О. Большаков. – М.: Наука, 1989. – Т.I. – 312 с.; Колесников, А.И. Завоевание Ирана арабами [Текст] / И.А. Колесников. – М.: Мысл, 1982. – 111 с.

[4] Петрушевский, И.П. Ислам в Иране в VII-XV веках [Текст] / П.И. Петрушевский. – Л., 1966. – 399 с.; Крачковский, И.Ю. Избранные сочинения [Текст] / Ю.И. Крачковский. – М., 1955. – Т.1. – 212 с.; Брагинский, И.С. Иранское литературное наследие [Текст] / И.С. Брагинский. – М.: Наука, 1984. – 368 с.

[5] Беляев, Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневекове [Текст] / А. Беляев. – М.: Наука, 1966. – 279 с.; Васильев, Л.С. История Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: История, 1998. – Т.I. – 495 с.; ҳамон муаллиф. История религий Востока [Текст] / Л. Васильев. – М.: Высшая школа, 1988. – 413 с.; Пигулевская, Н.В. Византия и Иран на рубеже VI и VII века [Текст] / В.Н. Пигулевская. – М.: АН СССР, 1946. – 289 с.; Пигулевская, Н.В., Якубовский, О.Ю. Таърихи Эрон [Матн] / Н.В. Пигулевская, О.Ю. Якубовский, И.П. Петрушевский, О. Беллинитский, А.В. Струево; тарҷумаи Карими Кишоварз. – Теҳрон: Паём, 1354. – 713 с.; Якубовский, А.Ю. Мавераннахр в борьбе против власти арабов в VIII-IX вв. [Текст] / Ю.А. Якубовский // История Узбекской ССР. – Ташкент: УзССР, 1955. – Т.1. – С.151-175.; Якубовский, А.Ю., Большаков, О.Г. Борьба народов Средней Азии против арабского завоевания [Текст] / Ю.А.

Дар Русия ва қаламрави Шуравии собиқ таҳқиқот дар робита бо ин мавзуъ ҳанӯз идома дорад.

**Ба гурӯҳи панҷум** осори илмӣ-таҳқиқотии олимони кишварҳои араб шомил мешавад. Ин асарҳо аксаран дар қисмати ниҳоии рисола, ки ба масъалаҳои ташаккули мазҳаби ҳанафия дар замони Сомониён бахшида шудааст, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ба ин гурӯҳ осори Муҳаммад Заҳабӣ Ҷамолуддин Суютӣ, Абдулфаттоҳ Мағрибӣ [1], шомил мегарданд.

Инчунин донишмандони дигари арабзабон дар таҳқиқи таърихи сиёсӣ ва тарвиҷи фарҳанги навин дар ҳудуди Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр нақши бориз гузоштаанд, ки Аҳмад Абдулҳамид Ғуроб, Абдулвоҳид Ҷобӣ, Сулаймон Ваҳбӣ, Ҳанно ал-Фохурӣ [2] ва дигарон шомил мешаванд, ки бештаран масъалаҳои густариши ислом, бархурди мактабу ҷараёнҳои ақидатӣ ва ташаккули мазҳаби ҳанафиро дар бар мегиранд.

**Ба гурӯҳи шашум** асарҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони Аврупо ва Амрико шомил мебошанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни мавзуи мавриди таҳқиқ таҷассум ёфтаанд. Дар бораи забткориҳои арабҳо дар Эронзамин то ин замон олимони англис, фаронсавӣ, испаниягӣ, даниягиву амрикоӣ ва дигар кишварҳои Аврупоӣ Ғарбӣ тадқиқотҳои зиёд анҷом додаанд.

Аксари олимони аврупоӣ, ки ба таҳқиқи таърихи ислом ва паҳншавии он машғул гардидаанд, бештар ба омӯзиши раванди забткориҳои арабҳо дар сарзаминҳои ҷанубу ғарбии шоҳаншоҳии Сосониён аҳаммият дода, ба масъалаи забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар қарнҳои нахустини зуҳури он дар минтақаҳои шарқии шоҳаншоҳӣ камтар диққат додаанд. Дар миёни онҳо олимоне ҳастанд, ки дар доираи таълифоти хеш ба баъзе паҳлӯҳои масъалаҳои забткориҳои араб дар сарзаминҳои шарқии хилофат андешаҳои худро баён кардаанд: Ж.Сурдел, А.Кристенсен, Дж.С. Тримингэм Г.Э. фон Грюнебаум, Август Мюллер, Ричард Фрай, Эмил Бенвинист, Перси Сайкс, Теодор Нёлдеке, Адам Метс, Фредерик Старр[3] ва ғайра мебошанд, ки осори онҳо бо забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума ва дастрас гардидаанд.

---

Якубовский, Г.О. Большаков. – М.: АН СССР, 1958. – 348 с.; Якубовский, А.Ю., Большаков, О.Г. Народы Средней Азии под властью Халифата [Текст] / Ю.А. Якубовский, Г.О. Большаков // История Таджикской ССР. – 2-е изд., перераб. и доп. – Душанбе: Маориф, 1983. – С.44-52.; Якубовский, А.Ю. Завоевание арабами Средней Азии [Текст] / Ю.А. Якубовский // История Узбекской ССР. – Ташкент: УзССР, 1955. – Т.1. – Кн.1. – С.134-150.

[1] Заҳабӣ Муҳаммад ибни Аҳмад. Сияру аъломи-н-нубало [Матн] / М. Заҳабӣ. – Бейрут, 1406 ҳ.қ. (1986). – Ҷ.6.; Суютӣ Ҷамолуддин. Ал-лаоли-л-маснуа фи-л-аҳодиси-л-мавзуа [Матн] / Ҷамолуддин Суютӣ. – Қоҳира, б/с. – Ҷ.1.; Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. Ҳақиқату-л-хилоф байна-л-мутакаллимин [Матн] / А. Мағрибӣ. – Қоҳира: Мактабату ваҳба, 1415 ҳ.қ. (1995); ҳамон муаллиф. Имому аҳли-с-суннат ва-л-ҷамоат Абӯмансур ал-Мотуридӣ ва ороуху-л-каломия [Матн] / А. Мағрибий. – Қоҳира: Мактабату ваҳба, 1405 ҳ.қ. (1985).

[2] Аҳмад Абдулҳамид Ғуроб. Муқаддима бар ал-Аълом биманоқиби-л-ислом [Матн] / А. Ғуроб. – Қоҳира, 1973.; Омирӣ Муҳаммад ибни Юсуф. ал-Аълом биманоқиби-л-ислом [Матн] / О. Юсуф. – Қоҳира, 1967; Ваҳбӣ Сулаймон. Ҷилваҳое аз зиндагонии Имом Абуҳанифа [Матн] / С. Ваҳбӣ; тарҷумаи Аминуллоҳи Каримӣ. – Теҳрон, 1382 ҳ.ш. – 428 с.; Ҳанно ал-Фохурӣ. Таъриху-л-адаби-л-арабӣ [Матн] / Ҳ. ал-Фохурӣ. – Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 1989. – 456 с.

[3] Сурдел, Д., Сурдел, Ж. Цивилизация классического ислама [Текст] / Д. Сурдел, Ж. Сурдел. – Екатеринбург: У-Фактория, 2006. – 536 с.; Кристинсен Артур. Эрон дар замони Сосониён [Матн] / А. Кристинсен; тарҷумаи Рашиди Ёсумӣ. – Теҳрон, 1332. – 577 с.; Тримингэм, ДЖ.С. Суфийские ордены в исламе [Текст] / С.ДЖ. Тримингем. – М.: Наука, 1989. – 326 с.; Грюнебаум, Г.Э. фон. Классический ислам. Очерки истории (600-1258) [Текст] / Э.Г. фон Грюнебаум; пер. с анг. И.М. Дижура; предис. В.В. Наумкина. – М.: Наука, 1988. – 216 с.; Мюллер, А. История ислама [Текст]: от доисламской истории арабов до падения династии Аббасидов / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.1-2. – 911 с.; Мюллер, А. История ислама [Текст]: от мусулманской Персии до подения мусулманской Испании / А. Мюллер. – М.: Астрель, 2004. – Т.3-4. – 893 с.; Ричард, Н.Ф. Наследие Ирана [Текст] / Ф.Н. Ричард. – М.: Наука, 1971. – 468 с.;

Дар баробари ин осори таҳқиқотии дастҷамъонаи олимони Донишгоҳи Кембриҷ[1] низ мавриди истифода қарор дода шуд. Дар китоби Буллет В.Р. «Гаравиш ба ислом дар қуруни миёна»[2] доир ба ислом овардани эрониён дар қарнҳои якум ва дувуми ҳиҷрӣ маълумоти зиёд оварда шудааст. Мутаассифона дар асар тарзу хусусиятҳои гаравидани эрониёни шарқӣ (аҷдоди тоҷикон) ба ислом, ба хусус хуросониён маълумоти қонеъкунанда камтар дучор меояд.

Густардагии ҷуғрофияи омӯзиши мавзуъ имкон медиҳад, ки ин мавзуи хеле муҳим барои таъриху фарҳанги тоҷиконро аз нигоҳи илмӣ ва бо назардошти манофеи миллии тоҷикон дар қолаби як диссертатсияи докторӣ ба накду баррасӣ кашем.

Ҳамин тавр, бо вуҷуди хидматҳои донишмандони ҷаҳон дар омӯзиши густаришу истиқрори ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр ин масъала ҳанӯз печидагиҳое дорад, ки ниёзманди як баррасии ҷудогонаи сарчашмашиносиву таърихнигории он дар қолаби як диссертатсияи докторӣ мебошад.

**Боби дуюми рисола «Инъикоси вазъи умумии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи забткориҳои араб дар манобеи таърихӣ ва бозтоби он дар осори илмӣ»** ном дошта аз се зербоб иборат аст.

**Дар зербоби нахустин «Ҳудудҳои ҷуғрофӣ ва вазъияти сиёсии Хуросону Мовароуннахр дар арафаи ҳуҷумҳои арабҳо»** қайд карда мешавад, ки дар остонаи ҳамлаи арабҳо Хуросону Варорӯд, ки арабҳо онро Мовароуннаҳр номиданд, дар таркиби давлати ягон набуда, мардумони он низ сарнавишти гуногун доштанд. Сосониён аз муҳимтарин силсилаҳои ҳукуматгари таърихи милали эронинажод буда, давраи қудрати он марҳилаи сарнавиштсоз дар ҳаёти минтақа ва ҷаҳон дониста мешавад. Даврони салтанати Хусрави Анушервон (531-579) дурахшонтарин давраи ҳукумати Сосониён ба шумор меравад.[3] Тадбиру кордонии Хусрави Анушервон боиси он гардид, ки мушкилоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Эрон аз байн рафта, ҳукумати муқтадири мутамарказ ба вуҷуд ояд. Аммо мушкилоти иқтисодӣ ва зиддиятҳои иҷтимоӣ, ки ҳосили низоми шадиди табақотӣ дар Эрон буд, дар замони ворисони ӯ худро нишон дода, кишвар ба мушкилоти дигар низ дучор шуд. Муҳимтарин мушкиле ки Сосониён ба сари мардум ва кишвар оварданд, сиёсати хасмонаи хориҷӣ ва ҷангҳои ҳамешагӣ бо Рум ва ҳокимони Осиёи Миёна (Ҳайтолиён ва туркҳо) буд, ки кишварро аз нигоҳи

---

ҳамон муаллиф. Мероси Осиёи Марказӣ [Матн] / Н.Ф. Ричард. – Душанбе: Сурушан, 2000. – 373 с.; ҳамон муаллиф. Бухоро дастоварди қуруни вусто [Матн] / Фрай Ричард; тарҷумаи Маҳмуд Маҳмудӣ. – Теҳрон: Улум ва фарҳанг, 1365. – 458 с.; Бенвинист Эмил. Дини эронӣ [Матн] / Э. Бенвинист; тарҷумаи Баҳман Саркорӣ. – Табрез, 1370. – 175 с.; Перси Сайкс. Таърихи Эрон [Матн] / П. Сайк; тарҷумаи Саидтақии Фахрдоъии Гелонӣ. – Теҳрон: Фарҳанг, 1336. – 380 с.; Нёлдекке Теодор. Таърихи эрониён ва арабҳо дар замони Сосониён [Матн] / Т. Нёлдекке; тарҷумаи Аббоси Зарёб. – Теҳрон: Донишгоҳ, 1375. – 777 с.; Шпенглер, О. Закат Европы [Текст]: образ и действительность / О. Шпенглер. – М.: Наука, 1993. – 382 с; Тойнби, А.Д. Исследование истории: Возникновение, рост и распад цивилизаций [Текст] / Д.А. Тойнби. – М., 2009. – Т.I. – 355 с.; Метс Адам. Тамаддуни исломӣ дар қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ [Матн] / А. Метс; тарҷумаи Алиризо Заковатӣ Қарогузлу. – Теҳрон, 1362 ҳ. – Ҷ.I. – 456 с.; Мец, А. Мусульманский Ренессанс [Текст] / А. Мец; пер. с нем., пред., библиог. и указ. Д.Б. Бертеса. – М.: ВиМ, 1996. – 536 с.; Старр Фредерик. Маърифати гумшуда [Матн]: асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг / Ф. Старр. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – 692 с.

[1] Таърихи ислом [Матн]: пажӯҳиши донишгоҳи Кембриҷ / А. Ором; тарҷумаи Аҳмади Ором. – Теҳрон, 1377. – 950 с.; Таърихи Эрон [Матн]: аз Селевкиён то фурупошии давлати Сосониён. – Теҳрон: Амири Кабир, 1370. – Ҷ.3. – 848 с.; Наср Сайид Ҳусайн. Таърихи Эрон. Кембриҷ [Матн] / Ҳ. Наср; тарҷумаи Ҳасан Ануша. – Теҳрон, 1372. – Ҷ.IV.

[2] Буллет, В.Р. Гаравиш ба ислом дар қуруни миёна [Матн] / Р.В. Буллет; тарҷумаи Муҳаммад Ҳусайни Виқор. – Теҳрон: Таърихи Эрон, 1364. – 148 с.

[3] История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1998. – Т.I. – С.468.

иқтисодӣ ва низомӣ нотавон гардонд. Шӯриши Баҳроми Чӯбина дар чоряки охири асри VI низ зарбаи сахт ба давлатдории Сосониён буд.

Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Хусрави Парвиз (590-628) низ ба шикаст дучор шуда, дар замони охирин шоҳони сосонӣ парокандагии сиёсӣ ва парешонии иҷтимоӣ як ҳодисаи муқаррарӣ шуд. Дар фосилаи чор соли аз кушта шудани Хусрави Парвиз то ба қудрат расидани Яздигурди III (632-651) Эрон душвортарин марҳилаи таърихии худро сипарӣ кард. Ҳамин тавр, ба андешаи мо муҳимтарин омилҳои фурӯпошии шоҳаншоҳии Сосониён аз инҳо иборатанд: 1.Вазнин будани вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ; 2. Баланд гардидани нуфузи мӯбадон (руҳониёни зардуштӣ); 3. Бархурдҳои дохилимазҳабӣ, бахусус миёни зардуштиёну яҳудиёну масеҳиён дар қисматҳои ғарбию марказӣ ва байни зардуштиёну буддоиён дар қисмати шарқии шоҳаншоҳӣ; 4. Дар кишвар ба вуҷуд омадани қувваҳои марказгурез; 5. Парокандагии сиёсӣ пас аз марги Хусрави Парвиз; 6. Ривоҷи фасоду ришвахорӣ дар дохили давдат.

Дар Тахористону Суғд ва Мовароуннаҳру Хуросон аз таъсири нуфузи заифгаштаи Сосониён истифода намуда, хонҳои турку фағфури Чин вазъияти сиёсии минтақаро ноором намуда буданд. Бо шикасти Ҳайтолиён дар охири асри VI ва ибтидои асри VII дар ҳудуди Тахористон – (Мовароуннаҳр) ду ҳоқонии туркӣ – ҳоқонии шарқӣ ва ҳоқонии ғарбӣ таъсис ёфта бошад, ҳам амалан дар ин минтақа 27 мулки мустақил ва ниммустақил арзи вуҷуд карда[1], ба ҳоқонати турк итоат намекарданд. Ин парокандагӣ дар арафаи забткориҳои арабҳо сабаби асосии музаффариятҳои арабҳо дар минтақа гардид.

Бар асоси ахбори манобеи ҷуғрофиву таърихӣ ва натиҷаҳои илмии бадастомада метавон хулоса кард, ки ҷуғрофияи густурдаи минтақаи мавриди омӯзиши мо аз нигоҳи сиёсӣ ташаккул наёфта, дар марҳилаи мазкур парокандагии сиёсиро аз сар мегузаронд, ки ғасби онро аз ҷониби истилогарони араб осон гардонд.

**Зербоби дувуми боби дувум «Вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии Хуросону Мовароуннахр дар арафаи ҳамлаи арабҳо»** ном дошта, ба тавсифи омилҳои таъсиргузор дар ҷомеаи Хуросону Мовароуннаҳр бахшида шудааст. Яке аз ҷунбишҳое ки Эронро ноором кард, бо номи Монӣ алақаманд буда, ҳукумати Сосониён бо душворӣ онро саркӯб кард. Лашкаркашиҳои бебарори Фирӯз ба муқобили Ҳайтолиён хазинаи давлатро комилан холӣ намуда, сабаби сар задани ҷунбиши Маздак гардид. Ҳадафи он аз байн бурдани руҳониёни мутаассиби зардуштӣ, заминдорони калон ва соҳибмансабони давлатӣ буд, зеро худсарӣ ва худхоҳии табақаҳои аъёну ашроф ба ҳадде расид, ки онҳо на танҳо ба ҳукумат итоат намекарданд, балки ҳукуматро ба бозичаи дасти худ табдил дода буданд.[2] Ин тафриқаи табақотӣ ва иҷтимоӣ оқибат мардуми фақиру нодорро бар зидди онҳо барангехт ва инқилоби шадиди динию иҷтимоъии маздакиёнро падид овард.[3]

---

[1] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна ва давари нав / Б.Ғ. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I. – С.299-300.

[2] Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Пайванд, 2005. – С.122-123.

[3] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3. – С.121.

Ба ақидаи олимон ҷомеаи эронии аҳди Сосонӣ бар асоси маълумоти «Авасто» ба се табақа тақсим мешуданд, ки ба андешаи мо ин табақабандӣ бевосита аз Ашкониён ба Сосониён боқӣ монда буд.

1) Руҳониён (Асурон), 2) Ҷангиён (Артишдорон), 3) Кишоварзон (Вастрю-Фашиянт). Чунин табақабандӣ аз тақсимоти иҷтимоии бисёр қадим ба шумор рафта, бо тағйироти ҷузъӣ то замони Сосониён расида буд.

Қайд гардидааст, ки ислоҳоти Хусрави I шоҳаншоҳии аз лиҳози иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва низомӣ кассоду заифгардидаи Сосониёнро то андозае дармон бахшид, вале онро комилан мудово накард. Низоми ноодилонаи иҷтимоӣ ба усули ҳукмронии табақотиву авлодӣ дар кишвар ба паст гардидани сатҳи зиндагии омма оварда расонд. Ба қавли М. Ровандӣ "соҳибони қудрат ба зердастон ситам мекарданд ва аъмоли дур аз инсофу инсоният менамуданд".[1] Дар воқеъ оммаи мардум дар замони Сосониён аз тарафи амалдорону феодалон ва руҳониёни зардуштӣ зулму ситами зиёд дида, аз маҳдудиятҳои табақотӣ ва низоми давлати ғуломдорӣ азият мекашиданд.[2]

Ҳамин тавр, бар асоси маълумоти сарчашмаҳо метавон гуфт, ки дар остонаи ҳамлаи арабҳо шоҳаншоҳии Сосониён аз дохил фалаҷ гардида, ошӯбу низоъҳои байнитабақотӣ, ихтилофоту рақобатҳо миёни ашрофону заминдорони калон ва фасодкориҳои дар ҳамаи сатҳ ҷойдошта, шоҳаншоҳии барӯманди Сосониёнро рӯ ба завол овард.[3] Вақте арабҳо ба Эрон ҳуҷум оварданд, мардуми хаставу парешон барои ҳифзи марзу буми кишвари худ ҳеҷ коре накардаанду шоҳони онро ба ҳоли худ гузоштанд.

**Зербоби савуми боби дувум «Вазъи эътиқодии мардумони бумии минтақа қабл аз ворид шудани арабҳо»** ном дорад.

Бар пояи маълумоти манобеи асримиёнагӣ ва натиҷаи таҳқиқоти донишмандони ҷаҳон, аз ҷумла муҳаққиқи аврупоӣ А. Кристенсен то қудратёбии Сосониён ақвоми эронитабори Эрону Осиёи Миёна мазҳаби расмии ягона надошта, мардумон дар муътақидоти мазҳабии худ озод буданд. Агар дар қисмати шарқии шоҳаншоҳии Сосониён, яъне Варорӯд худоёни маҳаллии Нана, Митра, Аҳурамаздо, Вайю, Рашну, Раман, Йима ва Зурвон парастида шаванд[4], дар Панҷакент худо Шива нуфузи бештар дошт.[5] Дар Самарқанду Ромитан ва Бухоро дар давраҳои охири ҳукмронии Сосониён бутҳои тиллоии қимматбаҳо ва оташи муқаддас парастиш мешуд.[6] Инчунин дар баъзе қисматҳо мазҳаби зурвония амал мекард, ки пайравони он Аҳурамаздо ва Аҳриманро офаридаи Зурвон (Вақт) медонистанд. Дар қисмати шарқӣ, хусусан Осиёи Миёна ойини буддоӣ густариш ёфта, ёдгориҳои фаровони буддоӣ дар ин сарзамин ба даст омадаанд. Ривоҷи дини масеҳӣ дар миёни ақвоми эронӣ пеш аз ҳама дар раванди ҷангҳову лашкаркашиҳо бо румиён ва дар муносибатҳои тиҷоративу таблиғотии тарафайн сурат мегирифт. Пас аз ҷангҳои бузурге, ки байни эрониён ва румиён рух доданд, асирони зиёди

---

[1] Ровандӣ Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон [Матн] / М. Ровандӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1354 ш. – Ҷ.1. – С.615-616.
[2] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна ва давари нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.407.
[3] Зарринкӯб Абдулҳусайн. Таърихи Эрон баъд аз ислом [Матн] / А. Зарринкуб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1363. – С.158.
[4] Ричард, Н.Ф. Мероси Осиёи Марказӣ [Матн] / Н.Ф. Ричард. – Душанбе: Сурушан, 2000. – С.261.
[5] История таджикского народа [Текст]. – Душанбе, 1999. – Т.II. – С.273
[6] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна ва давари нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I-II. – С.376-378.

масеҳӣ дар гӯшаву канори кишвар ҷой мегирифтанд ва онҳо аввалин масеҳиёни ба хоки шоҳаншоҳии Сосонӣ воридгардида буданд. Бо расмӣ шудани дини масеҳӣ дар қаламрави давлати Рум, таъқиби пайравони он дар марзҳои Сосониён шиддат меёбад, ки сарчашмаҳои таърихӣ дар ин бора гузориш додаанд.

Ҳукумати Сосониён ойини зардуштиро дар тамоми кишвар барқарор ва дар миёни дигар мазҳабҳои мавҷуда ба он мақому мартабаи дини расмии мардум ва шоҳаншоҳиро доданд ва ба густариши таълимоти он ҳамаҷониба мусоидат намуданд. Ба андешаи Мэри Бойс зардуштия аввалин ойине буд, ки ақидаҳои қазовати фардӣ, биҳишту дӯзах, растагории тан дар оянда, қазовати вопасини умумӣ ва ҳаёти абадӣ барои рӯҳ ва тани аз нав зиндашударо таълим дода, ба динҳои дигар таъсири амиқ расонидааст[1]. Аммо ҳамин зардуштия дар охири давлатдории Сосониён аз сабаби беэътиноии руҳониён ба пастию инҳитот наздик шуда буд ва ҳангоми фурӯпошии Сосониён ақидаҳои олии зардуштия ба афкори зишту паст табдил ёфт ва ҳазорон хурофот ба он зам шуд, ки ин омил дар шикасти маънавии он дар асрҳои аввали пирӯзии арабҳо таъсири босазо дошт. Донишмандони гуногун, аз ҷумла муҳаққиқи эронӣ С. Нафисӣ ва муаррихи тоҷик Д. Довудӣ дахолати дин ба корҳои давлатдориро яке аз омилҳои фурӯпошии зудҳангоми он шумурдаанд.

Ҳамин тавр, дар остонаи ҳамлаи арабҳо мавҷудияти динҳои гуногун ва таъқибу саркӯбии пайравони баъзе ойинҳо аз дигар сабабҳои фурӯпошии иттиҳоду ҳамбастагӣ дар ҷомеаи Эрон ва Хуросону Мовароуннаҳр гардида, тасарруфи ин сарзаминҳо аз ҷониби лашкари арабро осон гардонд. Набудани иттиҳоди миллӣ, ки яке аз заминаҳои он ихтилофи мазҳабӣ мебошад, дар садаҳои оянда низ таъсири номатлуб дар ин сарзамин гузошт.

**Боби савуми диссертатсия «Сарчашмашиносӣ ва таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои озодихоҳонаи мардумӣ дар Хуросону Мовароуннахр»** аз ду зербоб иборат аст.

**Зербоби аввали он «Раванди забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннахр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ»** ном дорад. Дар ин зербоб гуфта мешавад, ки кишваркушоиҳои арабҳо агарчӣ пас аз вафоти Муҳаммад пайғамбар оғоз шуда, вале номанависии ӯ ба ҳокимони Эрону Рум далели он аст, ки нияти содир кардани андешаҳои нави динӣ ба замони ҳаёти ӯ (соли 628) бармегардад[2]. Ҳамин тавр аз ҷангҳои пайвастаи сипоҳиёни араб бо марзбонону лашкаркашони сосонӣ ёдовар шуда, муҳимтарин набардҳои сарнавиштсози Қодисия (637) ва Наҳованд (643) тасвир шудаанд, ки теъдоди сипоҳи араб ба 88 000 мерасид.[3] Воқеаҳои ин давра бар пояи ахбори Табарӣ, Балозурӣ, Фирдавсӣ, Масъудӣ, Ибни Асир ва муҳаққиқони машҳур А. Беляев, О. Болшаков, А. Колесников, Б. Шпулер ва А. Зарринкӯб нақду баррасӣ шудааст.

Муаллиф таъкид мекунад, ки воқеаҳои асосӣ дар Вароруд ё Мовароуннаҳр пас аз кушта шудани (651) охирин шоҳаншоҳи сосонӣ Яздигурди III рух дода, асосан ба замони хилофати Умавиён рост меояд. Дар ин бора пажӯҳиши мазкур бар пояи сарчашмаҳои муътабар ва осори муҳаққиқон В. Бартолд, Б. Ғафуров, А. Ҷалилов,

---

[1] Бойс Мэри. Зардуштиён [Матн]: боварҳо ва одоби динии онҳо / М. Бойс; тарҷумаи Аскар Баҳромӣ. – Теҳрон: Қуқнус, 1381 ҳ.қ. – С.36.

[2] Иззудин ибни Асир. Таърихи комил [Матн] / И. Асир. – Теҳрон: Асотир, 1370 ҳ.ш. – Ҷ.2. – С.558.

[3] Масъудӣ Алӣ ибни Ҳасан. Муруҷу-з-заҳаб [Матн] / А. Масъудӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1387 ҳ.қ. – Ҷ.1. – С.699.

Ғ. Ғоибов, А. Ҳақназаров сурат гирифтааст. Қайд карда мешавад, ки агарчӣ арабҳо аз замони муассиси хилофати Умавиён Муовия (661-680) ба Осиёи Миёна лашкар кашида, дар давоми чил соли оянда мулкҳои онро нооором сохтанд, вале ишғоли ин сарзамин дар замони амири Хуросон таъйин гардидани Қутайба ибни Муслим (705-715) муяссар гардид.

Ҳамин тавр, бар асоси ахбори Наршахӣ ва таҳқиқоти судманди Ғ.Ғоибов[1] ишғоли Хатлон дар соли 737 навъе ҷамъбасти фаъолияти забткоронаи лашкари араб шумурда шуда, сабабҳои пирӯзии арабҳо ба омилҳои зерин вобаста мебошад: 1. набудани давлати ягонаву муқтадир дар Хуросону Мовароуннаҳр ҳангоми ҳамлаи арабҳо; 2. вуҷуд надоштани иттиҳоди сиёсӣ дар миёни мулкҳои парешон ва набудани боварӣ миёни сардорони вилоятҳо ва шаҳрҳои Мовароуннаҳр; 3. эътиқод ба дину ойинҳои гуногун дар Нишопуру Балху Тахору Хутал ва Бухорову Фарғонаву Чоч, ки монеи ҳамбастагии руҳонӣ дар байни сардорони вилоят ва аҳли лашкари онҳо мегашт; 4. хиёнати ҳампаймонони турк ва чинӣ, ки мулкҳои Мовароуннаҳрро ба ҳоли худ гузошта буданд; 5. ба тафриқаандозии Қутайба ва дигар сарлашкарони араб дода шудани ҳокимони маҳаллӣ.

**Зербоби дувуми боби савум «Муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардумони Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди истилогарони араб»** ном дошта, раванду марҳилаҳои асосии муқовимати аҳолии Хуросону Мовароуннаҳр алайҳи истилогарони аҷнабиро фаро мегирад. Гузашта аз як амри табиӣ будани муқовимати мардум, сабабҳои асосии сар задани муборизаи умумии аҳолии ин сарзаминҳоро дар аҳди Умавиён аз ҳам ҷудо кардани мусулмонон ба арабу мавлоӣ (ғайриараб), таҳқир ва таллаву тороҷи доимии арабҳо ба мардумони зердаст ва зулму ситами волиёни ситамгар мебошад. Ҷунбиши мардумии зиддиарабӣ дар муддати кӯтоҳ Ироқ, Хуросон, Систон, Ҷузҷон, Табаристон ва Мовароуннаҳрро фаро гирифт, ки онро дар ибтидо ҷараёни зайдия[2] ба уҳда дошта, сипас ҷараёнҳои дигар ба монанди шуубия ба он ҳамроҳ шуданд. Муҳимтарин қиёми мардумӣ дар Суғд дар солҳои 721-722, ки тамоми минтақаро барои арабҳо нооором кард, дар диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст[3].

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки баъди қатли ноодилонаи Абумуслим аз ҷониби халифаи Аббосӣ – Мансур, ки нисбати мавлоӣ - хуросониён нафрати сахт пайдо карда буд, шуришу исёнҳои зиёди зиддиарабию зиддиисломӣ, аз қабили шуриши Сумбоди Муғ, Буосими Бустӣ, Саъиди Ҷуло, Ҳузайн ибни Руқод, Муҳаммад ибни Шадод, Барозбандаи Хуросонӣ, Озарӯя ва исёнҳои Марзбони Маҷусӣ, Ровандиён, Устод Сис, Юсуфи Барми Пушангӣ, Муқаннаъ, Мозёр ибни Қоруни Табаристонӣ, Ҳамзаи Систонӣ, Рофеъ ибни Лайс, Бобаки Хуррамдин ва дигар шуришу исёнҳо бавуқуъ пайвастанд, ки натиҷаи онҳо раванди истиқлолхоҳии мардумии бумии минтақаро тезонида, дар ояндаи наздик онҳоро аз итоати халифаи араб берун намуд.

Дар идомаи баҳси мазкур назариёти муҳаққиқони ин мавзуъ, аз ҷумла Б. Ғафуров, Т. Қодирова, А. Ҳақиқат, А. Ҳақназров ба баррасӣ кашида шуда,

---

[1] Ғоибов, Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006. – С.152-153.

[2] Ҳазратӣ, М., Саидиён, И. Ислом, равия, мазҳаб ва фирқаҳои он [Матн] / М. Ҳазратӣ, И. Саидиён. – Душанбе: Ориёно, 1992. – С.73.; Пирниё Ҳасан, Аббоси Иқбол. Таърихи Эрон аз оғоз то инқирози Қоҷория [Матн] / Ҳ. Пирниё, А. Иқбол. – Теҳрон: Хайём, 1370. – С.84.

[3] Джалилов, А. Согд накануне арабского нашествия и борьба согдийцев против арабских завоевателей в первой половине VIII в. [Текст] / А. Джалилов. – Сталинабад, 1961. – С.148.

натиҷаҳои ин шӯришҳо дигар шудани сиёсати ҳукуматдорони араб номида мешавад. Инчунин қайд мешавад, ки бештари сарчашмаҳои асримиёнагӣ вобаста ба идеологияи замона бераҳмона танқид карда мешаванд. Ҳамин тавр, қобили тазаккур аст, ки паёмади таърихии ҷунбишҳои мардумии Хуросону Мовароуннаҳр аз он иборат буд, ки дар натиҷаи он таҳаввулоти фикрӣ ва ғоявии қавмҳои эронитабор дар ҳама соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии хилофат роҳ ёфта, ба ин восита аҷдоди тоҷикон давлатшарики хилофат ва пешоҳангони самтҳои мухталифи илм ва фарҳанги ин давра гаштанд. Мавзуи мазкур то андозае дар таърихнигории миллӣ таҳқиқ гашта, вале саҳифаҳои зиёди ин давраи муқовимату ҷоннисорӣ аз назарҳо пинҳон мондааст. Якҷониба инъикос шудани ин мавзуъ дар сарчашмаҳои таърихӣ яке аз иллатҳои кам будани маълумот мебошад. Дар замони муосир бар асари афзудани таассубу ифротгароии динӣ низ таҳқиқ дар ин замина душвор гардидааст.

**Боби чоруми диссертатсия «Паёмадҳои забткориҳои араб ва паҳншавии дини нав дар Хуросону Мовароуннаҳр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ»** аз се зербоб иборат аст.

**Дар зербоби якуми он "Инъикоси раванди исломикунонии Хуросону Мовароуннаҳр дар сарчашмаҳои таърихӣ"** гуфта мешавад, ки раванди исломигардонӣ ва исломпазирӣ дар миёни мардумони Хуросону Мовароуннаҳр аз паёмадҳои асосӣ ва масъалаҳои хеле муҳимми таърихнигорӣ ва фарҳангшиносӣ мебошад. Донишманди тоҷик Ҳ. Назаров қайд мекунад, ки ислом дар давраҳои аввали зуҳури худ ҷанбаи умумӣ ва оламшумул дошта, ба табиати аҷдоди мо созгор буд, ки маҳз дар ҳамин асос заминаҳои густариши он дар ҷомеа муҳайё шуд.[1] Ҳамчунин муҳаққиқи аврупоӣ Эдуард Браун бар ин бовар аст, ки рафтори ситамгаронаи мӯбадон нисбат ба пайравони адёни дигар сабаб шуд, ки ҳисси буғзу кинаи шадид дар дили бисёре аз сокинони Эрон нисбат ба ойини Зардушт падид ояд ва истилои араб ҳамчун наҷоту раҳоии Эрон аз чанголи зулм дарк шавад.[2]

Муҳаққиқи аврупоӣ Г. Э. Грюнебаум сабаби исломпазирии аҳолиро раҳоӣ аз ҷизя номидааст[3]. Ҷанбаҳову сабабҳои исломпазирии аҷдоди тоҷиконро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки 14 омили муҳимтарин дар марҳила дар раванди гаравиш ба дини нав муассир буд. Бар асоси ин авомил ақидаи маҷбуран ба ин ойин гаравидани аҳолиии Хуросону Мовароуннаҳр, ки аз ҷониби баъзе муҳаққиқон тарғиб мешавад, ҷонибдорони зиёд надошта, исломпазирии аҷдоди тоҷикро раванди тулонӣ ва дониставу огоҳона мешуморанд.

Ҳамин тавр, дар диссертатсия чор гурӯҳи гаравидагон ба ин ойин баррасӣ гардида, чунин хулоса мешавад, ки исломпазирии тоҷикону халқҳои дигари минтақа яке аз баҳсҳои печида ва ҳанӯз ҳалношуда боқӣ монда, бояд бо иштироки васеи доираҳои илмии таърих, фалсафа, забоншиносӣ, равоншиносӣ ва антропология ба роҳ монда шавад. Зеро то кунун дар ин замина ягон таҳқиқоти ҳадафманду мукаммал падид наомада, ин вазифаи илми муосири таърихи тоҷик мебошад.

---

[1] Назаров Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон. – С. 154-1 Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Пайванд, 2005. – С.154-155.
[2] Эдуард Браун. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Э Браун; тарҷумаи Алипошои Солеҳ. – Теҳрон, 1336 ш. – С.299.
[3] Грюнебаум, Г.Э. фон. Классический ислам. Очерки истории (600-1258) [Текст] / Э.Г. фон Грюнебаум; пер. с анг. И.М. Дижура; предис. В.В. Наумкина. – М.: Наука, 1988. – С.71.

**Зербоби дувум «Саҳми донишмандони минтақа дар рушду густариши илм ва фарҳанги ин давра»** ном дорад. Бояд зикр намуд, ки аз сабабе, ки ин дин тамоми миллатҳоро зери мафҳуми ягонаи «миллати ислом» муттаҳид мекард, саҳми аҷдоди мо тоҷикону эрониён дар интишори фарҳанги навин, яъне аз ибтидои зуҳуру ташаккули он то ба вуҷуд омадани салтанати Тоҳириён, ки хусусияти дунявӣ дошт, дар миёни ду асри аввали пешрафти ислом норавшан боқӣ мондааст. Муарриху файласуфи машҳури асримиёнагӣ Ибни Халдун дар ин маврид мегӯяд, ки: «Машъалбардорони илму фарҳанг дар уммати ислом аксаран эронӣ буданд, хоҳ улуми ақлӣ ва хоҳ улуми нақлӣ. Агар ҳам насаби баъзе аз ҳомилони дониш арабӣ буд, забону маҳалли парвариш ва устодони онҳо аҷамӣ будааст».[1]

Сипас бар асоси навиштаҳои Табарӣ, Наршахӣ, Ибни Асир ва хулосаи донишмандони асри гузашта Б. Ғафуров, А. Зарринкӯб, М. Мутаҳҳарӣ ва дигарон саҳми аҷдоди тоҷикон дар густаришу равнақи улуме чун қироат, тафсир, ҳадис, фиқҳ, тасаввуф ва ғайра тазаккур дода мешавад. Ҳамин тавр, нақши Салмони Форсӣ, Имоми Аъзам – Абуҳанифа, Абуҳафси Кабир, Себӯя (Сибавайҳ), Абуалии Форсӣ, Заҷҷоҷ ва дигарон дар густариши илму фарҳанг баррасӣ карда мешавад. Инчунин нақши аҷдоди мо дар густариши инф фарҳанг дар минтақаҳое чун Ҳинд, Чин, Индонезия ва Осиёи Хурд зикр карда мешавад. Дар диссертатсия бар пояи маълумоти сарчашмаҳо таъсирпазирии хилофати Аббосиён аз Сосониён нақду баррасӣ гардида, зикр мешавад, ки бузургони эроние, чун “Бармакиён, тамаддун ва зиндагии иҷтимоиро ба аъроб омӯхтанд”.[2]

Ҳамин тавр, тоҷикон ин фарҳангро аз маҳдудаи қавмӣ-арабӣ берун кашида, ба он хусусияти фаромиллӣ доданд. Аз дастовардҳои пешрафтаи илму дониш истифода карда, табақабандии илмҳои диниву дунявиро ба роҳ монда, дар баробари илмҳои динӣ ба улуми дунявӣ низ мақому манзалати хосс бахшиданд.

**Зербоби савуми боби чорум «Нақш ва мақоми ҳанафия дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии Хуросону Мовароуннаҳр»** унвон дорад. Нуъмон ибни Собит машҳур ба Абуҳанифа дар шаҳри Куфа, ки дар қаламрави шоҳаншоҳии Сосониён қарор дошт, ба дунё омада парвариш ёфтааст. Ӯ дар таълимоти хеш ба ғайр аз аҳкоми исломӣ, урфи мардум ва арзишҳои дигари мардуми ғайриараб, аз ҷумла аҷдоди тоҷиконро ворид намуд. Таълимоти вайро шогирдонаш такмил доданд. Бештари толибилмоне, ки аз ҳудуди Хуросону Мовароуннаҳр ба Куфа ва дигар шаҳрҳои хилофат барои таҳсили илм мерафтанд, пайравӣ аз равияи таъсиснамудаи Абуҳанифа мекарданд. Пас аз баргаштан таълимоти вайро дар сарзамини худ паҳн мекарданд. Мақдисӣ менависад, ки Сомониён ба ин мазҳаб пайравӣ карда, барои густариши он талош намуданд[3]. Дигар пайраву мураввиҷи ин мазҳаб асосан донишмандони тоҷиктаборе чун Каъбии Балхӣ, Абуҳафси Кабир, Насафиҳо, Ҳакими Самарқандӣ, Мотуридии Самарқандӣ ва дигарон буданд.

---

[1] Давонӣ Алӣ. Ҳазораи шайх Тӯсӣ [Матн] / А. Давонӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1362. – Ҷ.1. – С.161.

[2] Абдулҳомид Найири Нурӣ. Саҳми арзишманди Эрон дар фарҳанги ҷаҳон [Матн] / А.Н. Нурӣ. – Теҳрон: Маркази фарҳанг ва интишори исломӣ, 1375. – Ҷ.2. – С.995-996.

[3] Мақдисӣ Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсану-л-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим [Матн] / М. Мақдисӣ; бо кӯшиши Дахвия. – Лейдан, 1967. – С.157; Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. ас-Саводу-л-аъзам [Матн] / А. Самарқандӣ; бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Ф. Баротзода, С. Шаҳобуддинов, Р. Азизӣ, М. Наҷотзода. – Душанбе: Андалеб-Р, 2016. – С.11

Авзои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, динӣ ва илмии замони Сомониён нишон медиҳад, ки аз як сӯ илму маориф пеш рафта, илмҳои аҳлию табиатшиносӣ, чун нуҷумшиносӣ, фалсафа, риёзиёт, тиб ва дорушиносӣ, сиёсат, ҷуғрофиё, кимиё, мусиқӣ, адабиёт, таърих хеле инкишоф ёфта буданд. Ҳамзамон омӯзишу рушди илмҳои динӣ, аз қабили қироат, тафсир, ҳадис, фиқҳ, калом, ахлоқ ва ирфону тасаввуф босуръат идома дошт. Аз сӯйи дигар бошад, динҳо ва фирқаҳои зиёд дар минтақа фаъолияти густурдаро ба роҳ монда, аз ҷумла буддоия, яҳудия, масеҳия, марқиюния, дайсония, зардуштия, монавия, беҳофаридиён, хуррамдинон, сафедҷомагон, шиаён-исмоилиён, карромия, ҷаҳмия ва ғайра ба таври ошкоро фаъолият намуда, ба ҷаҳонбинии динии ҷомеа таъсири калон мерасонданд.[1] Муҳаққиқи тоҷик С. Муллоҷонов дар як таҳқиқоти вижаи худ навиштааст, ки зиддияту фитнаҳои мазҳабӣ дар дохили аҳли суннат дар нимаи дуюми асри X афзуда, дар асрҳои минбаъда як ҳодисаи маъмулӣ гардид[2].

Ҳамин тавр, бо вуҷуди нуфузи ислом ва таъсири рӯзафзуни мазҳаби ҳанафия дар асрҳои IX-X дигар дину ойинҳо низ дар сурати дахолат накардан дар умури сиёсӣ ҳаққи фаъолияти озодона дошта, дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии Хуросону Мовароуннаҳр нақши муҳим мебозиданд. Фазои нисбатан озоди динӣ ва мазҳабӣ, ки дар давраи таҳқиқ мушоҳида мешуд, дар садаҳои минбаъдаи таърихи минтақа такрор нашудааст.

## ХУЛОСА
## НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ БАДАСТОМАДАИ ТАҲҚИҚОТ

Таҳқиқоти анҷомгардида ба масъалаҳои мубрами таърих, аз ҷумла вазъияти умумии Эронзамин ва хосатан қисмати хуросонии он ҳангоми зуҳур ва ташаккули Хилофат, забткориҳои арабҳою паҳншавии ислом, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди арабҳои таҷовузгар ва паёмадҳои он дар мисоли ташаккули мазҳаби ҳанафия дар Мовароуннаҳр бахшида шудааст.

Ҷойи баҳс нест, ки бидуни таҳлили сарчашмаҳо ва манбаҳои боэътимод таҳқиқи масъалаҳои зикрёфта ғайриимкон буда, маҳз барои ҳамин омӯзиш ва таҳлили маълумоти сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ имкон дод, шарҳи умумии вазъияти Эрони Сосонӣ, сабабҳои шикаст ва аз байн рафтани он ва масоили дигари раванди забткориҳои араб дар минтақа, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, сабабҳои гироиш ва густариши ойни нав байни эронитаборон ва авомили ташаккули мазҳаби ҳанафия дар рисола таҳқиқ гардиданд.

Дар рисола дар бораи вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳолати эътиқодии эронитаборон ҳангоми зуҳур ва ташаккули ойини нав, сабабҳои музаффариятҳои лашкари араб ва шикастҳои пайдарпайи эрониён, муносибати арабҳо дар масоили давлатдорӣ бо эрониён, муқобилиятҳо ва ҷангҳои хунини эрониён бо арабҳо, барқарор гардидани низоми пардохти хироҷу ҷизя ва марҳилаҳои исломпазирии аҳли Аҷам дар ҷуғрофияи Хуросону Мовароуннаҳр маълумот оварда шудааст.

Масъалаҳои зикршуда аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ, то ҳадде омӯхта шудаанд, вале барои ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон, зарурати омӯзиши сабабҳо ва

---

[1] Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. Ас-Саводу-л-аъзам [Матн] / А. Самарқандӣ; тарҷумаи куҳан аз арабӣ; таҳиягарони матн ва муаллифони муқаддима, таълиқоту ҳавошӣ Н. Салимов, Н. Зоҳидов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – С.17.
[2] Муллоҷонов, С. Низоъи ҳанафиёну шофеиён дар шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр [Матн] / С. Муллоҷонов // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – С.126-145.

таҳқиқи эътиқодоти эронитаборон, аз ҷумла тоҷикон то зуҳури ислом, раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, сабабҳову усулҳои паҳншавии ин дин ва саҳми аҷдодони гузаштаи мо дар ташаккул ва такомули илму фарҳанг ба миён омада, ба яке аз масъалаҳои мубрами таърихии мардумони бумии Мовароуннаҳру Хуросон табдил шудааст.

Омӯзиши сарчашмаҳои боэътимод доир ба ҷанбаҳои мухталифи масъалаҳои забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар маҷмуъ ба мо имкон дод, ки барои равшан намудани тамоми паҳлуҳои илмии мавзуи таҳқиқотӣ хулосабарорӣ намоем:

1. Империяи Сосониён ягона низоми шоҳаншоҳӣ ба шумор мерафт, ки дорои сохтори идорӣ, маркази ягонаи роҳбарӣ ва дини расмӣ буд. Ба ин нигоҳ накарда, вазъияти сиёсии Эронзамин дар арафаи зуҳури ислом ба ҳадде расида буд, ки дар авохири он дар тамоми сохторҳои идоракунии давлат бесуботӣ ҳукмрон буд. Баъд аз ҳукмронии Хусрави Парвиз дар сохтори идоракунии Сосониён дигар шоҳаншоҳи матиниродае пайдо нашуд, ки давлатро аз суқут нигоҳ дорад. Дар муддати кутоҳи таърихӣ бештар аз 10 шоҳаншоҳ сарнагун ва дигарон бозичаи дасти руҳониён гардида буданд. Дар натиҷа нуфузу мақоми руҳониёни мутаассиб баланд гашта, онҳо дар тамоми умури идории давлат дахолат мекарданд. Ба замми ин, румиён аз Ғарб, ҳайтолиён аз Шарқ бо эрониён дар ҳолати ҷанг қарор дошта, баъзе ҳудудҳои давлат ба монанди Хуросон худмухтор гардида, дигар ба марказ итоат намекарданд. Тамоми ин омилҳо дар ҳаёти сиёсӣ заминаро барои забти Эронзамин муҳайё намуданд;

2. Сабабҳои босуръати парокандагии дохилию сиёсии шоҳаншоҳии Сосониён, пеш аз ҳама дар бад будани вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, баланд гардидани нуфузи мӯбадон (руҳониёни зардуштӣ), бархӯрдҳои дохилимазҳабӣ, бахусус миёни зардуштиёну яҳудиёну масеҳиён дар қисматҳои ғарбию марказӣ ва бархурдҳои мазҳабии зардуштиёну буддоиён дар қисмати шарқии шоҳаншоҳӣ буд. Хушунатҳои мазҳабӣ вазъи амниятии кишварро чунон ногувор намуда буданд, ки маъмурони давлатӣ дигар аз дини расмии шоҳаншоҳӣ – зардуштия дифоъ карда наметавонистанд.

3. Дар қисмати Шарқии шоҳаншоҳӣ, дар Тахористону Суғд ва Хуросон аз таъсири костаи нуфузи сиёсии Сосониён истифода намуда, хонҳои турку Ҳайтолиён ва фағфури Чин барои ба даст овардани ин минтақаҳо ҳамеша дар набард буда, вазъияти сиёсии минтақаро нооором намуда буданд. Баъзан ҳокимони маҳаллии Хуросону Мовароуннаҳр аз он хотир ин ойинро бемуқовимат пазируфтанд, ки мехостанд дар муқобили ҳамла ва ҳуҷумҳои пай дар пайи хонҳои турк ва фағфури Чин, ки боиси харобӣ ва талаю тороҷи сарзамини Мовароуннаҳру қисмҳои шарқии Хуросон гардида буданд, аз нерӯҳои қаҳҳори арабҳо истифода намоянд. Ин тадбиру сиёсат беҷову бемаврид набуда, натиҷаҳои мусбат оварда, баъд аз истиқрори фарҳанг минтақа аз тохтутозҳои доимии туркҳо ва чиниҳо наҷот ёфт.

4. Яке аз сабабҳои дигари аз байн рафтани шоҳаншоҳӣ аз лиҳози сиёсӣ дар он буд, ки ҳанӯз дар замони Хусрави Анӯшервон мансаби сипаҳбад ё сарлашкарӣ бекор шуда, шоҳаншоҳӣ ва сипоҳ ба чор минтақа, аз қабили Шарқ – Сиистон, Хуросон ва Мовароуннаҳр; Шимол – Рай, Ҳамадон, Наҳованд ва Исфаҳон; Ғарб – Ироқ ва сарҳадоти марзии Византия ва Яман; Ҷануб – Форс, Кирмон, Аҳвоз ва

соҳилҳои Халиҷи Форс[1] тақсим карда шуд, ки дар натиҷа сипаҳсолорони минтақаҳо дар марҳилаҳои душвору ногувор марказгурезӣ намуда, ҳокимияти худро мустақил эълон мекарданд. Дар маҷмуъ ислоҳоти Хусрав дар ибтидо барои истиқрори шукӯҳу шаҳомат ва қудрати ҳукумати марказии шоҳаншоҳӣ хизмати мусбат карда бошад ҳам, дар ниҳоят боиси бесуботӣ ва ноамнии ҷомеа гардида, ниҳодҳои суннатии сиёсӣ ва мудофиавии шоҳаншоҳиро аз байн бурд.

5. Пардохти андозу хироҷҳои гарон сабаби бад шудани вазъияти иқтисодиву иҷтимоии оммаи мардум гардид. Низоми пардохти андозу хироҷҳои сарона дар замони Хусрави Анӯшервон дар аввал ба эрониён сабукӣ оварда, баъдан ҷорӣ гардидани шакли нақдинаи хироҷ, яъне бо нуқра пардохт намудани он ба зиндагии мардум вазининиҳои зиёд овард. Кишоварзон ва боғдорон хироҷи саронаи худро дигар пардохт карда наметавонистанд. Бо истифода аз фурсати муносиб заминдорони калон дар пардохти хироҷ ба онҳо қарз медоданд ва бар ивази қарз тадриҷан заминҳо ва боғоти онҳоро мулки худ месохтанд. Чунин вазъияти баамаломада, сатҳи иқтисодӣ-иҷтимоии зиндагии мардумро ба ҳолати ногувор оварда, сокинони кишвар нисбат ба низоми давлатдорӣ нафрат пайдо карда, дар интизори наҷотдиҳандаи худ буданд.

6. Низоми табақотии замони Сосониён тамоми мардумони одиро дилгир карда буд, зеро гузаштан аз табақаи поёнӣ ба табақаи болоӣ ва ё издивоҷи табақаи поёнӣ бо табақаи болоӣ ғайриимкон буд. Дар охир ғуломону нимғуломоне, ки ваъдаи таъмини баробариву бародарии ин ойинро мешуниданд, ихтиёран аз он пазироӣ мекарданд.

7. Имтиёзи табақотию маҳрум будан аз ҳаққи моликият, инчунин беҳуқуқии занону издивоҷу талоқи онҳо ночор авзои хоссае пеш оварда буд, ки дар ҷомеаи Сосонӣ, то андозае иттиҳоди мардумро аз байн бурда, тӯдаҳои азими мардум ҳамеша норозию нигарону маҳрум мезистанд. Инчунин руҳониёни мутаассиб, ва дабирону мубадони доро дар аввал, ки инқирози шоҳаншоҳии Сосониёнро мушоҳида мекарданд, барои он, ки мақоми гузаштаи худро ҳифзу таъмин намоянд, ба подшоҳ ва давлат хиёнат мекарданд. Ин хиёнатҳо дар охир сабаби аслии суқут ва заволи империяи Сосониён гардид.

8. Дини зардуштӣ дар аҳди Сосониён бо ин ки мазҳаби расмии кишвар буда, тамоми рукнҳои давлатдориро ба дасти худ гирифта буд, дигар натавонист ҳолатҳои эътиқодии мардумро ба як низоми муайян дароварад, балки адёну мазоҳиби мухталифи навтаъсис тавонистанд дар ҷомеа як парешонӣ ва буҳрони шадиди мазҳабиву фикрӣ ва сиёсӣ ба миён оварда, барои шикасти он аз тарафи арабҳои бодиянишин замина муҳайё созанд. Хусусан дар поёни давраи Сосониён дар ҳаёти дохилимазҳабии ойини зардуштӣ ихтилофҳои зиёд ба чашм мерасид. Илова бар ин зардуштия ҳамчун дини расмӣ-шоҳаншоҳӣ дигар манфиатҳои давлат, табақаҳои болоӣ ва аз ҳама муҳим ниёзҳои феодалонро таъмин карда наметавонист.

9. Пайравони адёни насронӣ, буддоӣ, монавӣ, маздакӣ, меҳрпарастӣ, бутпарастӣ, оташпарастӣ, зурвонӣ ва пайравони динҳои дигари ориёӣ бо ихтилофҳои ақидавӣ-идеологӣ ва гуногунандешии мазҳабии худ барои коста

---

[1] Абуалии Мискавайҳи Розӣ. Таҷорибу-л-умам [Матн] / М. Розӣ; тарҷумаи Абулқосим Имомӣ. – Теҳрон, 1369. – С.292.; Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-Русули ва-л-мулук [Матн]: иборат аз 14 ҷилд / М. Табарӣ; тарҷумаи Абулқосим Поянда. – Теҳрон: Асотир, 1375 ҳ.қ. – Ҷ.II. – С.646.; Саолибӣ. Шоҳнома. – С.293.

гардидани таъсир ва нуфузи дини расмӣ мусоидат намуданд. Ихтилофоти мазҳабӣ дар ин давра ҳар замон забона зада, барои камтаъсир намудани дини расмӣ ва суқути шоҳаншоҳӣ кумак мекарданд. Зардуштия бошад ҳамчун дини расмии кишвар камтаъсир ва бефурӯғ гардида, дигар таъиноти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи феодалиро таъмин карда натавонист. Эронзамин дар ин ҳолат буд, ки арабҳо бо дини навзуҳури хеш вориди майдони ҳарбу забткориҳо гаштанд.

10. Бо истифода аз вазъияти ногувор ва вазъи заифи амниятии Сосониён арабҳо тавонистанд бори нахуст дар соли 633 ба ҳукумати Сосониён зарба зананд. Дар замони хилофати Абубакр Ироқ ва Байнанаҳрайн, ки ба ҳайати шоҳаншоҳии Сосониён дохил буданд, аз ҷониби арабҳо забт карда шуд. Дар замони хилофати Умар ва Усмон бошад, доираи забткориҳои онҳо дар шимолу шарқ то ба марзҳои Моваруннаҳр расид. Умавиён дар навбати худ Мовароуннаҳрро то сарҳадҳои Чин таҳти тасарруфи худ даровварданд.

11. Дар тули забткориҳои марзҳои Эрон халифаҳо, волиён ва лашкари арабҳои истилогар ба амалҳои ғайриодилона ва берун аз қавонини исломӣ даст зада, боиси ба вуҷуд омадани ошӯбҳои зиддиарабӣ дар хоки Хуросону Мовароуннаҳр гардиданд. Арабҳои истилогар вазифаҳои аслии худро, ки интишори дин буд, як тараф гузошта, даст ба тамаъ ва моли мардуми Хуросону Мовароуннаҳр заданд. Дар баробари таҳкими ҷизя ва хироҷҳои вазнин бар дӯши мардуми одӣ, онҳо аз усулҳои аслии дин, хоссатан дар масъалаи адолати иҷтимоӣ даст кашиданд, ки дар натиҷа мардум зери парчами шуубиён, азрақиён, ошӯби Мухтор ибни Абуубайд, Ғурак, Деваштиҷ, Қарзанҷ, Собит, Ҳорис ибни Сурайҷ, Абумуслим, Сумбоди Мӯғ, Устод Сис, Муқаннаъ ва ғайра муттаҳид гашта, ба муқобили онҳо мубориза бурданд.

12. Натиҷаи шӯришҳои мардумӣ аз он иборат буд, ки неруи бузург ва тафаккури зиддиарабӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр ташаккул ёфт. Илова бар ин, намояндагони мардуми минтақа, аз ҷумла сулолаҳои бузургу муаззами Бармакӣ, хонадони Тоҳир ибни Ҳусайни Пушингӣ, хонадони Саффориён ва хонадони Сомониён аз ҷониби халифаҳои Аббосӣ ба умури давлатӣ, ба мансаби волиёни Хуросону Мовароуннаҳр, вазирон ва сарлашкарон таъйин мегардиданд, ки ин орзуи деринаи мардумони бумии Хуросони бузург дар роҳи ҳифзи марзу буми аҷдодияшон буд. Аз ин ба баъд Тоҳир ибни Ҳусайн, Яъқуб ибни Лайс ва Асад ибни Сомон дар назди халифа эътибори фавқуллода пайдо намуда, тадриҷан идораи Хуросону Мовароуннаҳр ба хонадонҳои Тоҳириёну Саффориёну Сомониён интиқол ёфта, пас аз чанде истиқлолияти ҳудудиву маъмурии хешро ба даст оварданд.

13. Бо хулосабарорӣ аз таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ раванд ва мақсаду махсусиятҳои муборизаҳои миллӣ-озодихоҳонаи мардумони Хуросону Мовароуннаҳрро метавон ба се марҳила тақсим намуд: Марҳилаи аввал, аз ибтидои лашкаркашӣ ба марзҳои Хуросон аз соли 642 то соли 705-ро дар бар гирифта, махсусият ва мақсади муборизаҳои ин марҳила пурра озод шудан аз арабҳои истилогар баҳри ҳифзи марзу буми аҷдодӣ ва боқӣ мондан ба ойини гузаштагони худ иборат буд. Марҳилаи дувум, муборизаҳои солҳои 705-750-ро дар бар гирифта, дар ин давра муборизаҳо хислати озодихоҳонаро касб намуда, барои дур намудани арабҳо аз сарзамини аҷдодӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ-инсонӣ, ва ахиран қабули исломи классикӣ-ноб иборат буд. Марҳилаи сеюм, аз соли 750 оғоз

гардида, то соли 819 идома ёфт. Мақсади муборизаҳо дар ин марҳила танҳо барои расидан ба ҳокимияти сиёсӣ иборат буд, ки дар ин марҳилаи муборизаҳо низ онҳо ғолиб гардида, аввалин давлатҳои миллии хонадонҳои маҳаллии минтақаро ба сари ҳокимияти сиёсӣ оварданд.

14. Сабабҳои гаравидани эрониён, хусусан сокинони Хуросону Мовароуннаҳр ба ислом яке аз мавзуъҳои мубрам ва то ин замон камомӯхташуда маҳсуб меёбад. Раванди паҳншавии ислом ва ё гаравидани эрониён – тоҷикон ба он аз раванди гаравиши мисриёну шомиён ва дигар манотиқи хилофат фарқи калон дошт. Ин дин аз ибтидои зуҳури худ ҳама пайравонашро, сарфи назар аз мансубияти қавмӣ, нажодӣ ва забонӣ як миллати бародар ва баробар эълон кард ва аз ҳуқуқи мискинон, занон ва ғуломон ҳимоят намуд. Ҳамин тариқ, ин дин аз лаҳзаҳои аввали зуҳури худ ҷанбаи ҷаҳоншумулӣ дошта, аз ин лиҳоз ба зеҳни эрониён созгор буд ва маҳз дар ҳамин асос заминаҳои густариши он дар ҷомеаи эронӣ ба вуҷуд омад.

15. Ҷанбаҳо ва сабабҳои исломпазирии эрониёнро таҳлил намуда, ба хулоса мерасем, ки муҳимтарини онҳо ба тариқи зайл буданд: мавҷуд набудани идея ва дини ягонаи мутаҳидкунанда дар шоҳаншоҳии Сосониён; мавҷудияти сохти табақотии ифротӣ ва нобаробарҳуқуқ; парокандашавии давлати мутамарказ ва буҳрони шадиди иҷтимоӣ дар шоҳаншоҳии Сосониён; буҳрони маънавӣ ва ё пиршавии асосҳои анъанавию ахлоқии ҷомеа; мавҷуд набудани муносибатҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ; ба кор бурдани низоми иқтисодӣ ва иҷтимоии ғайрифаъол дар шоҳаншоҳии Сосониён; низоми судӣ ва қонунгузории зиддиинсонӣ дар шоҳаншоҳӣ; арзишҳои диққатҷалбкунандаи дини нав (ислом) ва хусусиятҳои ахлоқиву башардӯстонаи он; дарки моҳияти таълимоти ислом аз ҷониби эрониён; дарки моҳияти раванди нави таърихии ҷаҳон; раванди бесобиқаи зуҳури дину ойинҳои нав дар ҷомеа; суқути дину мазҳабҳо ва ҷараёнҳои собиқ; раҳоӣ аз хироҷи бесобиқаи Сосонӣ ва ҷизяи арабӣ; кӯчонидани арабҳо ба минтақаҳои мухталифи Хуросону Мовароуннаҳр ва ба вуҷуд омадани муносибатҳои хешутаборӣ ва омезиши қавмҳо ва ғ. Сабабу омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ин раванд, қабл аз ҳама дар паст гардидани сатҳи зиндагии мардуми одӣ, норизогӣ аз низоми идории ноодилона ва хироҷгузорӣ буданд. Аз мардуми зердаст ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз тарафи ҳокимону ашрофон ва заминдорон андозҳои миёншикан ситонида мешуданд. Чунин вазъи хироҷгузорӣ ба касодии вазъи иқтисодии мардум оварда расонд, ки дар рӯзҳои аввали зуҳури ин ойин, ваъдаи баробарӣ ва бародарии исломро шунида, рӯй ба он оварданд.

Ҷизя ва тарзи ситонидани он аз мардумони ғайримусулмон низ дар раванди гироиши ин дин нақши муҳим бозид, зеро мардуми одӣ баробарии исломро шунида моили он гардида, аз пардохти ҷизя озод мешуданд. Дар охири хилофати Умавиён, ки тамоми Хуросон аз тарафи арабҳо забт карда шуда буд, донишмандони маҳаллӣ ба омӯзиши асосҳои ин фарҳанг пардохтанд. Баъд аз фарогирии тамоми рукнҳои исломӣ раванди гаравидани мардумони Хуросону Мовароуннаҳр ба ислом тобиши дигар гирифт.

16. Саҳми эрониён – тоҷикон дар интишори ислом миёни қавмҳои дигар, хусусан дар Ҳиндустон, Чин, Африқову Осиё ва Индонезияву дигар нуқоти олам намоён аст. Баъд аз дарки мафоҳими Қуръон эрониён-тоҷикон на танҳо ба ин дин

гаравиданд, балки онро беш аз ҳар миллати дигар ва ҳудудҳои ҷуғрофии дигар густариш доданд.

17. Дар бахши густариши илму фарҳанги исломӣ низ нақши эронитаборон алалхусус тоҷикон шоистаи таҳсин буда, дар ду қарни аввали исломӣ онҳо дар аксар улуми исломӣ, ба монанди қироат, тафсир, ҳадис, фиқҳ, сарфу наҳви араб, таърих, тарҷума, риёзиёт, нуҷум ва амсоли инҳо ба ҳайси асосгузорони ин улум ном бароварданд ва ба мусалмонони дунё ҳаққи устодӣ пайдо карданд.

18. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар асрҳои IX-X мелодӣ ҳавзаи илмӣ-фарҳангии Мовароуннаҳр аз ҳар ҷиҳат пешрафта буда, олимони минтақа дар рушду такомули илмҳои мухталиф саҳми бориз гузоштанд. Онҳо кӯшиш намуданд, на танҳо симои фарҳангии минтақаро нигоҳ доранд, балки бо истифода аз арзишҳои моддӣ ва маънавӣ ғояҳои башардӯстонаи илмӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғайра тавонистанд гуногунандешии мазҳабиро таъмин намоянд. Бар илова аз ин, онҳо бо роҳҳои мухталиф рӯй ба ойини нав оварда, ба он либоси миллӣ пӯшонданд. На танҳо фарҳанг ва забони худро гум накарданд, балки дар доираи арзишҳои ин ойин ба таърих, забон, урфу одат, ахлоқ ва ғайра хусусияти қонунӣ бахшиданд. Мазҳаберо пазируфтанд, ки поягузори он аз зумраи тоҷикон буд ва он мазҳаб хусусияти хоси ҳуввиятӣ ва фарҳангӣ дошт.

19. Дар даврони салтанати Сомониён шароити таърихӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмӣ боиси поягузориву бунёди таълимоти давлатӣ дар доираи ақидаҳои Абуҳанифа гардид. Ҳадаф аз таъсиси ин таълимоти комил ташаккул додани андешаҳои каломӣ, фиқҳӣ, ахлоқӣ ва сиёсии мактаби хусусияти миллӣ-мазҳабидоштаи ҳанафияи Мовароуннаҳр буд, ки бояд натиҷаҳои зерин ба бор меовард: ташаккул ва такомули таълимоти ҳанафия; таъмини амнияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сарҳадӣ; аз байн бурдани зиддиятҳои ақидатӣ; рушду инкишофи таълимоти ахлоқии ҷомеа; хотима бахшидан ба муборизоти сиёсӣ ва ҷангҳои қавмӣ ва маҳаллӣ; пешрафти илму фарҳанг дар доираи як ғояи муттаҳидсозандаи оммаи мардум; беҳбудӣ бахшидан дар муносибатҳо бо кишварҳои ҳамсоя ва ғайра.

20. Дар иртибот ба таҳлилҳои боло метавон хулоса кард, ки ҳанафиёни Мовароуннаҳр дар таълимот ва баҳсҳои худ анъанаи қадимаи радду бадали фирқаҳо ва мактабу ҷараёнҳои диниву мазҳабӣ ва фалсафиро риоя намуда, бо «санавиён» ва «даҳриён» (моддигароён) дар ҳолати таззоди фикрӣ қарор доштанд. Андешаҳои ин ва дигар фирқаҳои мавҷуда ба доманаи баҳс кашида шуда, дар чаҳорчӯбаи талаботи осори ба “милалу ниҳал” бахшида онҳоро таҳлил кардаанд. Онҳо худро аз хатари бунёдгароӣ ҳифз намуда, барои таҳким бахшидани ақида ва ҳифозати мавқеи худ саъю талош кардаанд. Ҳадафи онҳо ҳифзи мавқеи худ аз «бероҳон» ва “ифротгароён” буд. Онҳо хусусияти миллии фарҳанги хоси Мовароуннаҳрро таблиғ карда, онро аз таъсири фарҳангҳои маънавии бегонагон нигоҳ доштанд.

21. Аз ҷониби дигар сабаби мавқеи устувор пайдо намудани ҳанафия дар Мовароуннаҳр аз он иборат буд, ки Абуҳанифа аз лиҳози сиёсӣ таъкид менамуд, ки дилхоҳ мусулмон новобаста аз қабилаи Қурайш ва ё аз дигар қабоили араб будан, метавонад ба сари ҳокимияти сиёсӣ – хилофат биёяд. Албатта ин “андеша” ва ё “фатво” мавҷудияти хилофатро зери суол мебурд ва сабаби қатли Абуҳанифа ҳам гардида буд. Бинобар ин хонадонҳои ҳукуматгари Хуросону Мовароуннаҳр барои ҳар чӣ зудтар расидан ба ҳокимияти сиёсӣ аз мазҳаби ҳанафия ҷонибдорӣ намуда,

худро ҳокимони қонунии минтақа эълон намуданд ва заминаҳои устувори давлатдории миллии Тоҳириёну Саффориёну Сомониёнро гузоштанд.

22. Давраи исломии таърихи халқи тоҷик қабл аз ҳама оғози ҷаҳонбинии нави аҷдодони мо гардид. Ҷаҳонбиние, ки дар шинохти Офаридагор бо даврони қабл тафовут дошт, зеро гузаштагони мо ҷаҳонбинии монотеистиро бар дуализм тарҷеҳ доданд. Ҷаҳонбиние, ки бо вуҷуди умумияту монандиҳое бо даврони гузашта (меҳрпарастиву сипас зардуштӣ) вижагиҳои худро дошт, ки баъзе аз бунёд бо боварҳои қаблӣ тафовут доштанд. Маълум аст, ки дар остонаи зуҳури ислом ва қарни нахустини он дар Эрону Вароруд агарчӣ зардуштия дини аксарият буд, аммо шуруъ аз асри III буддоия аз Шарқу Ҷануб ва аз асри IV масеҳият аз самти Ғарб сар даровoарда, теъдоди зиёди аҳолиро ба сӯйи худ кашиданд. Ҳатто шоҳоне чун Яздигурди 1 ва Канишка мувофиқи баъзе ривоёт дини зардуштиро раҳо карда, ба кешҳои нав даромаданд. Ислом ба бисёрдинӣ дар Эрону Вароруд хотима дод ва гарчӣ то садсолаҳои баъд пайравони ойинҳои дигар дар ҳудудҳои зикршуда мезистанд, вале ҳокимияти ин дин аз асри IX ба баъд бемунозиъа буд. Тамаддуни беназире, ки минбаъд дар ин сарзамин офарида шуд, аз ҷониби мардуми бумӣ ва бар пояи суннату андешаҳои маҳаллӣ, вале бо симои исломӣ халқ шуд. Яъне ғайр аз дигар шудани ҷаҳонбинӣ тамаддуни хос низ пайдо мешавад, ки ҳосили омезиши тамаддуни бумӣ ва боварҳои исломӣ буд. Пас бар асоси даврабандии Тойинбӣ асоси муҳками дигар (тамаддун) ҳам вуҷуд дорад, ки онро ҳеҷ муҳаққиқи дақиқназаре наметавонад инкор кунад.

23. Дигар далеле, ки ба тарафдории марҳилаи алоҳида будани таърихи исломии халқи тоҷик ироа мешавад, он аст, ки пас аз забти Эрон ва Осиёи Миёна аз ҷониби арабҳо ва эрониёни мусалмоншуда (қисми муҳимми лашкари фотеҳони арабро эрониёни мусалмоншуда ташкил медоданд) ба парокандагии сиёсии ин минтақа хотима дода шуд ва ҳудудҳои сарҷамъӣ ва дар оянда макони ташаккулёбии халқияти тоҷик дар таркиби як империяи муқтадир гузошта шуд. Тавре ки маълум аст, яке аз омилҳои ташаккули халқияти тоҷик маҳз дар ҳудуди як империя муттаҳид гаштани ҳудудҳои муайян мебошад. Академик В.В.Бартолд дар мақолаи «Тоҷикон»-и худ менависад, ки истилои араб таркиби этникии минтақаро тағйир дода, ба он номи нав бахшид. Ҳамин тавр раванди ташаккулёбии халқияти тоҷик ба марҳилаи ниҳоии худ расид. Ба андешаи В.В.Бартолд истилоҳи тоҷик (тозик) бештар ҷанбаи фарҳангӣ (эрониҳои мусалмоншуда) дошт, на этникӣ. Раванди ҳамоиши халқиятҳои шарқиэронӣ, ки муддатҳо қабл аз омадани арабҳо шуруъ гардида буд, дар даврони тасаллути онҳо ба марҳилаи нав ва ниҳоӣ расид. Ин давра вусъати шаҳрҳо ва тараққиёти ҷомеаро ҳам ба марҳилаи нав ва рушдёфта ҳидоят кард, ки аксари муаррихон онро таъйид кардаанд.

24. Марҳилаи таърихи исломии халқи тоҷик бо юриши муғул ва ҳукумати ҳафтсадсолаи пасмондаҳои он хотима меёбад. Зеро пас аз ба истилоҳ «фоҷиаи муғул» марҳилаи дигаре дар таърихи мо шуруъ мешавад, ки яке аз усулҳои он танҳо ба ҳукумат нишастани муғул ё муғулзодаҳо буд. Агарчӣ тоҷикон фарҳанги исломиро нигоҳ дошта, ҳатто муғулҳоро низ ба қабули ин дин водор карданд, вале то муддате арзишҳои фарҳангии муғулӣ (ёсо) ҷойгузини дину шариат гашта, то садсолаҳои баъдӣ унвонҳои ғолибан муғулӣ (хон, атолиқ, қушбегӣ, ясавул) ҷойгузини русумоти тоҷикӣ-исломӣ шуд. Агар султону амирони туркнажоди

ғазнавию хоразмшоҳиро манобеи муътабар (Байҳақӣ, Шабонкораӣ) ва муҳаққиқони хориҷӣ (К.Э.Босворт) тоҷик номанд, пас аз ҳамлаи муғул мо раванди баръаксро мушоҳида мекунем. Раванди тадриҷан аз воҳаҳо кам шудани тоҷикон ва ба кӯҳу камар хазидани онҳо. Дар даврони ҳукуматҳои муғулӣ ислом, ки дини як қавми биёбониву даррандаҳӯ гашта буд, дигар паноҳгоҳу наҷотбахши оммаи мазлуму ситамкаш маҳсуб намегашт, аз ин рӯ дигар он ҷозибаву чеҳраи маънавӣ ва созандаашро гум мекунад. Бо истифода аз ин фарҳанг дар паҳнои Хуросону Мовароуннаҳр корҳои норавою аъмоли нописанди ҳукуматҳои асрҳои XIV-XIX амалӣ мегаштанд. Қабилаҳои дашти Қипчоқ, ки аз мусулмоншавии онҳо чанд сол мегузашт, дар айёми лашкаркашӣ ба Хуросону Мовароуннаҳр ба ҷангу хунрезиҳои худ шиори «барқарор кардани ислом ва устуворсозии шариат» доданд. Беҳуда набуд, ки дар замоне ки ҷаҳон ба марҳилаи нави таърихӣ расид, дар сарзаминҳое ки дар тули асрҳои зиёд чун «маркази ислому дин» ва «қуббатул-ислом» шуҳра буд, барои гаравишҳои моддигароиву илҳодӣ замина фароҳам омад. Аз ин давра баъд тоҷикон дар соири билод бо қаламу шамшер ба нашри ислом намепардозанд ва танҳо дар силки суфиёну хирқапӯшон ба Ҳинду Рум тасаввуфи хуросониро ба армуғон мебаранд. Бештари муаррихони ғарбӣ ҳам ҳамлаи муғулро бузургтарин зарба ба пайкару руҳу равони мардуми тоҷик ҳисобидаанд. Тоҷикон бо ин вуҷуд бар дини ислом боқӣ монданд. Ин давраро бо ҳамон чеҳрае ки ҳаст бояд муаррифӣ кард.

25. Ҳамин тавр мо дувоздаҳ қарни охирро бо ин фарҳанг ба сар бурдаем ва аркону аҳкоми ин дин бар матни ҷомеаи мо ворид шуда, ҷузъи зиндагониямонро ташкил медиҳад. Иҷрои русумоти динӣ аз рӯзи таваллуд то лаҳзаи марг моро ҳамроҳӣ мекунад. Таърих, фарҳанг, адабиёт ва ҷаҳонбинии мо дар ҳазорсолаи охир бо ин фарҳанг тавъам будааст. Пас чаро ин пора аз таърихи ҳуввиятсози мо дорои чунин ҳаққе набошад, ки бахше аз таърихи моро ба худ ихтисос диҳад? Нуктаи мусаллами дигар ин аст, ки аҷдоди мо хадамоти арзандае ба ислом карда, барои тараққии донишҳои динӣ миёни миллатҳои гуногун кӯшиши бедареғ варзидаанд. Адабиётшиноси маъруф Эдвард Броун эътироф мекунад, ки «агар аз улуме, ки умуман ба исми араб маъруф аст, чи тафсиру ҳадис ва илоҳиёту фалсафа ва тиббу луғату тароҷими аҳвол ва ҳатто сарфу наҳви забони арабӣ, он чиро ки эрониён (тоҷикон) дар ин мабоҳис навиштаанд, ҷудо кунед, беҳтарин қисмати он улум аз миён меравад».[1] Бештари муаррихони мо ҳам ин воқеиятро тазаккур дода, бо он меболанд.

[1] Ибни Курбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим [Матн] / И. Қурбон. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – С.104.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1.Замони он расидааст, ки дар Тоҷикистон тамоми осори марбут ба замони истилои араб ва истиқрори ислом бо алифбои имрӯзаи тоҷикӣ баргардон, тарҷума ва нашр карда шавад, то мардуми кишвар аз воқеяти таърих огоҳ шаванд.

2. Таърихи раванди забткориҳои араб ва мубориза҆ои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ва сабабҳои ба ин дин гаравидани тоҷикон мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, натиҷаҳои ин таҳқиқот дар маҷмуаи ҷудогона ба нашр расонда шавад.

3. Дар чаҳорчӯбаи барнома ва лоиҳаҳои илмӣ замони паҳншавии ислом дар байни аҳолӣ аз нигоҳи донишмандони таърих, фалсафа, сиёсатшиносӣ ва забону адабиёт омӯхта шавад;

4. Таърихнигории масъалаи истиқрори ислом дар сарзаминҳои тоҷикнишин офарида шавад;

5.Бостоншиносӣ ва сиккашиносии давраи мазкур дар таҳқиқоти ҷудогона ба роҳ монда шавад;

6. Муборизаи аҷдоди тоҷикон алайҳи истилогарони аҷнабӣ дар таҳқиқоти ҷудогона баррасӣ ва арзёбӣ карда шавад;

7. Аз рӯи маводи бадастомада курси махсус барои донишҷӯёни факултетҳои таърих ва шарқшиносии муассисаҳои олии кишвар ба роҳ монда шавад;

8. Бо мақсади мубориза бурдан алайҳи ифротгароӣ ва терроризм ва бедор кардани руҳияи ватандӯстии насли наврас омӯхтани давраи мазкур дар курсҳои кӯтоҳмуддат ба назар гирифта шавад.

9. Доир ба нақши аҷдоди тоҷикон дар густариши ислом ва мазҳаби ҳанафия дар сарзамини Ҳиндустон ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ лоиҳаи илмӣ тарҳрезӣ гашта, натиҷаҳои он дар монографияи алоҳида ба нашр расонда шавад.

10. Перомуни мероси мазҳаби ҳанафия ва нақши он дар таъриху тамаддуни тоҷикон марказҳои таҳқиқотӣ дар донишгоҳу ниҳодҳои илмӣ таъсис дода шавад.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Монографияҳо:

[1-М]. Гуломов. Т.М. Этнорелигиозные и этнокультурные процессы принятия ислама в Центральной Азии [Текст] / Т.М. Гуломов. – Душанбе, Сино, 2014. – 157 с.

[2-М]. Гуломов. Т.М. Распространение ислама в Хорасане и Мавераннахре в VII-VIII вв. По сведениям исторических источников, [Текст] / Т.М. Гуломов. – Душанбе: Сино, 2016. – 200 с.

[3-М]. Ғуломов. Т.М. Густариши ислом дар Хуросони Бузург [Матн]: дар асрҳои VII-X / Т.М. Ғуломов. – Душанбе: Хирадмандон, 2020. – 301 с.

### II.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[4-М]. Ғуломов, Т.М. Ҷойгоҳи вақф дар густариши улум ва таъсиси китобхонаҳо дар асри Сомониён [Матн] / Т.М. Ғуломов, Фараҳнози Кӯҳан // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2012. – №3/7 (99). – С.54-57.

[5-М]. Ғуломов, Т.М. Саҳми донишмандони тоҷик дар ташаккули улум ва фарҳанги исломӣ [Матн] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2017. – №3/2. – С.159-163.

[6-М]. Ғуломов, Т.М. Инъикоси авомили истиқрори ислом дар Мовароуннаҳр тибқи сарчашмаҳои таърихии асрҳои IX-XII [Матн] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2017. – №3/3. – С.121-125.

[7-М]. Ғуломов, Т.М. Раванди ташаккулёбии донишҳои таърихӣ ва шеваҳои таърихнигории исломӣ дар асрҳои VIII-X [Матн] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2020. – №9. – С.86-91.

[8-М]. Гуломов, Т.М. Захват арабами основных центров Сасанидской империи и падение государство [Текст] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргадон ва тарҷума, 2021. – № 1. – С.5-12.

[9-М]. Гуломов, Т.М. Роль иранских народов в распространении ислама [Текст] / Т.М. Гуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2021. – №2. – С.5-13.

[10-М]. Гуломов, Т.М. Утверждение новой ценностной парадигмы в социально-религиозной жизни народов Центральной Азии [Текст] / Т.М. Гуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2021. – №3. – С.12-20.

[11-М]. Гуломов, Т.М. Традиционные культуры и религиозные верования народов древного Ирана в контексте исторического развития. [Текст] / Т.М. Гуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2021. – №4. – С.5-13.

[12-М]. Ғуломов, Т.М. Инъикоси раванди исломигардонӣ ва исломпазирии бумиёни Хуросону Мовароуннаҳр дар сарчашмаҳои таърихӣ [Матн] / Т.М. Ғуломов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – №1 (013). – С.26-32.

[13-М]. Ғуломов, Т.М. Бозтоби мубориза ҳои озодихоҳонаи мардумони бумии Хуросон бар зидди истилогарони араб дар манбаҳои асримиёнагии форсӣ [Матн] / Т.М. Ғуломов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – №2 (014). – С.36-43.

[14-М]. Ғуломов, Т.М. Заминаҳои динӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии паҳншавии ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр [Матн] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2022. – №1. – С.49-54.

[15-М]. Ғуломов, Т.М. Бозтоби мубориза ҳои озодихоҳонаи мардумони бумии Мовароуннаҳр бар зидди истилогарони араб дар манбаҳои асримиёнагии форсӣ [Матн] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2022. – №2. – С.22-32.

[16-М]. Ғуломов, Т.М. Раванди ташаккули мазҳаби ҳанафия ва мактабҳою ҷараёнҳои он дар Хуросону Мовароуннаҳр [Матн] / Т.М. Ғуломов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – №4 (014). – С.64-72.

[17-М]. Ғуломов, Т.М. Таърихи мубориза ҳои мазҳабӣ ва ташаккули ҳанафия дар замони Сомониён [Матн]: тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ / Т.М. Ғуломов //

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2022. – №5. – С.33-43.

[18-M]. Ғуломов, Т.М. Нақши мазҳаби ҳанафия дар ташаккули ҳувият ва арзишҳои миллии тоҷикони Мовароуннаҳру Хуросон [Матн] / Т.М. Ғуломов, А.А.Шамолов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2022. – №6. – С.14-27.

[19-M]. Гуломов, Т.М. Роль социально-политической и культурной деятельности мыслителей Хорасана и Мавераннахра в развитии и адаптации ислама [Текст] / Т.М. Гуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2022. – №7. – С.5-14.

[20-M]. Муллоҷонов, С.К., Ғуломов, Т.М. Хуросону Мовароуннаҳр дар остонаи қудратёбии Сомониён [Матн] / С.К. Муллоҷонов, Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2023. – №1. – С.5-14.

[21-M]. Ғуломов, Т.М. Нақши муборизаи Абумуслими Хуросонӣ дар сарнавишти халқи тоҷик [Матн] / Т.М. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2023. – №8. – С.5-12.

**III.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**

[22-M]. Ғуломов, Т.М. Саҳми мутафаккирони тоҷик дар ташаккули тамаддуни исломӣ ва муколамаи тамаддунҳо [Матн] / Т.М. Ғуломов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии “Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо дар замони муосир” бахшида ба 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25-солагии Конститутсияи ҶТ ва 22-солагии Ваҳдати миллӣ, 17-18-майи соли 2019. ДДБ ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2019. – С.256-263.

[23-M]. Ghulomov, T.M. Evolution of religious consciousness: from zoroastrism and other ethnoreligious beliefs and religions to islam [Text] / T.M. Ghulomov // Scientific Collection «InterConf», (39): with the Proceedings of the 8th International Scientific and Practical Conference «Science and Practice: Implementation to Modern Society» (December 26-28, 2020). – Manchester, Great Britain: Peal Press Ltd., 2020. – P.698-706.

[24-M]. Ghulomov, T.M. Socio-political and cultural activities of thinkers of Khorasan and Maverannahr in the development and adaptation of islam [Text] / T.M. Ghulomov // Социально-политическая и культурная деятельность мыслителей Хорасана и Мавераннахра в развитии и адаптации ислама. // Scientific Collection «InterConf», (48): (April 4-5, 2021). – USA: Washington, EnDeavours Publisher, 2021. – P.361-365.

[25-M]. Ғуломов, Т.М. Вазъи сиёсии шоҳаншоҳии Сосонӣ дар арафаи ҳуҷумҳои аъроб ва инъикоси он дар манобеи таърихии асрҳои IX-XII [Матн] / Т.М. Ғуломов // Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии «Масоили мубрами манбаъшиносии муосир», 12 ноябри 2016. – Душанбе, 2016. – С.72-82.

[26-M]. Ғуломов, Т.М. Саҳми донишмандони тоҷик дар ташаккули улум ва фарҳанги исломӣ [Матн] / Т.М. Ғуломов // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамолики араб: марҳила, афзалият ва зарурияти ҳамкориҳо», 18 ноябри 2016. – Душанбе, 2016. – С.52-61.

[27-M]. Ғуломов, Т.М. Инъикоси омилҳои исломпазирии бумиёни Хуросони Бузург дар сарчашмаҳои таърихии асрҳои IX-XII [Матн] / Т.М. Ғуломов // Масоили

муҳимми таърихнигории муосири тоҷик. Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии ҶТ ш. Душанбе, 22 ноябри 2017. – Душанбе, 2017. – С.120-128.

[28-М]. Ғуломов, Т.М. Инъикоси муборизаҳои миллӣ-озодихоҳонаи халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ [Матн] / Т.М. Ғуломов // Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Саҳми Садриддин Айнӣ дар эҳёи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик” бахшида ба 140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ, 22 ноябри 2018. – Душанбе, 2018. – С.104-112.

[29-М]. Ғуломов, Т.М. Проблемаҳои муосири фаъолияти бойгонидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо [Матн] / Т.М. Ғуломов // Масъалаҳои мубрами бойгоншиносии муосири тоҷик: мушкилот ва дурнамо. Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 90-солагии Хадамоти бойгонӣ дар Тоҷикистон ва 20-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Хазинаи бойгонии миллӣ ва муассисаҳои бойгонӣ, 22 ноябри 2019. – Душанбе, 2019. – С.10-16.

[30-М]. Ғуломов, Т.М. Ташкили ҶМШИ Тоҷикистон-ташаббуси фарзандони фарзонаи миллат [Матн] / Т.М. Ғуломов // Тоҷикистон дар масири таърих. Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 95-солагии Эъломияи таъсисёбии ҶМИШ Тоҷикистон, 12 марти 2020. – Душанбе, 2020. – С.69-74.

[31-М]. Ғуломов, Т.М., Неъмонов, Б.З. Раванди ташаккулёбии донишҳои таърихӣ ва шеваҳои таърихнигорӣ дар аҳди Сомониён [Матн] / Т.М. Ғуломов, Б.З. Неъмонов // Суннатҳои Сомониён ва таъсиргузории он дар фарҳангу тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик. Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносӣ, 14 марти 2020. – Душанбе, 2020. – С.254-263.

[32-М]. Ғуломов, Т.М. Абурайҳон Берунӣ – ахтари тобноке дар самои улуми ҷаҳон [Матн] / Т.М. Ғуломов // Абурайҳон Берунӣ – ахтари тобноке дар самои улуми ҷаҳон. Маводи конфронси илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 1050-солагии Абурайҳон Берунӣ, ш. Душанбе, ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 20 майи 2023. – Душанбе, 2023. – С.349-357.

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

*На правах рукописи*

**ТДУ: 930.25.85. (575.3) (076)**
**ТКБ:66.1**
**Ғ-94**

**ГУЛОМОВ ТОДЖИДДИН МИРЗОАЛИЕВИЧ**

# ИСТОРИОГРАФИЯ АРАБСКИХ ЗАВОЕВАНИЙ И ОСВОБОДИТЕЛЬНАЯ БОРЬБА НАРОДОВ ХОРАСАНА И МАВЕРАННАХРА В VIII-X вв.

**АВТОРЕФЕРАТ**
диссертации на соискание учёной степени доктора исторических наук
по специальности 07.00.09. – Историография, источниковедение и методы исторических исследований

ДУШАНБЕ – 2023

Диссертация выполнена на кафедре историографии и архивоведения Таджикского национального университета.

**Официальные оппоненты:**

**Саидов Абдукаххор** – доктор исторических наук, профессор, старшый сотрудник отдела древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ

**Хакназаров Абдуназар** – доктор исторических наук, профессор кафедры истории таджикского народа Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни

**Курбонов Бахром Рахмонович** – доктор исторических наук, профессор, проректор по учёбе Таджикского исламского института им. Имоми Аъзам – Абуханифа Нуъмон ибн Собит

**Ведущая организация:**

Худжандский государственный университет им. академика Бободжона Гафурова.

Защита диссертации состоится «_____» _______ 2024 г., в 13:30 в зале заседаний диссертационного совета 6D.КОА-024 по защите диссертаций на соискание учёной степени доктора исторических наук (PhD), доктора по специальности при Таджикском национальном университете (по адресу: Республика Таджикистан, 734025, город Душанбе, проспект Рудаки, 17).

С диссертацией можно ознакомиться в Научной библиотеке Таджикского национального университета (734025, город Душанбе, проспект Рудаки, 17), а также на официальном сайте Таджикского национального университета (https://www.tnu.tj).

Автореферат разослан «__________» _____________ 2024 г.

**Учёный секретарь**
**диссертационного совета,**
**доктор исторических наук** **Акрамова С. Х.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования**. Тема историографии арабских завоеваний и освободительной борьбы народов Хорасана и Мавераннахра за независимость в VIII-X века-одной из актуальных вопросов вокруг которого проведено значительное количество исследований, однака и по настоящее время данная тема остается важной и злободневной в национальной историографии.

Данный вопрос подвергался обсуждениям также в кругах ненаучного и отнюдь не историографического характера. Академик Бободжон Гафуров, рассматривая данный важный вопрос, подчеркнул, что «при оценке исторического значения завоевания арабами Средней Азии не следует допускать переоценивание или недооценивание вопроса, как это прослеживается в завуалированной форме в некоторых исследованиях»[1]. Так, указанная тема представляет одну из актуальных исторических проблем народов Средней Азии, в особенности – период становления таджикского народа и его государственности.

Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон о данном периоде пишет: «Несмотря на разрушение социально-экономической системы Сасанидского общества и народа Варoруда, появление ислама послужило толчком, который повлиял на жизненный уклад, самопознание и мировоззрение всех арийских этносов, направив их на новый путь познания бога и монотеизма»[2]. Также особое значение приобрела необходимость исследования и изучения данного вопроса в меняющихся условиях современного мира и создания национального государства. В действительности, идеи, официально выдвигаемые и реализуемые на практике Лидером нации на протяжении многих лет, с точки зрения научной логики, правдивости и реальности, являются наиболее совершенными и передовыми духовными идеями на историческом пути развития, сохранения таджикской нации и ее государственности[3].

Утверждение ислама в Хорасане, с одной стороны, стало причиной необратимого поражения монархической системы Сасанидов, способствовавшей осуществлению стратегических планов римлян, греков, иудеев, христиан и буддистов относительно распада великой Иранской империи. С другой стороны, система абсолютного авторитаризма, выраженной противоречивой классовости, неблагоприятное экономическое положение, а также существование различных конфессий и вероисповеданий ударили по основам данного государства, послужив причиной упадка, а затем распада империи. Ведущие кочевой образ жизни арабы, которые долгое время подчинялись Сасанидам и выплачивали им налоги, теперь не только разрушили это великое государство, но более того, посредством новой религии внедрили новую политическую, социальную, экономическую и культурную систему.

В процессе завоеваний Хорасана и Мавераннахра и правления им, арабские халифы и наместники прибегли к несправедливым деяниям, нарушавшим рамки законов (шариата) новой религии, что послужило причиной антиарабских восстаний в данном регионе. Арабские завоеватели, оставив в сторону свою основную миссию, которая заключалась в распространении ислама, начали

---

[1] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна ва давари нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I – С.429. *(на тадж. яз.)*.

[2] Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3. – С.152. *(на тадж. яз.)*

[3] Ятимов, С. Эҳёи миллат -бақои давлат.// Рӯзномаи Ҷумҳурият», №171(24 782) аз 24.08.2023. *(на тадж. яз.)*

грабить имущество жителей Хорасана и Мавераннахра. Увеличив объем и ужесточая сборы возложенных на население тяжелых налогов и подати (джизя), они, тем самым, противоречили основным принципам ислама, в особенности – принципу социальной справедливости, что в итоге послужило причиной возникновения массовых восстаний против данной политики. Результатом народных восстаний оказалось формирование сильной антиарабской идеологии в Хорасане и Мавераннахре, позднее Аббасидских халифов они назначались на посты правителей регионов, на важных государственных чинах, на должности наместников Хорасана и Мавераннахра, визирей и военачальников для правления известных и уважаемых династий как Бармакиды, Тахир ибн Хусейна Пушанга, Фазла ибн Сахла Сараса, Саффавитов и семейства  Саманидов, каторая была давной мечтой коренных жителей Великого Хорасана на пути защиты границ и земли своих предков.

Актуальность исследуемой темы в формате докторской диссертации, по нашему мнению, подтверждается следующими фактами:

*Во-первых*, период арабского завоевания закладывал основу новой эпохи в политической истории региона и мира в целом, которая продолжалась на протяжении столетий. В данном процессе предки таджикского народа начали входить в круги мировых политик, распространявшихся на территории от границ Китая до Пиренейского полуострова, где культивировалась не только единая религия, но и получили развитие мировая торговля и взаимодействие культур;

*Во-вторых*, несмотря на то, что арабское завоевание положило конец циклу государственности предков таджиков, оно не лишило их влияния на процессы политической, социальной и культурной жизни, способствуя обогащению природного таланта и интеллектуального потенциала таджиков в других областях;

*В-третьих*, одним из основных последствий арабского завоевания стало утверждение ислама как новой религии среди иранского народа, что послужило причиной кардинальных изменений, произошедших в мировоззрении таджиков. Данный процесс повлиял на более чем тысячелетний период, на протяжении которого были созданы фундаментальные научные труды;

*В-четвертых*, несмотря на то, что данное завоевание задержало процесс формирования таджикского народа, следует отметить, что в целом, оно не уничтожило его. Более того, ислам, получивший распространение в регионе Хорасана и Мавераннахра не столько на арабском, сколько на персидском языке, в итоге достиг статуса основного вероисповедания ираноязычных народов и способствовал процессу объединения таджикского народа.

*В-пятых*, завоевание арабами Хорасана и Мавераннахра и утверждение ислама на этой земле было отнюдь не простым и плавным процессом, в ходе которого сформировались и продолжали формироваться новые элементы культуры, национальной самобытности, традиции и обычаи коренного населения. Оценка и получение научных результатов по данному историческому периоду представляют неотложную задачу отечественной историографии;

*В-шестых*, таджики, в качестве составляющей части населения единой территории мусульманского халифата VIII-XIII веков, сыграли существенную роль в развитии и процветании исламской цивилизации, что не всегда получает объективное признание и должную оценку зарубежных историков. Показать вклад предков таджикского народа в дальнейшее распространение ислама и развитие восточной

средневековой цивилизации, опираясь на авторитетные источники средневекового периода, также представляется важной задачей современной историографии;

*В-седьмых*, в регионах Центральной Азии и других странах Ближнего и Среднего Востока с мусульманским населением в течение последних трёх десятилетий стремительно распространяется политический ислам, который представляет угрозу современным обществам со светской национальной культурой и государственностью. Исследование корней и факторов, движущих данным процессом, позволяет сознательно бороться с подобными нежелательными явлениями, информировать и предупреждать молодое поколение о его ожидаемых последствиях.

**Уровень научной разработки исследуемой проблемы**. Отечественными и зарубежными учёными и исследователями подвергнуты изучению, анализу и научным изысканиям различные аспекты истории арабских завоеваний и освободительная борьба народов Хорасана и Мавераннахра. В изучении данного вопроса большой вклад внесли учёные и исследователи **Таджикистана, других стран Центральной Азии, Афганистана, Ирана, арабских стран, России, стран Европы и Америки**.

В исследовании вопросов доисламских религий таджиков, завоевания Хорасана и Мавераннахра арабами, а также утверждения ислама, мы руководствовались важными трудами Основоположника национального мира и единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона[1], в которых определены концепция изучения истории таджикского народа, и ее методология. Настоящая диссертация написана исходя из данной концепции, также ключевым источником при рассмотрении различных аспектов исследуемых проблем послужил фундаментальный труд выдающегося историка и государственного деятеля, академика Бободжона Гафурова[2].

В процессе изучения и анализа рассматриваемой темы были использованы монографии, статьи и научные исследования, которые условно разделены на несколько групп:

***В первую группу*** **входят научно-исследовательские работы таджикских учёных**, вклад которых весьма значителен в изучении различных аспектов исследуемой темы, истории исламских течений и ветвей (мазхабов), процесса их распространения и утверждения в Хорасане и Мавераннахре. Так, труды современных таджикских учёных можно разделить на несколько групп в зависимости от содержания и охватывания темы. ***К первой части*** относятся первые исследования на данную тему, которые послужили теоретико-методологической базой, в частности, работы Абдулхамида Джалилова[3] по вопросам арабских походов на Согд и освободительной борьбы согдийцев против арабов в первой половине VIII в. Другой

---

[1] Раҳмонов Э.Ш. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 447 с. *(на тадж. яз)*; ҳамон муаллиф. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3. – 259 с. *(на тадж. яз)*; *Там же.* Дин ва ҷомеа [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 672 с. *(на тадж. яз)*, ҳамон муаллиф. Забони миллат-ҳастии миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – 516 с. *(на тадж. яз)*; *Там же.* Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – 364 с. *(на тадж. яз)*; *Там же.* Имоми Аъзам [Матн]: рӯзгор, осор ва афкор / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – 419 с. *(на тадж. яз).*

[2] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон [Матн]: таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна ва давари нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – Ҷ.I. – 700 с, Ҷ.-II. – 412 с. *(на тадж. яз).*

[3] Джалилов, А. Согд накануне арабского нашествия и борьба согдийцев против арабских завоевателей в первой половине VIII в. [Текст] / А. Джалилов. – Сталинабад, 1961. – 165 с.; *Там же.* Из истории культурной жизни предков таджикского народа и таджиков в раннем средневековье [Текст] / А. Джалилов. – Душанбе, 1973. – 286 с.

таджикский учёный Голиб Гоибов[1] исследовал положение Средней Азии перед арабским нашествием, а также первый этап арабского вторжения на эту территорию.

***Вторая часть*** включает труды других таджикских исследователей, которые посвящены анализу политического, социального и экономического положения Согда, Тахаристана, Мавераннахра и Хорасана, рассмотрению процесса завоеваний и распространения ислама.

В исследованиях А. Мухтарова[2], Ю. Якубова[3], Р. Комилова и С. Камоли[4], С. А. Хатиба[5], Н. Хакимова[6], К. Расулиёна[7], М. Исоматова[8], а также новой работы Х. Камола[9], представляющей важнейшие достижения отечественной историографии, освещаются такие аспекты, как социально-экономическое положение Ирана накануне арабского нашествия, процесс их завоеваний в период правления рашидин, Омейидов и Аббасидов.

***Третья часть*** включает работ таджикских исследователей посвящена вопросам национально-освободительной борьбы. А. Хакназаров[10] исследовал борьбу иранцев против арабов, не предоставив при этом достаточных сведений о важной борьбе населения Хорасана до 734 года против халифата в периоды правления Омейядов и Аббасидов. Л. Бойматов[11] также рассматривает тему восстания Муканны в кратком изложении.

***К четвертой части*** относятся работы таджикских ученых, посвящённые таким вопросам, как вклад таджиков в формирование и развитие религиозной и светской наук, исламской культуры и цивилизации в VII-X веках. Здесь следует отметить труды известных исследователей Х. Назарова[12] и Ибн Курбана[13]. Докторская диссертация С. Мулладжанова[14], а также ряд других

---

[1] Гоибов, Г. Ранние походы арабов в Среднюю Азию [Текст] / Г. Гоибов. – Душанбе: Дониш, 1989. – 143 с.; *Там же*. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 906 с. *(на тадж. яз).*; *Там же*. Таърихи Ҳисори Шодмон, Чағониён ва Душанбе [Матн] / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 1999. – 221 с. *(на тадж. яз).*

[2] Мухторов, А. Афшин Ҳайдари Истаравшанӣ бузургтарин лашкаркаши Араб (асри IX) [Матн] / А. Мухторов. – Истаравшан: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2005. – 101 с. *(на тадж. яз).*

[3] Якубов, Ю. Религия Древного Согда [Текст] / Ю. Якубов. – Душанбе: Дониш, 1996. – 360 с. *(на тадж. яз).*

[4] Комилов, Р., Камолӣ, С. Сайре дар андешаҳои иқтисодии ҷаҳони ислом [Матн] / Р. Комилов, С. Камолӣ. – Душанбе, 1996. – 55 с. *(на тадж. яз).*

[5] Хатиб, С.А. Таърихи Хулафои Рошидин [Матн] / С.А. Хатиб. – Душанбе: Суннатулло, 2006. – Ҷ.I. – 363 с. *(на тадж. яз).*; Хатиб, С.А. Таърихи Хулафои Рошидин [Матн] / С.А. Хатиб. – Душанбе: Суннатулло, 2006. – Ҷ.II. – 273 с. *(на тадж. яз).*

[6] Ҳакимов, Н. Таърихи халқи тоҷик. [Матн] / Н. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 484 с. *(на тадж. яз).*

[7]Расулиён, Қ. Ду ҳазор соли таърихнигории тоҷикон (эрониён) [Матн] / Қ. Расулиён // Осори мунтахаб. – Душанбе: Дақиқӣ, 2014. – Ҷ.1. – С.83-162.; *(на тадж. яз). Там же*. Таърихи халқи тоҷик [Матн]: аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёна / Қ. Расулиён. – Душанбе, 2016. – 404 с.*(на тадж. яз).*

[8] Исоматов, М. «Таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ [Матн]: пажуҳише андар муносибатҳои Сосониён ва Ҳайтолиён / М. Исоматов. – Душанбе: Сино, 1996. – 136 с. *(на тадж. яз).*

[9] Камол, Ҳ. Авомили ба сари ҳокимият омадани Сомониён [Матн]: баррасиҳои ҳаводиси таърихии садаҳои VII-IX-и Хуросони Бузург дар асоси манобеи таърихӣ / Ҳ. Камол. – Душанбе, 2022. – 324 с. *(на тадж. яз).*

[10] Хакназаров, А. Освободительная борьба таджикского народа против Арабского Халифата (633-961) [Текст] / А. Хакназаров. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 372 с.; *Там же*. Ҷунбишҳои инқилобии мардумони эронитабор бар зидди хулафои араб [Матн] / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2005. *(на тадж. яз.)*; *Там же*. Таърихи баҳамойӣ ва ташаккули халқи тоҷик [Матн] / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2013. – 338 с. *(на тадж. яз.)*; *Там же*. Шукуфтаҳои иқтисод ва фарҳанги халқи тоҷик [Матн]: аз оғоз то асри XV мелодӣ / А. Ҳақназаров. – Душанбе, 2021. – 404 с. *(на тадж. яз.)*.

[11] Бойматов, Л. Муқаннаъ [Матн] / Л. Бойматов. – Душанбе, 2006. – 30 с. *(на тадж. яз.)*.

[12] Назаров, Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 138 с. *(на тадж. яз.)*.; ҳамон муаллиф. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе, 2005. – 492 с. *(на тадж. яз.)*.

[13] Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим [Матн] / И. Қурбон. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – 479 с. *(на тадж. яз.)*.

[14] Муллоджонов, С.К. Влияние религиозного фактора на политическую и социально-экономическую жизн Хорасана и Мавераннахра (IX-XI вв.) [Текст]: дисс... д-ра истор. наук: 07.00.02 / Муллоджонов Сайфулло Кучакович. – Душанбе, 2015. – 353 с.

его исследований [1] посвящены вопросу о роли религиозного аспекта в политической и социальной истории Хорасана и Мавераннахра IX-XI веков. Указанные работы выполнены на основе авторитетных персидских и арабских источников, а также трудов известных отечественных и зарубежных исследователей.

В исследованиях С. Б. Бузургмехра[2], М. Хазрати и Я. Саидиёна[3], А. Шамолова[4], Д. Давлатзода[5], А. Бокизода[6], Н. Зохидова[7] рассмотрены вопросы развития философской мысли и мировоззрения, эволюции мысли таджиков в средневековый период, возникновения национальных школ и религиозно-философских течений.

**Во вторую группу** вошли работы исследователей из стран **Центральной Азии и Афганистана**. Среди них особое значение имеют научные изыскания А. Хабиби[8] и М. М. Губора[9] о вкладе хорасанцев в распространении ислама, развитии религиозных и светских наук. Узбекский исследователь Т. Кадырова[10] обратила внимание на крестьянские движения и массовые восстания народов Хорасана и Мавераннахра. При этом в фундаментальных исследованиях по истории Узбекистана [11] и Казахстана [12], выполненных в рамках советских идеологических норм, прослеживается субъективный подход к данному вопросу. Татарстанские исследователи Р. Батыр[13] и Е. Березиков[14] уделяя внимание исследованию вопроса о распространении и становлении ханафитского направления, представляют общечеловеческие ценности ислама, исходя из его ханафитского толка.

**К третьей группе** относятся работы **иранских** ученых – А. Резаи[15], М. Ровандi[16] и С. Нафиси[17], которые включают важные сведения о социальном положении и системе социального сословия в Сасанидской империи. Работы Х. Пирния и А.

---

